
АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИНСТИТУТИ БОТАНИКА, ФИЗИОЛОГИЯ ВА ГЕНЕТИКАИ РАСТАНӢ

Бо ҳуқуқи дастнавис



ТДУ635.07:57+574(575_3)
ТКБ 42.2 (2тоҷик)
М-65

МИРЗОЗОДА БАДРИДДИН БОБОМУРОД

ХУСУСИЯТҲОИ БИОМОРФОЛОГӢ ВА ФИЗИОЛОГӢ - БИОХИМИЯВИИ НАБОТОТИ БАЛАНДПОЯИ САВАННАМОНАНДИ ҚИСМАТИ ҶАНУБИ ҚАТОРКӮҲИ ҲИСОР.

ДИССЕРТАТСИЯ

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биология

аз рӯй ихтисоси 1.5.18. Ботаника, 1.5.12.Физиология ва биохимияи растаниҳо **(**Илмҳои биологӣ)

Роҳбари илмӣ: номзади илмҳои биология, мудири озмоишгоҳи экология ва захираи растаниҳои ИБФваГР АМИТ Мадаминов Абдулло Асрақулович

Мушовир: доктори илмҳои биология, узви вобастаи АМИТ сарходими пешбари шуъбаи озмоишгоҳи фотосинтез ва маҳсулнокии Лабораторияи биохимиявии фотосинтези ИБФваГР АМИТ Ҷумаев Бахшулло Боқиевич

Хоруғ – 2026

Номгӯи ихтисорҳо, аломатҳои шартӣ

АМИТ- Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

АИКТ - Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон

КОА-Комиссияи олии аттестатсионӣ

ҶТ - Ҷумҳурии Тоҷикистон

ФР - Федератсияи Руссия

МОТ - Муассисаи олии аттестатсионӣ

ТҶ - Тоҷикистони Ҷанубӣ

ЧК -Чарогоҳҳои кушод

МА -Майдони алафдаравӣ

МҲ -Майдони ҳифзшаванда

КА-Корҳои анҷомдодашуда

Мундарича

МУҚАДДИМА……4
Тавсифи умумии таҳқиқот……...8
БОБИ 1. АСОСҲОИ ИЛМӢ НАЗАРИЯВИИ ОМӮЗИШИ ХУСУСИЯТХОИ БИОМОРФОЛОГӢ ВА ФИЗИОЛОГИЮ БИОХИМИЯВИИ РАСТАНИҲОИ БАЛАНДПОЯИ САВАННАМОНАНД.....15
1.1. Аҳаммияти биоморфологӣ ва иқтисодии растаниҳои набототи баландпояи саваннамонанд…….....……....15
1.2. Роҳҳои баланд бардоштани маҳсулнокии растаниҳои баландпояи саваннамонанд..……...24
1.3. Биоморфология ва ҳосилнокии растаниҳои ҷамоаҳои набототи баландпояи саваннамонанди қисмати ҷануби Тоҷикистон…….....24
1.4. Таҳқиқоти физиологӣ ва биохимиявии растаниҳои асосии ҷамоаи баландпояи саваннамонанд…….....30
БОБИ 2. ШАРОИТИ ТАБИИ, ОБЪЕКТҲО ВА УСУЛҲОИ ТАҲҚИҚОТ ……38
2.1. Мавқеи ҷуғрофии минтақаи таҳқиқот ва хусусиятҳои иқлими он.…38
2.2. Тавсифи набототи ҳавзаи дарёи Зиддӣ…….……....41
2.3. Усулҳои таҳқиқот.....…….....50
БОБИ 3. НИШОНДИҲАНДАҲОИ БИОМОРФОЛОГӢ-ФИЗИОЛОГӢ ВА БИОХИМИЯВИИ БАЪЗЕ НАМУДҲОИ ДОМИНАНТИИ ҶАМОАИ РАСТАНИҲОИ БАЛАНДПОЯИ САВАННАМОНАНД.....54
3.1. Рушди мавсимии растаниҳо…….....55
3.2. Хусусиятҳои экологию биологӣ ва сохтори юғанзор…….....96
3.3. Тайғйирёбии ҳосилнокии юғанзор.....99
3.4. Таснифоти систематикии набототи.....111
БОБИ 4. НИШОНДИҲАНДАҲОИ БИОМОРФОЛОГӢ-ФИЗИОЛОГӢ ВА БИОХИМИЯВИИ БАЪЗЕ НАМУДҲОИ ДОМИНАНТИИ ҶАМОАИ РАСТАНИҲОИ БАЛАНДПОЯИ САВАННАМОНАНД.....128
4.1. Миқдори пигментҳои пластидӣ дар баргҳои юғани хошокӣ, камоли кӯҳистонӣ ва макаки Леман…….....128
4.2. Иқтидори шиддатнокии фотосинтез ва миқдори моддаҳои нитрогенӣ дар узвҳои юғани хошокӣ, камоли кӯҳистонӣ ва макаки Леман.…….....133
БОБИ 5. БАРҚАРОРСОЗӢ ВА ИСТИФОДАИ УСТУВОРИ ЗАХИРАҲОИ ХӮРОКИ ЧОРВО 151
5.1. Арзёбии деградатсияи растаниҳо дар **чарогоҳи ноҳияи Варзоб**.....151
5.2. Барқарорсозӣ ва истифодаи устувори захираҳои растаниҳои хӯроки чорво.....156
БОБИ 6. БАРРАСИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ.....163
ХУЛОСАҲО...…….....166
ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ.....168
ИНТИШОРОТ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ……..….…....169
РӮЙХАТИ АДАБИЁТ..……..... 173

Муқаддима

Мубрамии мавзуи таҳқиқот. «Ҷумҳурии Тоҷикистон кишвари кӯҳистон аст, ки тақрибан 93%-и қаламрави онро кӯҳҳо ишғол намуда, ҳудуди умумии он 14,2 миллион га-ро ташкил медиҳад. Гуногунии анвои набототи онро ба назар гирифта, муҳаққиқон бар он ақидаанд, ки Тоҷикистон як озмоишгоҳи нодири табиӣ ва яке аз минтақаҳои бойтарини олами набототи Осиёи Марказӣ мебошад, ки дар он зиёда аз 4813 намуди растаниҳои рагдор нашъунамо мекунанд» [50]. П.Н. Овчиников қайд мекунад, ки «Масоҳати чарогоҳҳои табиӣ дар Тоҷикистон 3,8 миллион гектар буда, дар инҷо зиёда аз 1000 намуди растаниҳо мерӯянд. Майдони набототи баландпояи саваннамонанд фарогири бештар аз 600 ҳазор гектар буда, гиёҳҳо дар нишебиҳои ҷанубии аксари қаторкӯҳҳои Тоҷикистон, дар баландии 1000-3400 м аз сатҳи баҳр мерӯянд. Афзалият доштани минтақаи кӯҳсор барои вусъат додани чорводорӣ ва майдони чарогоҳҳои тобистона мусоидат мекунад ва дар чунин мавзеъҳо асосан растаниҳои баландпояи саваннамонанд нашъунамо доранд. Ба растаниҳои баландпояи саваннамонанд, пеш аз ҳама, форматсияи *Prangos pabularia* Lindl - юғани хошокӣ, *Ferula kuhistanica* Korov. – камоли кӯҳистонӣ, *Inula macrophylla* Kar.er Kir. - чоқала ва ғайра дохил мешаванд» [36, с. 265]. Дар робита F.P. O’ Mare менависад, ки «Чарогоҳҳо дар бехатарии озуқаворӣ саҳми калон мегузоранд, зеро онҳо қисми зиёди энергия ва сафедаҳоеро, ки ба чорвои кавшакунанда ҷиҳати истеҳсоли гӯшт ва маҳсулоти ширӣ зарур аст, таъмин мекунанд. Чарогоҳҳо яке аз муҳимтарин нигоҳдорандагони карбон мебошанд ва онҳо васлкунии карбонро идома дода, дорои потенсиали назарраси афзоиши минбаъда мебошанд» [59, с. 1263].

Мувофиқи маълумоти Barbara Wrobel ва дигар муҳаққиқони хориҷӣ «аз ҳад зиёд чаронидани чорво, боиси несту нобуд шудани алафзор, аз байн рафтани намудҳои растаниҳои нодир ва хароб шудани сохтори муҳити зист мегардад» [53, с. 2]. Дар навбати худ, аз меъёр зиёд

чаронидани чорво дар чарогоҳҳо барои вайрон шудани таркиби намуди чарогоҳҳо ва аз байн рафтани баъзе навъҳои маъмули растаниҳо мусоидат мекунад. Ҳамин тавр, ба назари B. Matteo ва дигарон «аз меъёр хеле паст будани захираҳо ва миқдори зиёди ҳайвонот дар чарогоҳҳо барои бад шудани сифат ва арзиши хӯроки чорво дар чунин муҳити зист мегардад, идоракунии чарогоҳҳо аҳамияти муҳим барои чаронидани чорво дорад, зеро маҳсулнокии чорво дар давраи мавсимӣ аз самаранокии чарогоҳҳо вобастагӣ дорад. Инчунин сифат ва миқдори хӯроки чорво, дуруст чаронидани чорво, шароити табиӣ, хусусан иқлим ва ғайра омилҳое ҳастанд, ки маҳсулнокии чорво аз инҳо вобастагӣ доранд. Низоми дурусти идоракунии чарогоҳҳо ба оптимизатсияи раванди мураккаб мусоидат мекунанд» [59, с. 107].

Atanas Sevov дар корҳои илмии худ дарҷ намудааст, ки «чарогоҳҳо дар коҳиш додани оқибатҳои тағйирёбии иқлим, алалхусус дар нигоҳдорӣ ва аз худ кардани карбон, инчунин ҳифзи гуногунии биологӣ нақши асосиро (бунёдиро) мебозад» [52, с. 187].

Муҳим будани масъалаи ҳифзи чарогоҳҳо ва дар робита ба ин мавзуъ омӯхтани хусусиятҳои биоморфологӣ ва физиологию биохимиявии набототи баландпояи саваннамонанди қаторкӯҳи Ҳисор моро барои таҳияи рисолаи диссертатсионӣ водор намуд.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ. Баррасии илмии хусусиятҳои биоморфологӣ ва физиологию биохимиявии набототи баландпояи саваннамонанд дар адабиёти илмӣ, аз ҷумла дар таҳқиқоти аксар муҳақиқони хориҷ, ба хусус Barbara Wrobel [53], Atanas Sevov [52], B. Matteo [58], вобаста ба шароити табиии маҳали минтақаҳои гуногуни татбиқ, инъикос ёфтааст.

Ба масъалаи мазкур олимони машҳур П.Н. Овчиников, Б.П. Плешков, Г.Т. Сидоренко, М.В. Понятовской, К.П. Рахманина низ бештар мароқ зоҳир намуда, чунин андеша доранд; «онҳо мушкилоти ҳифзи чарогоҳҳо, муҳайё намудани шароитҳои мусоид барои рушду

нумӯъи гиёҳҳои нодир ва алафзорҳо, ки ҳамчун хӯроки мавсимии чорво истифода бурда мешавад, дорои аҳамияти стратегӣ номидаанд. Ҳалли масъалаи гузошташуда барои амнияти озуқаворию мамлакат, таъминоти аҳолӣ бо маҳсулоти гӯштӣ, шир ва ғайра имкониятҳои бештар фароҳам меоранд» [37, с. 28; 39, с. 256; 41, т.3, 44, с. 34-44].

Олимони тоҷик барои нигоҳ доштани чарогоҳҳо ва идоракунии онҳо, инчунин барои баланд бардоштани дастрасии захираҳои хӯроки чорво пешниҳод мекунанд, ки таҷрибаи идоракунии чарогоҳҳо такмил дода шавад. Дар корҳои илмии муҳаққиқони тоҷик ба ин масъала таваҷҷуҳи зиёд равона шудааст. Муҳаққиқон А.А. Мадаминов, Д. Ҳусейнов ва Н. Азизова қайд менамоянд, ки «идоракунии устувори заминро аз ҳисоби беҳтар кардани идоракунии хоҷагии қишлоқ, масалан, аз ҳисоби зиёд кишт намудани зироатҳои лӯбиёгӣ ба даст овардан мумкин аст. Дар муқоиса бо монозироатҳои алафӣ, омехтаҳои алафӣ ва лӯбиёгӣ бартарии зиёд доранд ва растаниҳо бо ин элементи муҳим таъмин мекунанд. Онҳо низоми хокро бо нитроген ғани мегардонанд. Дар натиҷа харoҷоти нуриҳо кам шуда, истеъмоли хӯроки чорво зиёд мегардад. Ин бошад, имкон медиҳад, ки муҳлати ҷамъоварии ҳосил дароз карда шавад, бидуни он ки сифати хуроки чорво паст гардад» [28, с. 95; 29, с. 156].

Вазъи имрӯзаи чарогоҳҳо бо коҳиш ёфтани ҳосилнокии хӯроки чорво зери таъсири омилҳои антропогенӣ, тавсиф карда мешавад. Аз ҷумла А. Мадаминов дар асарҳояш қайд мекунанд, ки « Дар 30 соли охир дар чарогоҳҳои баландкӯҳ, аз меъёр зиёд чаронидани чорво ҷиҳати вайроншавии ҷамоаи растаниҳо мусоидат шудааст, ки ин зарурати таҳқиқоти гуногунии биологӣ, маҳсулнокӣ ва хусусиятҳои экологӣ-физиологии растаниҳои баландпояи саваннамонанди қисмати ҷанубӣ қаторкӯҳҳои Ҳисорро дар робита ба таъсири антропогенӣ нишон медиҳад. Гузаронидани чунин таҳқиқотҳо махсусан, дар минтақаҳои кӯҳӣ муҳим аст, дар баробари таъмин намудани растаниҳо бо моддаҳои

ғизоӣ, ин омил дар якчоягӣ бо дигар омилҳо, дар ташаккули набототи табиӣ нақши муҳим дошта, дар муайян намудани таркиб, сохтор ва сатҳи ҳосилнокии ҷамоаи растаниҳо аҳаммияти калон дорад» [25].

Чи тавре ки П.Н. Овчиников қайд намудааст; «яке аз соҳаҳои асосии хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон ин чорводории чарогоҳӣ мебошад, ки дар он чарогоҳҳои табиӣ аҳаммияти махсусро доранд ва қисми зиёди чарогоҳҳо ба навъи растаниҳои нимсаваннагӣ, ки онҳо дар қаламрави Тоҷикистон бартарӣ доранд, рост меоянд» [36, с.265]. Ин гуруҳи растаниҳо аз ҷиҳати флористикӣ ва геоботаникӣ дар айни замон дар таҳқиқоти олимон О.Е. Агаханянс [1], Ю.С. Григоров [6], Н.Г. Калеткина [14], А.А. Мадаминов, Р.Б. Киго [21], П. Н. Овчиников [35], С. Раҳимов, Ҷ. Зарифи [43], Ё.Ҳ. Сафаров [45], Р.Б. Сатторов [47], Г.К. Сидоренко [48], А.П. Синковская [49], П.Д. Ярошенко [51] ва дигарон тавсиф ёфтаанд.

Аз баррасӣ ва тавсифи адабиёти илмӣ муайян гардид, ки олимони зиёд дар корҳои таҳқиқотии худ вобаста ба маҳалу минтақаҳои мухталиф хусусиятҳои биологӣ, физиологӣ ва биохимиявии набототи баландпояи саваннамонандро мавриди таҳқиқ қарор додаанд.

Тоҷикистон релефи ба худ хос дошта, растаниҳои мазкур ба иқлим ва муҳити табии минтақаи қисмати ҷануби қаторкӯҳи Ҳисор мутобиқ шудааст. Омӯзиши чунин хусусиятҳо дар шароити маҳали муайяни кӯҳӣ бори аввал дар шакли рисолаи яклухт ва ҷудогона таҳқиқ мешавад.

Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо), мавзуъҳои илмӣ. Мазмун ва мундариҷаи диссертатсия бо назардошти талаботи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, рушди илм, техника ва технологияи муосир дар ҷумҳурӣ алоқаманд мебошад, аз ҷумла ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 сентябри соли 2020, №503 “Дар бораи самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025”, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2021, №170 “Барномаи мақсадноки давлатии рушди илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ барои солҳои 2021-2025”,

қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №264, “Барномаи давлатии тайёр кардани кадрҳои сатҳи баланди илмӣ барои солҳои 2021-2030”, “Барномаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф” барои солҳои 2020- 2040 омода гардидааст.

Рисолаи диссертатсионӣ бо корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар доираи мавзуи «Хусусиятҳои биоморфологӣ ва физиологӣ – биохимиявии набототи баландпояи саваннамонанди қисмати ҷануби қаторкӯҳи Ҳисор», РБ №0109ТД774, гузаронидашуда иртибот дорад. Мавзуи таҳқиқ дар асоси равияи илмӣ, нақшаи чорабиниҳои илмӣ-таҳқиқотии ҷорӣ ва дарозмуддати озмоишгоҳ ба иҷро расидааст.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Мақсади таҳқиқот. Омӯзиши гуногунии биологӣ, хусусиятҳои биоморфологӣ, экологию физиологӣ ва маҳсулнокии растаниҳои ҷамоаҳои набототи баландпояи саваннамонанди қаторкӯҳи Ҳисор дар робита бо таъсири антропогенӣ.

Вазифаҳои таҳқиқот:

- омӯхтани хусусиятҳои экологию биоморфологӣ ва маҳсулнокии ҷамоаҳои набототи баландпояи саваннамонанди қисми ҷануби қаторкӯҳи Ҳисор дар шароити гуногуни табиӣ;

- омӯхтани захираи хӯроки чорво дар ҳолатҳои гуногуни истифодабарии юғанзор дар ҳавзаи дарёи Зиддӣ;

- омӯзиши таркиби пигментҳо ва хусусиятҳои биохимиявии баргҳои растаниҳои асосии (доминант) юғанзор;

- омӯхтани иқтидори шиддатнокии фотосинтез, мубодила ва таркиби моддаҳои фотосинтетикии карбон ва нитрогенӣ дар узвҳои гуногуни растаниҳои доминантӣ - юғани хошокӣ (*Prangos pabularia Lindl.),* камоли кӯҳистонӣ (*Ferula kuhistanica Korov.*) ва макаки Леман (*Eremostachys lehmanniana* Bunge);

Объекти таҳқиқот. Объекти таҳқиқот ҷамоаи растаниҳои набототи баландпояи саваннамонанд (юғанзор) ва захираҳои растаниҳои хӯроки чорво дар нишебиҳои ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор мебошад.

Мавзуи таҳқиқот. Хусусиятҳои биоморфологӣ ва физиологӣ – биохимиявии набототи баландпояи саваннамонанди қисми ҷануби қаторкӯҳи Ҳисор.

Навгонии илмии таҳқиқот. Аввалин маротиба дар кори таҳқиқотии мазкур маҳсулнокии доминантҳои типи набототи баландпояи саваннамонанд дар се қитъаи ҷудогона: қитъаҳои ҳифзшаванда (ҚҲ), чарогоҳҳои кушод (ЧК) ва мавзеъҳои алафдаравӣ (МА) аз ҷиҳати илмӣ муайян карда шуд. Таҳқиқот нахустин бор дар шароити гуногуни экологӣ бо муайян намудани фаровонии намудҳо, сабзиш ва афзоиши баргу пояи растаниҳо, тағйирёбии таркиб, сохтор ва ҳосилнокии ҷамоаҳои растаниҳои баландпояи саваннамонанд (юғанзор), дар ҳолати табиӣ ва таъсири инсон (чаронидани чорво ва алафдаравӣ) гузаронида шудааст. Мониторинги таҳлили биометрии растании юған нишон дод, ки баландии растаниҳои озмоишии чарогоҳ дар қитъаи ҳифзшаванда 190 см ва дар чарогоҳҳои кушод 50 см, ки нисбат ба чарогоҳи кушод 3,8 маротиба баландтар мебошад. Маҳсулнокии умумии қисмати рӯизаминӣ дар қитъаи ҳифзшаванда 71,4 ц/га ва чарогоҳи кушод 20,2 ц/га-ро ташкил дод, ки назар ба қитъаи ҳифзшавнда 3,5 маротиба камтар мебошад.

Инчунин, навгонии дигар дар сохти хусусиятҳои физиологию биохимиявии доминантҳои юғани хӯрокӣ, камоли кӯҳистонӣ ва макаки Леман, дар се ҳолат: ЧК, МА, ҚҲ бори аввал ба таври комплексӣ таҳқиқ шудаанд. Таҳлили ҷараёни инкишофи фаъолияти танзимкунандаи афзоиш дар баъзе аз ин намудҳои доминантӣ гузаронида шуд. Миқдори умумии азот ва протеин, пигменти пластидӣ (хлорофилли *a* ва *b*, каротиноидҳо), инчунин иқтидори шиддатнокии фотосинтез дар баргҳои

юған, камол ва макаки Леман муайян карда шуда, мавриди арзёбӣ қарор гирифт.

Аҳамияти назариявӣ ва илмию амалии таҳқиқот. Аҳамияти назариявии таҳқиқот дар он инъикос мешавад, ки афкори муҳақиқони хориҷӣ, рус ва ватанӣ доир ба муҳимии омӯзиши хусусиятҳои биоморфологӣ ва физиологию биохимиявии набототи баландпояи саваннамонанд ба система дароварда шуд. Маҳз мавҷудияти чунин назарияҳо барои пешбурди таҳқиқот кумак намуд, ки он дар мазмун ва мундариҷаи бобҳои рисола зикр шудааст. Маълумоти ба даст омадаро дар раванди моделсозии маҳсулнокии ҷамоаҳои набототи баландпояи саваннамонанд ва барои истифодабарии устувори онҳо истифода бурдан мумкин аст. Натиҷаҳои таҳқиқот имконият медиҳад, ки дар асоси арзёбии сифати хӯрокии намудҳои доминантӣ дар даврaҳои гуногуни сабзиш ва шароити экологӣ, чун мавод барои оптимизатсияи моддаҳои ғизоии хӯроки чорво истифода бурдан тавсия дода мешавад. Усулҳои беҳтар намудани таркиб ва сохтори ин ҷамоаҳо бо мақсади табдил додани онҳо ба алафзори сермаҳсули хӯроки чорво коркард ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шудаанд. Муҳтавои рисоларо дар таҳияи дастурҳои илмӣ-методӣ, мавзуҳои ҷудогонаи фанҳои биоморфологияи наботот, физиологияи растанӣ ва хусусиятҳои биохимиявии гиёҳҳои таҳқиқшаванда ҷой доданд мумкин аст. Натиҷаҳои таҳқиқро донишҷуёни зинаҳои бакалаврӣ, магистратура, докторантон (PhD) ва унвонҷуён дар таҳияҳои маърӯзаҳо, мақолаву реферат, корҳои курсӣ, рисолаҳои хатми бакалаврӣ, магистрӣ ва ғайра истифода бурда метавонанд.

Ҳамчунин натиҷаҳои ба даст омадаро мутахассисони соҳаи кишоварзию чорводорӣ дар фаъолияти касбии худ истифода бурда метавонанд.

Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳод шаванда:

- натиҷаҳои омузишӣ динамикаи давраҳои мавсимӣ ва солонаи захираи растаниҳои ҷамоаҳои набототи баландпояи саваннамонанд дар шароити табиии қисми ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор;

- натиҷаҳои омузишӣ гуногунии биологӣ, сохтор ва маҳсулнокии ҷамоаҳои набототи баландпояи саваннамонанди қисми ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор;

- тағйирёбии миқдори пигментҳо ва нишондиҳандаҳои биохимиявии ҷамоаҳои набототи баландпояи саваннамонанд омили асосии нишондиҳандаҳои марҳилаҳои мавсимӣ;

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо. Таҳлили натиҷаи мушоҳидаҳои бисёрсолаи саҳроӣ, ҷамъоварӣ ва арзёбии маводҳои таҳқиқот эътимоднокии маълумотҳои бадастовардаро тасдиқ мекунад. Натиҷаҳои таҳқиқот дар маҷаллаҳои илмии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ нашр шудааст, ки эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро ошкор месозад. Дар гузаронидани мушоҳидаҳои саҳроӣ, усулҳои таҳқиқотии муосири умумӣ қабулшуда истифода шуданд. Дар асоси натиҷаҳои илмии ба дастовардашуда тавсияҳои назариявӣ ва амалӣ пешниҳод карда шудаанд. Маълумотҳои таҷрибавӣ дар шароити озмоишгоҳ ва тавассути компютери персоналӣ коркард шудаанд. Коркарди омории натиҷаҳо бо усули Б.А. Доспехов [11], инчунин бо бастаи (пакет) барномаи *Statistika Statgraf* гузаронида шуд.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Соҳаи мавзуи кори диссертатсионӣ ба фанҳои ботаника, физиология ва биохимияи растаниҳо мансуб буда, ҳадаф, вазифаҳо, истифодаи усулҳо, нуқтаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва натиҷаҳои таҳқиқот пурра ба шиносномаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 1.5.18. Ботаника, 1.5.12. Физиология ва биохимияи растаниҳо (илмҳои биологӣ) мутобиқат мекунанд:

Банди 1. Масоили назариявии пайдоиш ва инкишофи олами наботот, гуногуншаклии он, таснифот ва номенклатураи гурӯҳҳои

гуногуни растаниҳо ва ҷамоъаҳои наботот. Банди 2. Сохтори организмҳои растанигӣ, рушд ва инкишофи онҳо, асосҳои фаъолияти ҳаётӣ, мутобиқшавӣ ба шароити муҳити зист ва ҳамзистии муштарак. Сохтори анатомӣ-морфологии растаниҳо. Банди 4. Масоили назариявӣ ва амалӣ вобаста ба паҳншавии ҷуғрофии организмҳои растангӣ, хусусиятҳои паҳншавии ҳозира ва гузаштаи намудҳои растанӣ ва флора, ноҳиябандӣ ва харитасозии наботот ҳамчун яке аз захираҳои барқароршаванда. Банди 5. Муносибати намудҳо, гурӯҳҳои экологӣ, шаклҳои ҳаётӣ ва ҷамоҳаҳои растанӣ бо муҳити нашъунамо, нишондиҳии ҳолати муҳити зист бо истифода аз растаниҳо. Банди 10. Масоили назариявӣ ва амалӣ оид ба истифодаи растаниҳо, пеш аз ҳама захираҳои флораи табиӣ, бо мақсадҳои амалӣ (доруворӣ, ғизоӣ, техникӣ, хӯроки чорво, мелиоративӣ, ороишӣ ва ғайра). Банди 11. Таҳияи асосҳои интродуксия, акклиматизатсия ва ворид намудани растаниҳо ба кишт, инчунин асосҳои индикация ва мониторинги муҳити табиӣ ва пӯшиши наботот. Ҳамчунин, ба ихтисоси 1.5.12 - физиология ва биохимияи растаниҳо мутобиқ мебошад: Банди 1. Сохтор ва функсияҳои ҳуҷайраи растанӣ, ташаккул ва фаъолияти унсурҳои сохтории он, органеллаҳо, ситоскелет ва девори ҳуҷайра. Узвҳо, бофтаҳо ва системаҳои функсионалии растаниҳо. Таркиби кимиёвӣ, сохтор ва хосиятҳои моддаҳои табиати зинда; таҳқиқи хосиятҳо, ҷудокунии пайвастагиҳо ва роҳҳои истифодаи онҳо, ки ба синфҳо ва гурӯҳҳои гуногун мансубанд. Банди 8. Физиологияи ғизогирии минералии растаниҳо, азхудкунии симбиотикии нитроген, электрофизиология, сохтор ва функсияҳои интиқолдиҳандаҳои ионӣ ва ретсепторҳои инотропӣ. Банди 9. Физиологияи мубодилаи об ва низоми обии растаниҳо. Сохтор ва функсияҳои аквапоринҳо. Банди 11. Асосҳои физиологию биохимиявии устувории растаниҳо ба шароити стрессии муҳити беруна. Физиология ва биохимияи мутобиқшавии растаниҳо ба стресс. Реаксияи растаниҳо ба ксенобиотикҳо, нанозарраҳо ва заминаи радиатсионии муҳити зист.

Банди 12. Раванди истеҳсолот ва танзими он. Ба даст овардан, физиология ва биохимияи растаниҳои трансгенӣ. Физиологияи зироатҳои кишоварзӣ ва растаниҳои экзотикӣ (физиологияи хусусии растаниҳо).

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот. Самтҳои асосии таҳқиқот аз ҷониби унвонҷӯй муайян гардида, таҳлили адабиёти илмӣ мустақилона анҷом дода шудааст. Унвонҷӯй шахсан таҳқиқотҳои саҳроӣ ва озмоишгоҳиро иҷро намуда, дар таҳияи барномаи илмӣ, гузаронидани корҳои назариявӣ ва таҷрибавӣ-оморӣ, таҳлили натиҷаҳо, таҳия намудани хулосаҳо ва тавсияҳо саҳми мустақим гузоштааст. Зиёда аз 86% маводи илмӣ аз ҷониби довталаб ҷамъоварӣ ва таҳлил шудааст.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия. Натиҷаҳои таҳқиқот ва хулосаҳои асосӣ дар мавридҳои зерин тасвиб ва тасдиқи худро ёфтаанд:

-дар раванди гузаронидани таҷрибаҳои саҳроӣ ва лабораторӣ;

-ҳангоми гузаронидани курсҳои такмили ихтисос;

-дар конфронсҳои илмӣ-назариявӣ, семинарҳо доир ба масъалаҳои таҳқиқшаванда;

-дар гузориш ва муҳокимаҳои мунтазам, дар чорабиниҳои илмӣ ва семинарҳои илмӣ - амалии Институти ботаника, физиология ва генетикаи растании АМИТ, кафедраи ботаникаи факултети биологияи ДДОТ ба номи С.Айнӣ;

-ҳангоми маърӯзаҳо ва суханрониҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалии дохили ва хориҷи кишвар;

Шакли ҷамъбасти кори илмӣ дар озмоишгоҳи экология ва захираи растаниҳои ИБФ ва ГР АМИТ дар санаи аз 18-уми ноябри соли 2025, таҳти № 10 ва дар Шурои олимони ИБФ ва ГР АМИТ дар санаи 12-уми марти соли 2026 суратҷаласаи № 2 муҳокима карда шудааст.

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 22 мақолаи илмӣ, ки 8 адади он дар маҷаллаҳои илмии тавсияшудаи Комиссияи олии аттестатсионии (КОА - и) назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 14 адади дигар дар нашрияҳои гуногун ба табъ расидаанд ва инчунин тавсияномаю монографияи коллективӣ дарҷ ёфтааст.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Диссертатсия дар ҳаҷми 192 саҳифаи матни компютерӣ таҳия шудааст, ки он аз муқаддима, 5 боб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда аз 145 номгӯй иборат буда, 20 адади он ба муаллифони хориҷӣ мансубанд. Натиҷаи кори илмӣ ва таҳлили рақамҳо дар 56 ҷадвал ва 19 расм тасвир ёфтааст.

БОБИ 1. Таърихи омӯзиши хусусиятҳои биоморфологӣ ва физиологию биохимиявии набототи баландпояи саваннамонанд

1.1. Аҳаммияти биоморфологӣ ва иқтисодии растаниҳои набототи баландпояи саваннамонанд

Дар рисола гуногуннамудӣ, хусусияти биологию экологӣ ва ҳосилнокии растаниҳои асосии ҷамоаҳои набототи баландпояи саваннамонанд ва паҳншавии онҳо дар Тоҷикистон, аз он ҷумла қаторкӯҳи Ҳисор дар асарҳои олимони аврупоӣ, ва тоҷик Б.Б. Джумаев, Б. Мирзоев, М. Нигомонов, Ё.Х. Сафаров, А. Абдулаев, Х.Х. Каримов [19], Р.В. Камелин [31], Х.Х. Каримов, Ё.Х. Сафаров, Б.Б. Джумаев, А.А. Абдуллаев [38], А.А. Мадаминов [50], А.А. Мадаминов [54], А.А. Мадаминов, Б.Б. Мирзоев [63], Мирзоев Б., Джумаев Б.Б., Мадаминов А.А., Сафаров Ё.Х., Абдуллоев А [69], П.Н. Овчиников [84], Полевая геоботаника [89], С. Рахимов [97], Н.М. Сафаров [105], Р.Б.Саторов [108], Л.П. Синьковский [113], П.Д. Ярошенко [119] ва онҳоро ташхиз намудааст. Муҳаққиқони мазкур зикр мекунанд, ки дар ин минтақа бештар типи набототи баландпояи саваннамонанд дар марғзор, даштҳо, хоралафзор ва ғайра паҳн шудааст. Илова бар ин дар рисола барои фаҳмидани асосҳои физиологии маҳсулнокӣ ва арзиши энергетикии растаниҳои аҳамияти хӯроки чорво дошта дар сенозҳо омӯзиши мазмун ва динамикаи (ҷараёни) ҷамъшавии карбогидратҳо дар растаниҳои доминантӣ мавриди таҳқиқот қарор гирифт. Роҷеъ ба масъалаи мавриди назар таҳқиқотҳои аналогӣ бештар дар корҳои ба табъ расонидаи А.А. Мадаминов ба мушоҳида мерасад. «Масалан, дар робита ба таъсири омилҳои антропогенӣ ба сохтор ва таносуби намудҳои набототи Помиру Олойи Ғарбӣ ӯ аз усули Раункиер истифода бурда, ҷиҳати беҳтар гардидани вазъи ба роҳ мондани алафдаравии саривақтӣ, мунтазам ба заминҳо пошидани пору намак ва нуриҳои минералӣ, дар ҷойҳои мавзеҳои кишт намудани алафзорҳои табииро пешниҳод карда, таъкид менамояд, ки риояи ин омилҳо ба сифати ҳосилнокии растаниҳо таъсири мусбат мерасонад» [57, с. 12-16].

Ҳамин масъаларо таҳқиқгарон Х.Х., Каримов, А.А. Мадаминов, А.А Мадаминов М. Майсупов, М. Назаров ва П.Н. Овчиников мавриди омӯзиш қарор дода, қайд кардаанд, ки «дар натиҷаи гузаронидани корҳои таҳқиқотӣ муайн карда шуд, ки таъсири омилҳои антропогенӣ ба сохтор ва ҳосилнокии фитосенозҳо хеле зиёд аст», [32, с. 708; 50, с. 85; 53, с. 94; 54, с. 71; 74 с. 29; 82, с. 265]. Олимони ватани Н.М. Аманова, А.А. Мадаминов ва Ю.С. Носиров «Дар асари илмии худ ҷиҳати беҳтар гардидани нашъунамои алафзорҳо омӯхтани хусусиятҳои биохимиявии доминантҳоро чунин тавсия додаанд» [4, с. 70; 61, с. 85; 78, с. 3]. Дар ин замина А.А. Мадаминов қайд мекунад, ки «гузаронидани корҳои амалию озмоишӣ оид ба интродуксияи растаниҳои хӯроки чорво барои баланд бардоштани ҳосилнокии алафзор муҳим мебошад» [57, с. 160]. Дар таҳқиқоти худи муҳақиқон А.А. Мадаминов ва Б.Б. Мирзоев бо овардани маълумотҳои ҷолиб. Таъкид мешавад, ки: «таҳлилу муқоисаи натиҷаҳо ҷиҳати баҳодиҳӣ ба вазъи чарогоҳҳо дар дараи Варзоб ва омилҳои таъсирбахше, ки боиси хароб гардидани онҳо шудааст, аҳамияти баланди илмӣ дорад, ки тағйирёбии иқлим, зуд-зуд ба амал омадани офатҳои табиӣ, хушксолӣ, ифлос шудани муҳити атроф, дигаргуншавии таркиби растаниҳо, пастшавии ҳосилнокии хок, торафт зиёд гардидани майдони чарогоҳҳо боиси хароб шудани вазъи экологии минтақаи Варзоб гардидааст. Деградатсия (вайроншавӣ)-и чарогоҳҳо, паст шудани самаранокӣ ва ҳосилхезӣ оқибат боиси тағйирёбии сифати шир ва гӯшт низ мешавад» [61, с. 191].

Х.Х. Каримов ва А.А. Мадаминов дар рисолаи муштаракашон бештар «ба таркиби экологӣ-биологии алафҳои гуногуни даштҳои субалпии Тоҷикистон рӯ оварда, ҳифзи чарогоҳҳо, гузаронидани корҳои озмоишию пешгирикунандаро ҷиҳати нобуд нашудани навъҳои нодири гиёҳҳо муроҷиат намудаанд» [32, с. 708; 65, с. 156; 82, с. 265]. Ба андешаи муҳақиқ М. Назаров «Аз рӯи таркиб алафзори хоси даштҳои набототӣ ва ҳам вариантҳои экологии дар канор будаи онҳо, ки аз муҳити биёбонӣ ва хоралаф, то ба ҷамоаи марғзорҳо ва заминҳои холӣ мегузаранд, фарқ мекунанд» [74, с. 29; 66, с.

156]. Ба ақидаи олимони ватани А.А. Мадаминов, М. Майюсупов ва М.Н. Назаров яке аз омилҳои хуби назорати вазъи таркиби наботот ва ҳолати нашъунамои намуди растаниҳо дар маҳалҳо таъсис додани пойгоҳ бо таҷҳизоти муосир муҷаҳҳаз маҳсуб меёбад: «Корҳои саҳроӣ ва озмоишҳо дар пойгоҳои (нуқтаҳои таҷрибавӣ статсионар) назди Институти ботаника, физиология ва генетикаи растаниҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, ки дар мавзеъҳои Анзоб, Куктеппа, Ташмечет, Машъал, Қубодиён фаъолият доранд, барои ба даст овардани натиҷаҳои илмии воқеӣ мусоидат мекунанд» [63, с. 195; 67, с. 75; 69, с. 167; 75, с. 30]. Барои омӯзиши таркиби фитосенозҳои хоси намудҳои асосии растаниҳои алафӣ, нимсаваннаҳо, марғзорҳо, чарогоҳҳои кӯҳӣ ва криофитонҳо интихоб карда шуданд. Н.П. Овчинникова дар корҳои худ «оид ба хусусияти экологию фитосенологии флоросенотипҳои асосии Тоҷикистон таҳқиқот анҷом дода, ӯ ҳамзамон дар бораи фаъолияти стансияҳои мазкур маълумоти муфассал манзур кардааст» [84, с. 124].

Дар фитосенозҳои табиӣ, ки муддати тулонӣ вуҷуд доранд, сохтор дар натиҷаи интихоби дуру дарози растаниҳо, мутобиқшавии онҳо ба нашъунамои якҷоя дар шароити муайян ташаккул ёфтааст. Оид ба ин масаъала Работнов Т.А., чунин қайд мекунад, ки «Сохтори фитосеноз ин ҷойгиршавии фазоии унсурҳои гуногуни ҷамоа мебошад, ки он аз таркиб ва таносуби миқдории қисматҳои фитосенозҳо, шароити нашъунамои онҳо, шакл ва шиддати таъсири инсон вобаста аст» [94, с. 320]. А. Мадаминов ва Б.Б. Мирзоев менависад, ки «Ҳангоми омӯзиши сохтори фитосенозҳо дар саваннамонандҳо ҷойгиршавии қисмати асосии узвҳои рӯизаминӣ ва зеризаминии растаниҳо дар қабатҳои гуногун муайян карда мешавад ва на танҳо муайян кардани тақсимоти умумии амудии қисмҳои рӯизаминӣ ва зеризаминии растаниҳҳо, балки тақсимоти узвҳои алоҳидаи онҳо: баргҳо, пояа, реша ва ғайра низ аҳаммияти калон дорад. баландии гуногуни ҷойгиршавии узвҳои рӯизаминӣ ва қаъри дохилшавии решаҳо - мисоли равшани ин тафриқабандӣ нишонаҳои эколоӣ мебошад» [65, с. 158].

Гурӯҳи олимони тоҷик хусусиятҳои биохимиявии баъзе рустаниҳои сокини чарогоҳҳоро омӯхта истода, ба чунин хулосаи ниҳоӣ омадаанд, ки «Маълумотҳои экспериментали ҷамъоваришуда оид ба омӯзиши хусусиятҳои хоси мубодилаҳои карбонӣ нишон дод, ки маҳсулоти асосии фотосинтетикии батат ин интермедиатаи сикли барқароршавии пандфосфорӣ мебошад, ки самти равиши ангиштобӣ дорад. Батат вобаста ба ассимилятсияи гази CO_2 ва ҳосилшавии маҳсулоти аввалин аз рӯйи мубодилаи карбони фотосинтетикӣ ба гурӯҳи растаниҳои C_3 дохил мешавад» [20, с. 30].

Баъзе аз масъалаҳои марбут ба мавзуи таҳқиқот дар як қатор асарҳои олимони соҳа М.М. Икромова, Р.В. Камелин, Х.Х. Каримов, И. Кароматов, А.А. Мадаминов, М. Назаров, Ю.С. Насиров, Л.Ф., Некрасова, Т.А. Работнов ва дигарон мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Дар кори онҳо «барои фаҳмидани асосҳои физиологии маҳсулнокӣ ва арзиши энергетикии хӯроки чорво дар ҷамоаи растаниҳо, омӯзиши мазмун ва динамикаи (ҷараёни) ҷамъшавии карбогидратҳо дар ин растаниҳо таваҷҷуҳи хоса додашудааст» [23; 30, с. 27-344; 33, с. 319-326; 39, с. 629; 52, с. 191; 53, с. 94-99; 62, с.3-170; 75, с. 30-34;77, с. 485-494; 79, с. 51-64; 94, с. 320].

Дар байни омилҳои сершумори экологӣ, ки имконияти нашъунамо ва ҳосили растаниҳои алафдарав ва чарогоҳҳоро муайян мекунанд дар таркиби растаниҳои баландпояи саваннамонанд намнокӣ ва моддаҳои ғизоӣ аҳаммияти бештар доранд. Аз дигар омилҳои экологӣ барои ҷамоаи алафзори юганзор ҳолати хок, шӯршавӣ, ҳарорат ва рушноӣ аҳаммияти бештар доранд. Омилҳои экологӣ ба растаниҳо на ба таври ҷудогона, балки дар якҷоягӣ таъсир мерасонанд. Таъсири ҳар як омил ба растанӣ аз зоҳиршавии омилҳои дигар вобаста мебошад.

Мезоксерофит - ин намуди растаниҳое мебошанд, ки қобилияти сабзидан дар шароити хоки хушк ва иқлими хушк доранд ва ба хушксолӣ хуб мутобиқ шудаанд. Ба ин гурӯҳ растаниҳои нимсаванна (типчок, хушадорон, чағаз (алафи даштӣ), бедзор, шибоғ, баландпояи саваннамонанд ва ғайра)

дохил мешаванд. Онҳо дорои мутобиқатҳои морфологӣ, анатомӣ, инчунин биохимиявӣ ва физиологӣ мебошанд, ки ба истифодаи зуд ва, эҳтимол, истифодаи пурраи намнокии боришоти атмосферӣ ва намнокии аз конденсатсияи буғи об дар ҳаво ба вуҷуд омада (системаи решаи сершохадор, ки аз ҷиҳати масса нисбат ба узвҳои рӯизаминӣ чандин маротиба зиёд аст, ташаккули решаҳои эфемерӣ дар баҳор ва ғайра) равона шудааст ва ба сарфакоронатар сарф кардани об (рехтани баргҳо дар тобистони гарму хушк дар шибоғ, набудани баргҳо дар саксавул ва ҷузгун, баргҳои печонидашуда дар типчок ва чағаз ва ғайра) мусоидат мекунанд.

Аз ин ҷо аён мегардад, ки дар минтақаҳои алафдаравӣ ва чарогоҳҳои табиӣ бартарӣ доштани ин ё он намудҳо дар мавзеъҳои гуногуни зист на ҳама вақт маънои онро дорад, ки барои сабзиши онҳо шароитҳои муносиб мавҷуданд.

Шароити оптималии аутоэкологӣ он шароитест, ки дар он намуд метавонад бе таъсири дигар намудҳо хуб афзоиш ёбад. Аммо шароити оптималии синэкологӣ дар ҳолате ба вуҷуд меояд, ки намуд дар якҷоягӣ бояд бо дигари растаниҳо сабзида, барои рушд шароити мувофиқ пайдо мекунад. Ин ду навъи шароит аз ҳамдигар фарқ мекунанд.

Вобаста ба тафовути шароитҳои метеорологӣ дар солҳои алоҳида, сарфи об барои ташкил намудани ҳосил сол аз сол, ҳатто дар ҳама ҷой метавонад хеле тағйир ёбад. Одатан, ҳар қадар шароит барои ташаккули ҳосил камтар мусоид бошад, коэффитсиенти транспиратсионӣ ҳамон қадар баландтар мешавад. Шароитҳои метеорологӣ ва қобилияти растаниҳо барои додани ҳосил аз баҳор то тирамоҳ тағйир меёбанд, бинобар ин, истеъмоли об барои ба даст овардани 1 кг ҳосил аз як дарав то ба дарави дигар ба таври назаррас фарқ мекунад.

Таъминоти растаниҳо бо намнокӣ на танҳо аз таркиби заррачаҳои коллоидӣ дар хок, балки аз миқдори назарраси намнокӣ, ки барои растаниҳо дастнорас мешаванд, вобаста аст.

Истеъмоли намнокӣ аз ҷониби растаниҳо ва истифодаи он вобаста ба шароитҳои сабзиш хеле тағйир меёбанд. Дар ҳамин замина М. Мадаминов ва Ю.С. Носиров қайд мекунанд, ки «масалан, барои беҳтар намудани таъминоти растаниҳо бо моддаҳои ғизоӣ намиро сарфакорона истифода бурдан ба мақсад мувофиқ аст, зеро ки он боиси паст шудани коэффитсиенти транспиратсионии оби таркиби онҳо шуда метавонад» [56, с. 22; 78, с. 3].

Ҷанбаҳои мусбат. Юғани хурокӣ (*Prangos pabularia*) растании асосии муътадилкунандаи хокҳои шағаломез, серсанг ва сангреза дар доманакӯҳҳо мебошад. Ҳамчун намуди аввалин дар хокҳои сангреза ва регдор паҳн шуда, шароит барои раванди силсилаи суксессия, сабзиш ва паҳншавии барои растаниҳои дигар шароит фароҳам меорад. Системаи решаи шохадори он ва решаи калони бисёршоха хокро дар нишебиҳои тези кӯҳҳо мустаҳкам мекунад ва аз эрозия пешгирӣ менамояд.

Юғани хурокӣ (*Prangos pabularia*) ба беҳтар шудани гуногунии биологӣ, баланд бардоштани устувории экологии экосистемаҳо дар шароитҳои тағйирёбии глобалии иқлим, инчунин нигоҳ доштани гуногунии растаниҳо ва баланд бардоштани ҳосилхезии хок мусоидат мекунад.

Арзиши иқтисодӣ. Чорвои калони шохдор юғанро *Prangos pabularia* ҳамчун (ғизо) хошок истеъмол мекунанд. Дар флораи Тоҷикистон овардашудааст, ки «дар марҳилаи гулкунӣ *Prangos pabularia* (дар фоиз ба вазни моддаҳои хушк) дорои 9,4% об, 20,9% равған, 10% сафеда, 6,7% хокистар, 50,1% моддаҳои истихроҷшавандаи экстрагируемих ғайри азотӣ ки, 541,6 мг фоизи витамини С ва 8,8 мг% каротин мебошад. Дар решаҳо ва вазн рӯизаминӣ 13-20% қатрон, дар меваҳо 17-19% равғани чӯбӣ, дар ҳамаи қисматҳои растаниҳо миқдори зиёди фурокумаринҳо мавҷуд аст, ки миқдори равғани эфирӣ дар меваҳо 0,14-2,24%, дар баргҳо 0,17-0,95% мебошад» [116, с. 563].

Оилаи (ҷамоаи) растаниҳои баландпояи саваннамонанд равғани эфирӣ, аз ҷумла юғанзор, асосан ба сифати чарогоҳи тобистона истифода бурда мешавад, зеро он аз алафҳои гуногуни хӯроки чорво, аз ҷумла лӯбиёгиҳо ва

ғалладонагиҳо бой мебошад, аммо вазни баргҳои худи юғанро дар марҳилаи мевадиҳӣ ва вақти зардшавии баргҳои хушки болои решагӣ барои ғизои зимистонаи чорвои калони шохдор ва хурд даравида, ҳамчун хошок тайёр мекунанд. Илова бар ин, равғанҳои эфирӣ ва алколоидҳои юған дар тибби халқӣ ва муосир васеъ истифода мешаванд.

М. Хочиматов қайд мекунад, ки «дар тибби халқии муосири Тоҷикистон решаҳои юған ба намуди дар об ҷӯшонидан ҳамчун дору барои нест кардани кана, кайк ва инчунин маводи дезинфексионӣ барои молидан ба луобпардаи даҳон истифода карда мешаванд. Решаҳои юғанро дар хокистари гарм (2-3 соат) мепазанд ва ба захмҳо мегузоранд. Ҳам замон Ҳоҷиматов қайд мекунад, ки «барои бемориҳои пӯст, аз қабили лишой, хоришак дар ҳаммом бо ҷӯшоби баргҳои юған мегиранд» [122, с. 333]. А.А. Мадаминов, Б.Б. Мирзоев ва муалифони дигар «растании асаловар будани юғанро таъкид кардаанд» [65, с. 158].

Дар тибби илми муосир худи растанӣ бевосита истифода намешавад. Аммо моддаҳое, ки аз таркиби юған гирифта мешаванд, дар клиникаҳо ба таври васеъ истифода бурда мешаванд. Масалан, М. Ходжиматов қайд мекунад, ки «Пейседанин ҳанӯз дар соли 1964 онро ҳамчун воситаи пурзӯркунандаи таъсири тиофосфамид бар зидди бемории саратон пешниҳод карда буд. Баргаптен ва ксантотоксин дар таркиби доруи «Пастинасин» мавҷуд мебошанд, ки онҳо ҳамчун воситаи васеъкунандаи рагҳои хунгард ва спазмолитикӣ барои табобати стенокардия ва неврозҳо истифода мешаванд. Инчунин, «Бероксан», ки омехтаи ксантотоксин ва бергаптенро дорад, дар табобати бемори витилиго васеъ ба кор бурда мешавад» [122, с, 333]. Ба андешаи муҳаққиқон И.Д. Кароматов ва Barbara Wrobel «ғайр аз ин, бергаптен фишори артериалии хунро паст намуда, таъсири зидди уфунатии захмро дорад» [39,с. 629; 126,с. 2]. Олимон И. Шукухина, К. Юсуфӣ, И. Тада ва дигар муалифон чунин мешуморанд, ки «кумаринҳо ва остоли дар таркиби юған мавҷудбуда, ба баланд шудани фишори артериалии хун таъсир мерасонанд ва фаъолияти зидди бактериявӣ ва зидди вирусиро доро

мебошанд» [138, с. 1543; 141, с. 75-82; 142, с. 649]. ва S.S. Chaudhary чунин қайд мекунад, ки «таҳқиқотҳои таҷрибавии баъзе олимон нишон доданд, ки моддаҳои химиявии аз юған ҳосилшуда таъсири антиоксидантӣ низ доранд ва равандҳои пероксидатсияи липидӣ ва ЦОГ-ро, ки таъсири зидди илтиҳобӣ нишон медиҳад, бозмедорад» [128, с. 397].

Ҳамзамон дар корҳои илмии муҳаққиқон Саттаров Д.С., Саидов Н.С. Sattarov D.S., Vysheguгov S.Kh., Galeev R.R. қайд кардашудааст, ки «омӯзиш ва муайянкунии гуногунии биологӣ, захираҳои растаниҳои шифобахш ва таъсири омилҳои абиотӣ ба маҳсулнокии тухмбандӣ дар баъзе мавзеъҳои самти ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор дарҷ гардидааст. Дар натиҷаи таҳқиқот муайян карда шудааст, ки дар баъзе мавзеъҳои дараи Ромит (дар деҳоти *Семиганч, Сафедчашма, Оби-Зугора, Магов, Йос ва Явроз*) 7 намуди растании шифобахш, ки дар тибби анъанавӣ истифода мешаванд дорои захираҳои истеҳсолӣ ҳастанд, аз он ҷумла чойкаҳаки шахшул – *Hypericum scabrum L., бӯймодарони баргаш табулғашакл – Achillea filipendulina Lam. ва чукрии Максимович – Rheum maximowiczii Losinsk*» [144,с. 25-31; 145, с. 543-553].

Таъсири омилҳои экологӣ ба хусусиятҳои растаниҳои баландпоя саваннамонанд. Олимони соҳа Х.Х. Каримов ва А.А. Мадаминов дар осори худ зикр кардаанд, ки «пешбурди корҳо оид ба омӯзиш ва таъсири омилҳои антропогенӣ ба сохтор ва ҳосилнокии фитосенозҳо муҳим мебошад» [32, с. 708; 48,с. 488], ҳамзамон А.А. Мадаминов тавсия додаанд, ки «дар чарогоҳҳо истифода бурдани нуриҳо ба нашъунамои гиёҳҳо ва ҳосилнокии чорво таъсир мусбат нафъовар мерасонад» [47,с. 65; 46, с. 22]. Гурӯҳи дигари таҳқиқотчиён пешниҳод мекунанд, ки «бештар хусусиятҳои биохимиявии доминантҳоро омӯхтан бар манфиати кор хоҳад буд» [4, с. 70; 61,с. 45; 67,с. 23; 78, с. 3]. Бархеи дигар Браун, Вайнагий, Мадаминов, Gupta ва дигарон чунин мешуморанд, ки «оид ба интродуксияи растаниҳои хӯроки чорво бештар гузаронидани корҳои таҳқиқотию озмоишӣ ва амалӣ зарур мебошад» [11, с. 316; 12, с. 826; 56, с. 85; 57, с. 165; 63, с. 70; 129, с. 397].

Дар Осиёи Миёна муҳаққиқон мушоҳидаи рушду таҳаввулоти намудҳои гуногуни набототро аз рӯи усули С. Раункиер истифода мебаранд [136]. А.А. Мадаминов менависад, ки «дар Институти ботаникаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҳозира Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон) бо мақсади муайян кардани тағйиротҳое, ки дар сохтори горизонталии фитосенозҳои хоси растаниҳои алафии Помиру Олойи Ғарбӣ ҳангоми муддати дуру дароз истифода намудани нуриҳои минералӣ дар рӯйи замин ва чаронидани экстенсивӣ нимсаваннаҳо ба вуқуъ меоянд, ба инкишофи минбаъдаи онҳо таъсири мусбат мерасонад» [60]. А.А. Мадаминов ва Л.Ф. Некрасов таъсири нуриҳоро муҳим арзёбӣ намуда, чунин меҳисобад, ки «дар натиҷа марғзорҳои баландалаф ва пасталафи субалпӣ ба амал меоянд, ки барои беҳтар шудани сифати чарогоҳҳо мусоидат мекунанд. Аз ин усул (метод)-и таҳқиқ мо низ ҳангоми омӯзиш ва мушоҳидаи намудҳои ҷамоаҳо (оилаҳо)-и гуногуни дар ҳавзаи дарёи Зиддӣ истифода бурдем» [57, с. 195; 58, с. 79].

Ҷамоаҳои растаниҳои саваннамонанд минтақаҳои кӯҳии Тоҷикистон ҳамчун чарогоҳ, алафзори хуб ва ҷойҳои алафдаравӣ истифода мешаванд ва манбаи асосии хӯроки чорво мебошанд. Вазъи кунунии растаниҳо бо коҳиши маҳсулнокии хӯроки чорво дар зери таъсири омилҳои антропогенӣ (аз ҳад зиёд чаронидани чорво, буридани буттазорҳо барои сӯзишворӣ, сохтани роҳҳо ва дигар объектҳо) тавсиф карда мешавад. Дар давоми 20-25 соли охир дар марғзору алафзорҳои баландкӯҳ, ки ба чаронидани аз ҳад зиёд дучор шудаанд, деградатсияи ҷамоаҳои растаниҳо мушоҳида мешавад. А.А. Мадаминов дуруст нигоштааст, ки «ҳосилнокии умумии юған зиёда аз 30 с/га вазн хушки рӯизаминӣ, вале дар қисми марғзор ва ҷамоаҳои баландпояи саваннамонанди нишебиҳои баландкӯҳи Зиддӣ, ки дар онҷо чорво мегардад, ҳамагӣ 2-3 с/га-ро ташкил медиҳад. Ин маънои онро дорад, ки қисми зиёди биовазни рӯизаминӣ (то 90%) ба ҳиссаи растаниҳои хордор ва заҳролуд, ки хосияти истеъмолӣ надоранд, рост меояд. алафҳои истеъмолшаванда дар ин гуна шароитҳо пастқад мешаванд ва вазни асосии онҳо дар қабати

зеризаминӣ (0-2 см) ҷамъ шудааст, ки онҳо барои чорво дастрас нестанд» [57, с. 144].

1.2. Роҳҳои баланд бардоштани маҳсулнокии растаниҳои баландпояи саваннамонанд

Набототи баландпояи саваннамонанд ба таври васеъ қисми поёнии ағбаи Анзобро иҳота карда, асосан берун аз минтақаи субалпӣ (аз 3000 м поёнтар аз сатҳи баҳр) паҳн шудаанд. М. Назаров чунин андеша дорад, ки «дар қисмати поёнии минтақа асоси алафзорро растаниҳои чатргулони калон, аз қабили *Prangos pabularia* ва *Ferula kuhistanica* ташкил мекунанд, қисмати болоии чунин минтақаҳоро регзор ва камолшаклҳо, аз ҷумла *Prangos sarawschanica* ва *Ferula kokanica* ва сарҳади болоӣ, ки дар баландии 3150 м низ паҳн шудааст, ишғол мекунанд» [74, с. 64].

А.А. Мадаминов роҷеъ ба рушди растаниҳои таҳқиқшаванда чунин мулоҳиза рондааст: «дар нимсаваннаҳои пасти ҳавзаи дарёи Зиддӣ, дар фитосенозҳои ҷорӯбак ва ғеша таносуби максималии захираи вазни рӯизаминӣ ва зеризаминӣ сол аз сол аз 1:16,4 то 1:71,4 дигаргун шудааст, ки ин ба тағйирёбии назарраси захираҳои фитовазни рӯизаминӣ вобаста мебошад» [63, с. 80]. Ба андешаи аҳли таҳқиқ «таҳқиқотҳои физиологии марғзорҳои гуногун алафи субалпикӣ талаботҳои зиёдро ба растаниҳои омӯхташудаи баландпояи саваннамонанд нисбат ба намии хок ва атмосфера нишон медиҳанд» [34, с. 145; 74, с. 29; 108, с. 24]. Чунончи, М.Н. Назаров қайд мекунад, ки «Нишебии Курай - яке аз ҷойҳои пасттарин, аммо дар байни намудҳое, ки дар шароити минтақаи поёнии қаторкӯҳҳои кӯҳӣ нашъунамо доранд, намудҳое вомехӯранд, ки новобаста аз сохти ксероморфии баргҳо теъдоди зиёди намиро нигоҳ доштаанд» [74, с. 29].

1.3. Биоэкология ва ҳосилнокии растаниҳои ҷамоаҳои набототи баландпояи саваннамонанди Тоҷикистон

Юғани хошокӣ - растанӣ аз оилаи чатргулон, ки субдоминанти баландпояи саваннамонанд (юғанзорҳо, камолниковҳо) дар бодомзор, зарангзор, экзохордникҳо, чормағззор, гулбоғҳо, арчазорҳо, типчоқзорҳо

мебошад, ба гурӯҳи ***Tragacanthae*** мансуб буда, дар нишебиҳои санглох ва сурмахокҳо (хокрезаҳо) дучор мешавад. Н.Г. Калеткина ва Р.В. Камелин чунин қайд карданд, ки юған «дар аксари минтақаҳои ботаникӣ-географии Тоҷикистон, хусусан дар минтақаҳои Қурама, назди Сирдарё ва Помири Шарқӣ бештар паҳн шудааст. Юған дар баландиҳои аз 800-1200 то 3500 м аз сатҳи баҳр паҳн мешавад. Юған - растаниии пурқуввати бисёрсолаи алафӣ бо решаи ғафси силиндрӣ мебошад. Пояи кунҷдор-ҷӯякдор, 1-1,5 м баландӣ дорад. Баргҳо нарм, наздирешагӣ, дарозқаламчагӣ, бо қабати то 40 см дарозӣ, паршакли буридашудаи чандкарата ба қисматҳои борик; пояҳо – нишаста, дар шакли даста ҷамъ шудаанд. Гулҳо дар тӯдагули чатр ҷамъ шудаанд, гулҳои беруна дар чатрҳо, дуҷинса, дохилӣ мардона; меваҳо сафед, баъзан бунафш, дарозиашон то 15 мм мебошад. Моҳҳои май-июн гул мекунад. дар нишебиҳои кӯҳии алафӣ то минтақаи субалпикӣ мерӯяд» [25, с. 102; 31, с. 3].

А.А. Мадаминов ва Б.Б. Мирзоев мушоҳидаҳои моро тасдиқ намуда дуруст нигоштаанд, ки «дар айни замон, дар натиҷаи бошиддат ва номунтазам чаронидани чорво фитосенозҳои марғзорҳои ҳавзаи дарёи Зиддӣ бо алафҳои гуногуни хордор ё заҳролуд, ки хӯрданашаванда, сахт ва олуда шудаанд. Масалан, дар мавзеи Куктеппа таҳти таъсири аз ҳад зиёд чаронидани чорво дар ҷамоаҳои марғзорҳо бо қӯноқаки зарафшонӣ ва рӯбоҳдум, хорпушти омехта гурӯҳҳои баландпояи хушхӯр ва ё бадхӯр, аз қабили шилхаи Паулсен - *Rumex paulsenianus*, хоралафи ҷилодор - *Cousinia splendida,* зардандиз Томсон - *Ligularia thomsonii,* ширпояи зарафшонӣ - *Euphorbia sarawschanica,* явшон - тархун - *Artemisia dracunculus,* адрасмони туркистонӣ - *Adonis turkestanicus* ва ғайра ташаккул ёфтаанд, ки майдонҳои хеле васеъро алафҳои каммаҳсул ва ғайриғизоӣ ишғол кардаанд» [66, с. 35].

Мушоҳидон зикр мекунанд, ки, «дар нишебиҳои ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор, дар ҳавзаи дарёи Зиддӣ марғзорҳои миёна ва баланд алафзорҳои чарогоҳҳои тобистона васеъ паҳн шудаанд, ки дар нишебиҳои шимолӣ ва гоҳе дар экспозитсияи ҷанубӣ ва чуқуриҳо бо хокҳои сурмахок ва сангрезанок - сурмахок дар баландии 2400-3200 м аз сатҳи баҳр ҷойгиранд.

Дар аксарияти майдони ин алафзорҳо марғзорҳои ғалладонагӣ бо бартарӣ доштани навъҳои қӯноқаки зарафшонӣ, рӯбоҳдум - *Alopecurus seravschanicus*, хорпушти хардумаки омехта - *Dactylis glomerata,* ҷорӯбаки бухороӣ - *Poa bucharica,* ҷавсараки туркистонӣ -*Zerna turkestanica* фарқ мекунанд» [48, с. 488; 66, с. 156].

Ассотсиатсияи анҷибар бо иштироки камол-юғанро ба зертипи набототи баландпояи саваннамонанд дохил мешаванд. Ҷойи алафзори он асосан ба сифати чарогоҳи тобистона истифода мешавад. Баргҳои юғани хошокиро дар марҳилаи мевадиҳӣ, ҳангоми зард шудани баргҳо даравида хушк намуда ҳамчун ғизои зимистона барои чорвои калон ва хурди шохдор истифода карда мешавад. Дар соли 2010 мо дар се қитъаи ҷамоаи камол-юған мушоҳидаҳо гузаронидем ва ҳисобкуниҳо анҷом додем: 1 - қитъаи муҳофизатшуда; 2 - чарогоҳҳои аз ҳад зиёд чаронидашуда, ки сохтори алафзори онҳо таназзул ва тағйир ёфтааст; 3 - ҷойи алафдаравӣ бо алафзори рушдёфта ва сохти муътадил, ки доминант *Prangos pabularia* (зиёда аз 60% аз ҳосили умумӣ) мебошад.

Растаниҳои табиии ҳавзаи дарёи Зиддӣ асосан чарогоҳҳои водии Ҳисор мебошанд. Дар умум, дар тавозуни хӯроки чорво барои ҳайвонот захираҳои табиии хӯроки чорво ҷойи аввалро ишғол мекунанд. Дар амалии чорводорӣ, хусусан чорвои майда (гӯсфандпарварӣ) ва чорводории гӯштӣ, чарогоҳҳои табииро васеъ истифода мебаранд. Аммо дар солҳои охир чаронидани ҳайвонотҳои хонагӣ ба таври назаррас ҳолати чарогоҳҳоро бадтар кардааст. Махсусан, сарбории баланд дар марҳилаи фасли тирамоҳӣ –зимистонӣ - баҳорӣ ба чарогоҳҳои эфемеро-эфемероидҳо ва эфемеро - явшон рост меояд ва мушоҳида мешавад

Аз рӯи расонаҳои оморӣ масоҳати умумии заминҳои хоҷагии кишоварзии ҳавзаи дарёи Зиддӣ 1619,9 ҳазор гектарро ташкил медиҳад, ки аз онҳо 331,2 ҳазор га заминҳои кишт, аз он ҷумла 234,2 ҳазор га обёришаванда, 1224,4 ҳазор га чарогоҳ, 8,6 ҳазор га ҷойи алафдаравӣ, 22,0 ҳазор га конҳо, 30,1 ҳазор га ниҳолҳои бисёрсола, аз он 17,0 ҳазор га обёринашаванда

мебошанд. Агар барои чаронидани чорво минтақаи дарахту буттазор ва инчунин, масоҳати зиёди чарогоҳҳои ба ҳисоб гирифтанашударо, ки байни дигар киштзорҳо истифода мешаванд ба назар гирем, пас масоҳати воқеии чарогоҳҳои истифоданашаванда хеле зиёдтар аст.

Растаниҳои таркиби чарогоҳҳои ҳавзаи дарёи Зиддӣ дар баландиҳои гуногун ҷойгиранд. Чунин ҷойгиршавӣ бо истифодаи мавсимии онҳо вобаста аз оғози инкишофи растаниҳо таъсир мерасонад. Ин хусусияти чарогоҳҳо барои пурмаҳсулии чорводорӣ аҳаммияти бузурги амалӣ дорад, зеро гуногунии хӯроки чорворо дар давоми сол ҳам аз ҷиҳати миқдор ва хусусан, аз ҷиҳати сифат таъмин мекунад.

Арзишмандтарин хӯроки чорво растаниҳои саваннамонанд, ки чарогоҳҳои алафӣ ва нимбуттазор мебошанд, ки 75,5%-и заминҳои хоҷагии кишоварзии вилоятро ташкил медиҳанд. Дар даштҳои пасту байникӯҳӣ, инчунин доманакӯҳҳо чарогоҳҳои пасталаф ва калонхӯшадорҳои эфемеро-эфемероидҳои тирамоҳӣ-зимистонӣ баҳорӣ бартарӣ доранд. Дар миёнакӯҳҳо ва баландкӯҳҳо баландпояи саваннамонанд паҳн шудаанд, лекин марғзорҳои баландалаф ва пасталаф ба сифати чарогоҳҳои тобистона истифода мешаванд.

Л.П. Синковский ва дигар муалифон дар рисолаву мақолахояшон чунин нигоштаанд, «Намуди бартаридоштаи растаниҳои алафӣ дар минтақаи ҷанубии Тоҷикистон набототи баландпояи нимсаваннаҳо мебошад. Нимсаваннаҳо алафҳои бисёрсола ва яксолаи мезотермии типи эфемериро дар бар мегиранд, ки дар марҳилаи боронгариҳо инкишоф меёбанд ва форматсияҳои ташаккулёбиро ташкил медиҳанд, аз минтақаи поёнӣ то субалпии кӯҳҳо (400-3000 м аз сатҳи баҳр) дар майдони зиёда аз 8000 ҳазор га бартарӣ доранд, ки типи растаниҳои нимсаванна ба синфҳои чарогоҳҳои пасталаф, калонхӯшадорҳо, баландпоя ва эфемерӣ мансуб мебошанд» [113, с. 389; 114, с. 268].

Р.В. Камелин менависад, ки «Чарогоҳҳои нимсаваннаҳои пасталаф ва эфемерӣ - ҷамоаи эфемероидҳои хурд ва аз растаниҳои яксола иборат буда,

асосан дар доманакӯҳҳо ва адирҳои паст дар баландии 350-800 (1000) м аз сатҳи баҳр паҳн шуда, чарогоҳҳои тирамоҳӣ, зимистонӣ ва баҳорӣ мебошанд. ҷамоаи растаниҳои калонхӯшадорҳо ва баландпояи саваннамонанд дар кӯҳҳо ва баландиҳои аз 800 то 3000 м ҷойгир буда, ба сифати чарогоҳҳои тобистона, тирамоҳӣ, тамоми сол ва ҷойи алафдаравии табиӣ истифода карда мешаванд» [30, с. 27].

Чарогоҳҳои саваннамонанд (нимсаванна) ва мавсимии алафдаравӣ манбаи истеҳсоли хӯроки чорвои арзон ва баландсифат буда, дар рушди (инкишофи) чорводории ҷумҳурӣ аҳаммияти калон доранд. Дар робита ба ҳамин масъала А.А. Мадаминов ва муаҳаққиқони дигар ба чунин натиҷа расидаанд, ки «Аммо бо сабаби набудани чораҳо оид ба беҳтар намудани чарогоҳ ва номунтазам чаронидани чорво, паст шудани ҳосилнокии онҳо давом дорад, алафзорҳо таназзул ёфта, иштироки растаниҳои хӯроки чорвои серҳосил дар таркиби алафзорҳо ба таври назаррас кам шудааст. Вақтҳои охир масоҳати назарраси ҷойи алафдаравии табиӣ дар нишебиҳо, барои парвариши зироатҳои ғалладона шудгор карда мешуд аз ин рӯ, омӯзиши захираҳои хӯроки чорвои чарогоҳҳои нимсаванна, таҳия ва татбиқи технологияҳои барқарорсозии маҳсулнокӣ ва истифодаи устувори онҳо хеле муҳим мебошад» [66, с. 156].

Дар ҳавзаи дарёи Зиддӣ фасли зимистон (декабр-январ, баъзан қисман феврал), сарфи назар аз сардиҳои даврӣ, ҳарорати мусбӣ бартарӣ дорад, ки ин боиси нашъунамои қариб ҳарсолаи растаниҳо дар зимистон мегардад. Оид ба чунин вазъ Р.В. Камелинро чунин назар аст, ки «ба ин хусусиятҳо хардумак ҳадди ақали ҳароратӣ ба таври возеҳ ба қоидаҳои баҳримиёназамини боришоти максималӣ пайваст мешавад, ки ба қисмати сарди сол (декабр-март) рост меояд. Тобистон дар доманакӯҳҳо қариб боришот нест. Дар ин давра дар минтақа шароити иқлиме ташаккул меёбад, ки ба муҳити биёбонмонанд наздик буда, давраи нашъунамои зимистона барои растаниҳо хеле мувофиқ мебошад. Ин шароит бо намнокии нисбатан доимӣ ва ҳарорати пасти ҳаво тавсиф мегардад. дар давоми сол дар ин ҷо форматсияи

растаниҳои намудҳои гуногуни биоморфологӣ ва таркиби флористӣ: зимистон ва баҳор нимсаваннаҳои паст, тобистону тирамоҳ дар нимбиёбонҳо дар як ҷо бо ҳам вуҷуд доранд» [30, с. 27].

Муайян карда шудааст, ки дар ҳавзаи дарёи Зиддӣ зиёда аз 2100 намудҳои растаниҳои олӣ мерӯянд. Аз онҳо 700 намуди растаниҳои хӯроки чорво буда, дар таркиби нимсаваннаҳои гуногун месабзанд ва дар марҳилаҳои муайяни инкишофи растаниҳо аз тарафи чорво хӯрда мешаванд. Ҳамзамон Р.В. Камелин менигорад, ки «Хусусиятҳои биологии баъзе растаниҳои муҳимми хӯроки чорво ва дар нимсаваннаҳо маҳсулнокии умумии ҷамоаи онҳо омӯхта шудаанд. Дар ин ҷо популятсияҳои хушсифати муҳимми хӯроки чорво паҳн шуда, барои ворид намудан дар парвариш ва корҳои селексионӣ аҳамият доранд. Ба онҳо *Dactylis glomerata,* ҷави пиёзбех, ҷави хардумак (*Hordeum bulbosum),* чорӯбаки пиёзакдор *(Poa bulbosa),* алафи лӯбиёгӣ мунчи тунукбарг *(Vicia tenuifolia),* юнучқаи киштукорӣ (*Medicago sativa*), намудҳои оилаи қатраборон (*Onobrychis)*, юнучқаи яксола ва ғайра дохил мешаванд. Аз ҷиҳати шумора оилаҳои асосии хӯроки чорво инҳо: растаниҳои хӯшадор, лӯбиёгиҳо, ғешагиҳо, мураккабгулон, чатргулон, марҷумак ва настараниҳо мебошанд. Дар маҷмуъ, растаниҳои хӯроки чорво, ки чарогоҳҳои нимсаваннаро ташкил медиҳанд, нисбатан камтар омӯхта шудаанд» [30, с. 27]. Юған дар байни намудҳо аҳамияти хурокаи хуб дошта дар ин мавзе нисбатан бисёртар ва фаровони хуб дорад. Аз ин рӯ, юған ҳамчун объекти намунавӣ, хусусан дар шароити баландкӯҳ аҳаммияти махсус дорад. А. Эргашов ва дигарон бар он андешаанд, ки «дар шароити чарогоҳҳои табиӣ намудҳои юған баъзан бо навдаҳои генеративӣ ва бидуни генеративӣ (яъне вегетативӣ) дучор мешаванд. онҳо ҳамеша ҳар 3-4 сол ҳосил медиҳанд, дар солҳои мевадиҳӣ навдаҳои генеративӣ бо думчаи баргҳо, яъне ҳамон як растании наздирешагӣ (вегетативӣ) ва думчаҳои баргӣ дар навдаи гуловарро ташкил мекунанд» [118, с. 226] ва Х.Х. Каримов бо гурӯҳи дигари муаллифон ақидаи мазкурро дастгирӣ намуда, қайд мекунанд, ки «нишондиҳандаҳои физиологӣ - биохимиявии наздирешагӣ (вегетативӣ)

ва думчаи баргҳо, ки дар қабатҳои гуногуни навдаи гуловар ҷойгиранд, ба таври кофӣ омӯхта нашудаанд» [38, с. 628].

Нақши намояндаҳои оилаи хӯшадорон дар сохтори типи чарогоҳҳои киштзор бузург аст. Аксари вақт онҳо эдификаторҳо ва доминантҳои ҷамоаҳои алафӣ мебошанд. Ба қавли А. Эргашев: «аз 157 намуди хӯшадорҳое, ки дар флораи минтақаи таҳқиқшаванда оварда шудааст, 85 намуди (54%) онҳо дар сохтани қабати алафӣ нақши муҳимро мебозанд. Ҷойи аввалро аз ҷиҳати паҳншавӣ ва аҳаммияти хӯроки чорво ҷави пиёзбех, марғ (*Elytrigia trichophora*), хорпушти омехта, ҷорӯбаки пиёзакдор, саҳрояк (*Agrostis giganta*), аҷириқ (*Cynodon dactylon*), ҷавсараки бешуг (*Bromopsis inermis*) ва гандуми девона (*Lolium perenne*) ишғол мекунанд, ки дар ташкил намудани чарогоҳҳо ва тавозуни хӯроки чорво, хӯшадорҳо – эфемерҳо аз авлоди (*Bromus, Vulpia, Aegilops*) нақши назаррасро мебозанд» [118, с. 226]. Ин нишонаи онаст, ки намояндаҳои хушадорон ба шароити иқлими ин мавзе мутобиқ шудаанд ва ҳосилнокии хуб медиҳад.

1.4. Таҳқиқотҳои физиологӣ ва биохимиявии растаниҳои асосии ҷамоаи баландпояи саваннамонанд

Масъалаҳои таҳқиқотҳои физиологи ва биохимиявӣ оид ба масъали мазкур дар корҳои илмӣ як гурӯҳ олимон - А.С. Королева, О.И. Кудряшева, Г.Т. Сидоренко ва Л.П. Синковский оид ба «баъзе хусусиятҳои биоморфологӣ - физиологии растаниҳои баландпояи саваннамонанди Тоҷикистон (тартиб, инкишоф, морфогенез, хардумак, фотосинтез, таркиб ва синтези карбогидратҳо, сафедаҳо ва кислотаҳои нуклеинӣ) ба сифати мавзуи таҳқиқ қарор дода шуда буданд» мавҷуд мебошанд [40, с. 140; 45, с. 43; 112, с. 277; 113, с. 389].

Маводҳо оид ба омӯзиши таркиб, сифати пигментҳои пластидӣ ва таносуби онҳо дар баргҳои растаниҳо, ки дар шароити гуногуни экологӣ мерӯянд, бо мақсади ошкор намудани роҳҳои гуногуни мутобиқшавии растаниҳо аҳаммияти калон дорад. Бино ба ақидаи Н.М. Амонова, И.А.

Бобозода ва К.А. Митякина «аз рӯи миқдори хлорофилл имконияти ташаккул додани иқтидори ҳосил муайян карда мешавад» [5, с. 135; 7, с. 148; 70, с. 145].

Аммо намояндаҳои эфемероидҳо то ҳол аз нуқтаи назари дарки механизмҳои танзими равандҳои физиологӣ-биохимиявӣ дар муносибати таксономӣ бо гурӯҳҳои гуногуни эфемероидҳо кам омӯхта шудаанд. Ба ақидаи Н.Г. Калеткина «Омӯзиши нишондиҳандаҳои биоморфологӣ-физиологӣ ва биохимиявии эфемероидҳо ба мо имкон медиҳад, ки тасаввуроти худро оид ба роҳҳои мутобиқшавии растаниҳо ба шароитҳои гуногуни биологӣ васеъ намоем. Ин ҳамчунин, ба фаҳмидани он ки чӣ гуна эфемероидҳо дар давраи кӯтоҳи нашъунамои фаъол ба инкишофи пуршиддати узвҳои вегетативӣ ва генеративӣ ва инчунин, ҷамъоварии захираҳои моддаҳои органикӣ дар узвҳои захиравии зеризаминӣ муваффақ мешаванд, кумак мекунад. эфемероидҳо, ки бо тартиби хоси инкишоф тавсиф мешаванд, метавонанд ба сифати сохт барои омӯзиши вобастагии равандҳои сабзиш ва фотосинтез, механизмҳои иштироки фитогармонҳо дар танзими сабзиш ва инкишоф, муносибатҳои донор-аксепторӣ ва метаболизм дар шароитҳои баландкӯҳ, ки ба онҳо тағйирёбии сахти ҳарорати шабона ва рӯзона, инчунин радиатсияи баланди ултрабунафш хос мебошад, истифода мешаванд, ки дар робита ба ин, омӯзиши саҳми узвҳои ассимилятсионӣ, хусусан пайдоиши баргҳои иловагӣ, алалхусус дар навдаҳои генеративӣ дар солҳои мевадиҳӣ ва узвҳои захиракунанда (лӯнда, пиёзак, решаи асосӣ) ва ташкил кардани насли нави узвҳои вегетативӣ ва генеративии эфемероидҳо таваҷҷуҳовар аст» [24, с. 24].

Н.Н. Овчиников дар рисолааш зикр намудааст, ки «наботот, аз ҷумла растаниҳои баландпояи саваннамонанд системаи ягонаро ташкил медиҳанд ва ҳар як узви онҳо, хусусан барг (дар алоҳидагӣ), дар равандҳои эпигенетикӣ ва морфоофаранда дар мувофиқа бо муносибатҳои донор-аксепторӣ саҳми худро мегузоранд» [81, с. 135].

Дар робита ба ин таҳқиқот, нишондиҳандаҳои алоҳидаи физиологӣ-биохимиявӣ дар умум, растаниҳо дар сатҳи муайяни ташкили растаниҳо ва ҳамбастагии онҳо то андозае имкон медиҳад, ки маҳсулнокии фотосинтетикии растаниҳоро арзёбӣ намуда, роҳҳои идоракунии механизми танзими фотосинтезро пайдо намоем.

Аз ин рӯ, дар шароити баландкӯҳ юған, камол ва макак бо хусусиятҳои морфофизиологӣ ҳамчун объекти намунавӣ, аҳаммияти калон доранд. Дар шароити чарогоҳҳои табии намудҳои юған, камол ва макак баъзан бо навдаҳои генеративӣ ва бидуни генеративӣ (яъне, вегетативӣ) дучор мешаванд. Юған ва макак ҳамчун полукарпик ҳар 2-3 сол мева меоварад ва камол ҳамчун монокарпик - ҳангоми ба синни 5-7 солагӣ бо мевадиҳӣ мерасад. Дар солҳои мевадиҳӣ навдаҳои генеративӣ бо думчаи баргҳо ба вуҷуд меоянд, яъне ин растани баргҳои наздирешагӣ (вегетативӣ) ва думчаи барг дар навдаҳои гулдор дорад. Аммо нишондиҳандаҳои физиологӣ-биохимиявии баргҳои наздирешагӣ (вегетативӣ) ва думчаи барг, ки дар қабатҳои гуногуни навдаҳои гулдор ҷойгиранд, ба таври кофӣ омӯхта нашудаанд .

Натиҷаҳои таъсири омилҳои антропогенӣ ба растаниҳои саваннамонандди баландпоя дар Тоҷикистон. Таъсири омилҳои антропогенӣ ба растаниҳои баландпояи чарогоҳҳо мушкилоти асосии нобудшавӣ ва ё таназзули гуногунии биологии растаниҳо, ки дар мадди аввал ба соҳаи чорводории ҷумҳури зарар меоварад. Оид ба таъсири омилҳои антропогени дар шароити иқлими Тоҷикистон маводҳои бисёр чоп шудааст: П.Н. Овчиников, 1973; В.И. Запригаева, 1976; Н.М. Сафаров, 2015; Р.Б. Сатторов, 2010; А.А. Мадаминов, 2018 ва ғайраҳо. Таркиб, сохтор ва маҳсулнокии алафзорҳо дар натиҷаи аз ҳад зиёд чаронидани чорво, алафдаравӣ, сӯзондан ва дигар чорабиниҳо марбут ба нигоҳубин ва истифодаи оқилонаи ҷойи алафдаравӣ ва чарогоҳҳо ба таври назаррас тағйир меёбанд.

Чаронидани чорво дар мадди аввал ба хок таъсир мерасонад, хосиятҳои обу ҳавои онро тағйир медиҳад, ки ин ба тағйирёбии растаниҳо замина ба вуҷуд меоварад. Вобаста аз намнокии хок дар натиҷаи поймолкунӣ хушкшавии он ва ё ботлоқшавӣ ва дар минтақаҳои баландпояи саваннамонанд ва нимбиёбонӣ - шӯршавӣ ба амал меояд.

Тағйиротҳои назаррас дар растаниҳо дар натиҷаи нооқилона истифода бурдани чарогоҳҳо ба амал меоянд. Дар флораи Тоҷикистон овардашудааст, ки «Сусткунии зуд-зуд ва рехтан аз алафзорҳо, ки аз ҳама бештар дар муносибати хӯроки чорво муҳим мебошад, ин растаниҳои намидӯст ба ивази онҳо алафҳои пасти бисёрсола, хордор, заҳрнок ё бо алафҳои яксолаи зарарнок паҳн шуда, оварда мерасонад, ки бо сабаби гуногунии шароити табиӣ растаниҳои минтақа аз форматсияҳои гуногун бой мебошанд. Форматсияи юғани хошокӣ - *Prangos pabularia* дар Ҳисору Дарвоз, дар баландиҳои аз 1200 то 3500 метр аз сатҳи баҳр васеъ паҳн шудаанд» [116, с. 725]. Академик Х.Х. Каримов менависад, ки «ҷамоаи камолу юған дар нишебиҳои ҷанубии қаторкӯҳҳои Ҳисор дар баландиҳои 2000-3200 м аз сатҳи баҳр паҳн шудааст, ки ҷамоъаи юғанро асосан ба сифати чарогоҳҳои тобистона, қайд кардан лозим аст, ки вазни баргҳои юғани хӯрокиро дар марҳилаи мевадиҳӣ, қисми баргу пояи онро ҳангоми зард шудани баргҳо даравида бо хасбеда барои омода кардани ғизои зимистонаи чорвои калон ва хурди шохдор истифода мебаранд» Сабаб дар он аст, ки талхии баргу поя меравад [36, с. 5].

Ифлосшавии чарогоҳҳо натиҷаи истифодаи дуру дароз ва нооқилона мебошад. Гурӯҳҳои алафҳои бегона ва ташаккул ёфтани форматсияи алафҳои хордор ва дурушт, буттаю нимбуттаҳо дар чарогоҳҳои тобистонаи баландкӯҳҳо натиҷаи аз ҳад зиёд чаронидани чорво мебошад. Растаниҳои хуб хӯрандашаванда, ки доимо аз чаронидани чорво осеб мебинад, тадриҷан саҳми он дар вазни умумии алафзорҳои чарогоҳҳо кам мекунанд.

Ҳангоми деградатсияи чарогоҳҳо таркиби растаниҳо, хосиятҳои агрофизикӣ ва агрохимиявии хок тағйир меёбанд, ки ин ба коҳиш ёфтани

маҳсулнокии чарогоҳҳо ва пӯшиши сатҳи алафзорҳо оварда мерасонад. Дар асарҳояшон муҳаққиқон А.А. Мадаминов, Б.Б. Мирзоев, Х. Исмоилов чунин вазъро ба мушоҳида гирифта таъкид намудаанд, ки «дар натиҷа камшавии (қашшоқшавии миқдори намудҳо) таркиби намудҳое дар фитосенозҳо пайдо мешавад, ки дар он танҳо намудҳои растаниҳое, ки ба поймолкунӣ ва хӯрдашавӣ тобоваранд, боқӣ мемонанд, ки ҳангоми чаронидани чорво растаниҳои истеъмолӣ бо сабаби аз байн рафтани қисмҳои рӯизаминӣ ва канда гирифтани решаҳо, инчунин нобуд гардидани растаниҳои баландпоя ба вуҷуд меоянд» [65, с. 158].

Минтақаи ҷангалзорҳои паҳнбарги чарогоҳҳои юғанзор болотар аз нишебиҳои бисёр шадид ва бодлес шуда (эрозияшуда) ташаккул ёфтаанд ва дар айни замон алафзорҳои номбаршуда хеле коҳиш ёфтаанд. Яке аз сабабҳои асосии ба чунин ҳолат гирифторшавии чарогоҳҳо ин риоя накардани қоидаҳои чаронидани чорво ба ҳисоб меравад.

А.А. Мадаминов андешаҳои олимони соҳаро ҷамъбаст намуда нигоштааст, ки «ҳиссаи алафҳои истемолшаванда дар чарогоҳҳо сабабаш аз ҳад зиёд чаронидани чорвобуда ва миқдори ҳосили умумӣ аз 15 то 20% паст гардидааст. Азонҷумла, дар ҳавзаи дарёи Зиддӣ дар маҷму вазни хушки юған дар давоми 8 сол ба ҳисоби миёна 18,1 с/га баробар гардид. Дар таркиби онҳо ҳиссаи фраксияи вазни хурдашаванда 17,6%-ро ташкил медиҳад. Дар юғани муқаррарӣ ҳангоми истифодаи алафзор барои алафдаравӣ ҳосили баланди хӯроки чорво ба даст оварда шуд: аз 45,3 с/га дар соли 2003 то 68,0 с/га дар соли 2009. Дар ин ҳолат, ҳиссаи вазни хӯрдашуда дар ҳосилоти умумӣ ба ҳисоби миёна 83,1%-ро ташкил дод. Ҳамзамон, дар чарогоҳҳои юғанзор ҳангоми аз ҳад зиёд чаронидани чорво ҳосилнокии вазни хӯроки чорво 15 маротиба коҳиш ёфт. Чаронидани номунтазам дар чарогоҳҳои юғанзор боиси афзоиш гардидани алафзорҳои ғайриистеъмолӣ, растаниҳои заҳрнок: явшон-тархун *(Artemísia dracuncúlus),* кокутӣ (*Oríganum)*, пудинаи кӯҳӣ, ҷамилак (*Ziziphora*), адрасмон *(Adōnis)* ва ғайра гардид. чунин ҳолатҳо, яъне зуҳуроти

деградатсионӣ дар марғзорҳои баландкӯҳ ва чарогоҳҳои баландпоя низ мушоҳида карда мешавад» [55, с. 15].

Дар флораи Тоҷикистон овардашудааст, ки «юған (*Prangos)* 38 намудро дар бар мегирад, ки дар минтақаҳои Баҳримиёназамини Қадим, Алтай ва Ҳиндустон паҳн шудаанд. Дар қаламрави кишварҳои ИДМ 19 намуди юған мавҷуд, ки аз онҳо 5 намудашон дар Тоҷикистон вомехӯранд. Ба ақидаи олимон: А. Қурбонов ва Н.М. Сафаров юған «дар ноҳияҳои ботаникӣ - географии Тоҷикистон: Қурама, Сирдарё ва Помири Шарқӣ васеъ паҳн шудааст. Минтақаи паҳншавии он аз 800-1200 то 3500 м аз сатҳи баҳр мебошад» [42, с. 1281;106, с. 383].

Дар “Флораи Тоҷикистон” (1981) зикр шудааст, ки «Камол (*Ferula kuchistanica*) – растании бисёрсолаи алафӣ, монокарпик дар 7-8 сол як бор мева медиҳад, Юған (*Prangos pabularia*) ба биёбонгиёҳ (макак) (*Eremostachys zerawschanica*) – растаниҳои алафӣ, гиёҳҳои бисёрмева (поликарпики) ҳар 2-3 сол мева медиҳанд. дар солҳои мевадиҳӣ баландии навдаи генеративии камол ба 1,1-1,8 метр, юған ба 1,2-1,8 метр ва биёбонгиёҳ (макак) ба 0,8-1,4 метр мерасад» [116, с. 725].

Ҳангоми муайян кардани шакли ҳайёти усули Раункиер «барои омӯзиш ва тавсифи тақсимоти намудҳо дар фитосенозҳо муайян кардани пайдоиши онҳо бо он муфид аст» [30, с. 27; 136, с. 632]. Дар таҷрибаҳои сершумор, ки ба санҷиши ин усул ва татбиқи он дар шароитҳои гуногун бахшида шудаанд, қайд карда мешавад, ки он нишондиҳандаи хуби тағйироти динамикӣ дар ҷамоаҳои гуногун, инчунин дар дохили ҳар як ҷамоа (фитосеноз) мебошад. Бино ба қавли К.П. Попов, методи мазкур «Паҳншавӣ – ин нишондиҳандаи тақсимоти якхелаи фардҳо аз рӯи масоҳат дар тамоми минтақа ё қисматҳои алоҳида, баъзан дар қитъаҳои хурди минтақа мебошад. тавсифи аҳаммияти намудҳоро ҳамчун ҷузъи ҷамоаро пурра мекунад» [92, с.15].

Зери таъсири омилҳои антропогенӣ муқарар карда шуд, ки (даравидан, чаронидан, нуридиҳӣ) таркиб ва сохтор, инчунин маҳсулнокии ҷамоаҳои растаниҳои чарогоҳҳои нимсаванна ба таври назаррас тағйир меёбанд. А.А.

Мадаминов пас аз мушоҳидаҳои зиёд ба чунин натиҷаи ниҳоӣ расидааст, ки «дар чарогоҳҳои марғ-бо ҷавӣ ёбои (пырейно-луковично-ячменнык) ҳангоми ворид (пошидани)кардани нуриҳои азотӣ ва фосфорӣ ва дарав кардани алафзорҳо барои алафдарав ҳосилнокии ҷави ёбои – *Hordeum bulbosum* зиёд гардид, аммо ҳангоми аз ҳад зиёд чаронидани чорво ё маҳдуд кардани чаронидани чорво ҳосилнокии вазни рӯизаминии алафзор ҳиссаи марғи нахдор (пырея волосистого) – *Elytrigia trichophora* зиёд шуд. Ҷави пиёзакдорро ҳангоми ворид кардани нуриҳо ба доминанти мутлақи ҷамоаи ҷавӣ-марғӣ табдил додан мумкин аст» [56, с. 47].

Дар таҳқиқотҳои чандинсолаи доимии маниторинги геоботаникии растаниҳои баландпояи саваннамонанд, дар баробари омӯзиши сабзиш ва инкишофи растаниҳо, усул, ҷараёни инкишоф ва маҳсулнокии биологии хоси фитосенозҳо, диққати махсус ба муайян кардани сохтори ҷамоаҳои алафӣ ва тағйироти он зери таъсири омилҳои табиӣ ва антропогенӣ дода шуд. Ин аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ барои муайян намудани ҳолати экологии ҷамоаҳои таркиби ин типи наботот ва баҳодиҳи ба ҳосилноки он ҳангоми банақшагири ва тартиб додани харитаҳои ҳифз ва истифодаи оқилонаи ҷамоаҳои ин типи наботот зарур аст.

Тавсифи муқоисавии физиологӣ ва экологии намудҳои доминантии ҷамоаҳои растаниҳо имконияти хуб барои омӯзиши роҳҳои мутобиқшавии растаниҳоро ба омилҳои муҳити зист фароҳам меорад. Дар нишебиҳои ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор, дар ҳавзаи дарёи Зиддӣ дар стансияи биологии «Сиёҳкӯҳ»-и Институти ботаника, физиология ва генетикаи растаниҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (2350 метр аз сатҳи баҳр), ки дар он ҷо таҳқиқотҳои мо гузаронида мешаванд, дар як шароити табиӣ-иқлимӣ типҳои гуногуни растаниҳо: баландпояи саваннамонанд, марғзорҳо, трагакантники (колючетравники – алафҳои хордор), алафҳои гуногун ва сазаболота паҳн шудаанд. Дар адабиёти илмӣ дарҷ шудааст, ки «дар ҷамоаҳои камолу юғанзор яке аз паҳншудатарин типҳои растаниҳо баландпояи саваннамонанд мебошанд, ки асоси чарогоҳҳои тобистонаи

баландкӯҳ ва ҷойи алафдаравиро ташкил медиҳанд, ки (камол, юған) дар нишебиҳои ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор дар баландиҳои аз 1500 то 3200 метр аз сатҳи баҳр васеъ паҳн шудаанд» [116, с. 725].

Таҳлили адабиётҳои дар боло овардашуда моро водор мекунад, ки кӯшишҳоямонро ба омӯзиши таъсири омилҳои антропогенӣ ба гуногунии биологӣ, маҳсулнокӣ ва хусусиятҳои эколого-физиологии растаниҳои баландпояи саваннамонанди қаторкӯҳи Ҳисор равона кунем. Аз ин рӯ, мо дар назди таҳқиқоти худ иҷрои чунин мақсадҳоро зарур донистем:

-омӯзиши таркиби пигментҳои пластидӣ дар баргҳои растаниҳои доминантии типи набототи баландпояи саваннамонанд юғани хошокӣ ва камоли кӯҳистонӣ;

-шиддатнокии потенсиали фотосинтез ва таркиби моддаҳои нитрогендор дар узвҳои гуногуни растаниҳои доминантии баландпояи саваннамонанд юғани хошокӣ ва камоли кӯҳистонӣ;

-метаболизми фотосинтетикии карбон дар доминантҳои баландпояи саваннамонанд - юғани хошокӣ ва камоли кӯҳистонӣ;

-динамикаи мавсимӣ ва солонаи растаниҳо;

-захираҳои хӯроки чорвои чарогоҳҳои саваннамонандди ҳавзаи дарёи Зиддӣ;

-тавсифи омӯзиши хусусиятҳои эколого-биологии юғани хошокӣ (*Prangos pabularia*), ҳамчун нишондиҳандаи дараҷаи деградатсияи марғзорҳои минтақаи ноҳияи Варзоб дар ҳудуди қисмати ҷанубии қаторкуҳи Ҳиссорро зери таҳқиқот қарор додаем.

БОБИ 2. Шароити табии, объект ва усулҳои таҳқиқот

2.1. Мавқеи ҷуғрофии минтақаи таҳқиқот ва хусусиятҳои иқлими он

Дар асоси маълумотҳои агроиқлимии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои таҳқиқотӣ (2010-2018) шароити иқлимии ноҳияҳои минтақаи таҳқиқотӣ стансяи биологии «Сиёҳкӯҳ» истифода карда шудааст (расми 2.1.1). Иқлим минтақаи баландкӯҳи ҳавзаи дарёи Зиддӣ дорои зимистони тулонӣ, сахт ва сард мебошад. Ҳарорати миёнаи солонаи ҳаво тақрибан -19^{0}C, ташкил дода, дар давраи вегетатсионӣ ба ҳисоби миёна +6… +4^{0}C мерасад. Зимистон дароз ва сард аст. Давраи вегетатсионӣ кӯтоҳ 3-5 (4) моҳро ташкил медиҳад. Боришот аз моҳи август оғоз меёбад, аммо миқдори он дар ин моҳ ночиз аст. Мавсими борон одатан аз моҳи сентябр оғоз шуда, то саршавии барфборӣ идома меёбад (ҷадвали 2.1.1.).

Дар солҳои таҳқиқот боришот ба таври гуногун қайд карда шудааст. Миқдори бештари боришот дар соли 2011 ба қайд гирифта шудааст. Миқдори миёнаи боришот дар ин сол дар моҳи феврал мушоҳида шуд, ки аз нишондиҳандаҳои солҳои дигар зиёдтар буд. Илова бар ин, миқдори бештари боришот дар давраи тобистон дар моҳи майи соли 2015 ва июли 2016 ба қайд гирифта шуд, ки барои сабзиш ва инкишофи растаниҳои чарогоҳӣ мусоид ҳисобида мешавад (ҷадвали 2.1.2).

Бояд қайд кард, ки дар солҳои таҳқиқот, инчунин миқдори ҳадди ақали боришот низ ба қайд гирифта шудааст. Аммо таҳлили ҷадвалҳои омодашуда нишон медиҳад, ки ҳадди ақали боришоти дар моҳи сентябр ва декабри солҳои 2014 ва 2018 ба қайд гирифта шуда 0 мм-ро ташкил додааст. Тибқи омори Агентии обуҳавошиносии Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҷумҳури Тоҷикистон, дар солҳои охир чунин нишондиҳанда аз сентябр то декабр ба қайд гирифта шудааст. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки дар минтақаҳои баландкӯҳи қаторкӯҳи Ҳисор таъсири омилҳои тағйирёбии иқлим таъсир мерасонад, дар ин мавсим миқдори боришот барои қонеъ гардонидани талаботи растаниҳо кофӣ нест.

Ҷамоаҳои баландпояи саваннамонанд, ки барои таҳқиқот интихоб шудаанд, асосан дар қисмати марказии Қаторкӯҳ паҳн гардида, алафзорҳои табииро ташкил медиҳанд. Ин ҷамоаҳо дар натиҷаи таъсири тулонӣ ва шадиди антропогенӣ ба тағйироти ҷиддӣ рӯ ба рӯ омадаанд.



Расми 2.1.1. – Ҳолати умумии стансияи таҷрибавии минтақаи Сиёҳкӯҳ

Ҷадвали 2.1.1. – Нишондиҳандаҳои шароити иқлимӣ дар солҳои гузаронидани таҳқиқот (аз рӯи маълумотҳои маркази обу ҳавосанҷи стансияи Майхура, солҳои 2010-2018)

Ҳарорати миёна ва моҳонаи ҳаво ^{0}C												
Солҳо	**Январ**	**Феврал**	**Март**	**Апрел**	**Май**	**Июн**	**Июл**	**Август**	**Сентябр**	**Октябр**	**Ноябр**	**Декабр**
2010	-7,0±1,8	-7,7±1,9	4,4±1,6	17,0±4,7	23,0±9,3	30,0±9,8	35,8±13,8	36,4±13,5	24,4±6,7	16,9±5,1	2,9±1,1	-8,7±2,3
2011	-6,6±3,8	-7,3±2,3	4,5±0,6	17,4±2,7	23,4±8,6	30,6±10,5	36,4±19,5	37,0±11,8	24,7±8,6	17,2±4,5	2,9±0,03	-8,8± 4,3
2014	-5,9±2,5	-7,3±4,2	4,9±1,0	18,6±2,9	24,8±10,0	32,4±9,3	38,6±13,9	39,0±13,2	26,1±12,4	18,1±4,1	2,9 ±0,9	-9,4 ±1,9
2015	-5,9±2,8	-7,2±2,8	5,0±2,8	19,0±2,8	25,3 ±2,9	33,1±2,9	39,4±2,8	39,7 ±2,9	26,6 ±2,8	18,4±2,8	3,0±2,8	-9,7±2,8
2016	-6,2±2,4	-6,7±2,0	5,1±1,9	19,4±4,1	25,8 ±9,8	33,8±11,3	40,1±11,7	40,5±13,9	27,2±15,5	18,7±4,1	3,0 ±0,3	-10,1±1,3
2017	-6,4±3,4	-6,2±2,3	5,2±0,7	19,9±3,3	26,4±9,5	34,6±12,5	40,8±12,7	41,3 ±4,2	27,9 ±9,0	19,1±6,2	3,1±1,4	-10,3±2,3
2018	-6,6±3,6	-6,1±2,1	5,3±1,8	20,3±3,5	27,1±7,6	35,3 13,0	41,6±13,7	42,1±13,1	28,8 ±9,7	19,4±2,5	3,1 ±0,2	-10,5±2,3

Ҷадвали 2.1.2. - Нишондиҳандаҳои шароити иқлимӣ дар солҳои гузаронидани таҳқиқот (аз рӯи маълумотҳои маркази обу ҳавосанҷи Майхӯра, солҳои 2010-2018)

Боришоти миёнаи моҳона, мм												
Солҳо	**Январ**	**Феврал**	**Март**	**Апрел**	**Май**	**Июн**	**Июл**	**Август**	**Сентябр**	**Октябр**	**Ноябр**	**Декабр**
2010	9,9±3,7	11,8±3,9	4,9 ±1,7	5,6±2,9	5,9±2,2	4,7±1,8	2,8 ±2,3	2,8±2,0	9,3±3,1	0±0	3,8±2,0	2,7±1,4
2011	2,2±1,3	12,5±4,4*	4,1 ±2,3	4,5 ±3,0	3,0±2,4	2,5±2,1	1,5±3,1	2,5±2,2	4,5 ±3,1	9,8±3,7	15,0±3,8	6,1±2,4
2014	11,7±3,8	5,3 ±2,8	8,0±2,7	7,1±2,5	6,6±2,4	6,9±3,4	1,3±1,4	1,5±1,2	0±0**	5,9 ±2,2	19,5±7,0*	0±0**
2015	5,0±2,1	4,8 ±2,0	4,7 ±1,9	6,7±2,2	8,9±3,4*	1,6±1,1	0,9±0,9	3,2±2,0	1,6±1,3	3,9 ±4,8	10,2±2,9	4,9 ±2,6
2016	4,5±1,8	3,8±2,0	13,7±4,0	8,1 ±3,0	7,1±2,6	7,8±2,7	8,0±3,3*	3,2±2,5	0,2±0	4,2±2,3	6,0±2,6	6,3 ±2,8
2017	10,9±3,6	11,0±3,4	4,2 ±1,8	4,8±1,9	3,5±1,9	3,0±2,8	2,8±1,7	3,7±0	14,1±4,9	10,7±3,7	11,9±3,5	5,1±2,8
2018	3,9 ±2,8	10,8 ±1,6	12,0±1,3	10,4±1,5	7,5±1,5	3,5±2,1	1,9±0,7	9,7±0,7	0±0**	13,8±1,5	9,2 ±4,4	7,8 ±0

2.2. Тавсифи набототи ҳавзаи дарёи Зиддӣ

Аз рӯи тавсифи (Сидоренко, 1970) ҳамвзаи дараёи Варзоб, ки дар ин мавзе дараи Зиддӣ ҷойгир аст 10 типи набототи 34 форматсияи набототи хос аст. Аз ин миқдор дараи Зидди, ки нисбатан дар баландкуҳ ҷойгир аст типҳои зерини набототи аз қабили: нимсаванна, марғзор, шибарзамин, трагакантникҳо (хоралафҳо), тимяникҳо ва петрофитон хос аст. Дар баъзе мавзеҳои таназулёфта типи набототи антропогенни низ дучор меояд [110; 111; 113].

Муҳаққиқони соҳаи ботаника Н.Г. Калеткина ва Р.В. Камелин дар асарҳои худ рафти нашъунамои рустаниҳои ҳавзаи дарёи Зиддиро ба мушоҳида гирифта, қайд намудаанд, ки «пӯшиши растанӣ дар ҳавзаи дарёи Зиддӣ бо гуногуни таркиби ҷамоаҳо, гуногунии намуди флористӣ тавсиф карда мешавад» [24,с.24; 25, с. 102].

Дар ин хусус Н.Н. Овчинников низ ибрози андеша намуда, қайд намудааст, ки «дар минтақаи мазкур намудҳои гуногуни растаниҳо (чунин типи растаниҳо), аз қабили марғзорҳо, сазҳо (ботлоқзаминҳо), сӯзанбаргҳо (тимьянники), нимсаваннаҳо, трагакантҳо ва петрофитҳо низ паҳн шудаанд» [81, с.135; 82,с. 265].

Мавҷудияти гурӯҳҳои гуногуни гузариш, аксар вақт муайян кардани форматсия ва намуди растаниҳоро мушкил мегардонад. Дар зер тавсифи мухтасари типҳои асосии растаниҳои ҳавзаи мазкур оварда шудааст.

Марғзор. Бино ба маълумоти Н.Н. Овчинников «дар Тоҷикистон марғзорҳо тақрибан 170 ҳазор гектарро ишғол мекунанд» [84, с. 124]. Ӯ меафзояд, ки «Минтақаи асосии паҳншавии марғзорҳо баландиҳои аз 2200 то 3000 м мебошад, ки дар айни замон марғзорҳо дар нишебиҳои ҷанубии қаторкӯҳҳои Ҳисор камтар массивҳои назаррасро ташкил медиҳанд ва хеле ксерофилизатсия шудаанд қайд карда мешавад, ки марғзорҳо дар ҷумҳурӣ аксар вақт хосияти гузариш ба намудҳои дигари растаниҳоро доранд ва вариантҳои нимсаваннаҳо, оҳиста-оҳиста ва баъзан сазо-ботлоқиро ташкил медиҳанд» [84, с. 124].

Аз рӯйи маълумотҳои А.Т. Калимулин равшан гардид, ки «вариантҳои гузариши марғзорҳо ҷамоаҳои бойи намудҳоро (аз 25 то 50) ташкил медиҳанд, ҳол он ки ассотсиатсияи марғзорҳои хос на зиёда аз 25-30 намудро дар бар мегиранд» [27, с. 20]. Н.Ф. Гончаров қайд намудааст, ки «гурӯҳҳои гуногуналафии хардумакӣ – юғанзорҳо бо хорпушти омехта (хардумаки омехта) бо миқдори зиёди зардандизи Томсон, баъзан ҷавсараки бешуг, торони даббоғӣ ё алафҳои гуногун-хӯшадор, бо омехтаи алафҳои гуногуни мезофилӣ ва ксерофилӣ васеъ паҳн шудаанд, ки барои нишебиҳои ҷанубу шарқӣ ва шарқии қаторкӯҳҳои Вахш ва Загар (дар баландиҳои 2200-2700 м) хосанд, дар он ҷойҳо умуман, юған растании манзаравӣ мебошад» [15, с. 7].

Сазҳои баландкӯҳ шибарзамин. Набототшинос Р.Б. Сатторов оид ба набототи сазҳои баландкӯҳ (шибарзамин) нигоштааст, ки «ба ин намуди растаниҳо форматсияҳои алафҳои бисёрсолаи оксилофилӣ-гигрофилӣ дохил мешаванд, ки каму беш ба хокҳои бо торф пӯшонидашуда хосанд» [108, с. 24]. Онҳо хеле зуд-зуд, вале бо доғҳои хурд, дар шароити намнокии баланд вомехӯранд. Барои ботлоқзорҳо маҳдудияти хеле возеҳи форматсияҳо хос аст. Асоси алафзорро ғешаҳо: бӯи дурӯғин, мудаввар, ҷудошуда, ғешаи ҷудогона – *Carex divisa* ташкил мекунанд. Дар минтақаи таҳқиқот форматсияи *Carex pseudodoetida* бештар паҳн шудааст. Инҳо фитосенозҳои якқабата буда, бо пӯшиши пурраи алафзор ва сабзпӯшкунии хеле зичро доро мебошанд.Рӯи хокро то 100% мепушонанд.

Трагакантникҳо. Трагакантҳо дар минтақаи мо асосан, бо буттаҳои хорноки алафмонанд, аз қабили хоралафи Франше - *Cousinia Franchetii* ва хоралафи дурахшон - *Cousinia splendida* муаррифӣ мешаванд. Инҳо алафҳои ксерофилӣ ва мезоксерофилии хоси микротермӣ ва олиготермӣ мебошанд. Хоралафҳо ва хоралафи Франше - *Cousinia Franchetii* нишебиҳои санглох ва шағалдори самтҳои ҷанубӣ, гардана (зиншакл) ва белдори ҷудокунандаи обҳоро ишғол мекунад, ки дар баландии 2900-3600 м ҷой гирифтаанд. Ин гурӯҳбандӣ пароканда, ду - ё секабата мебошад. Ин чунин Г.Т. Сидоренко ва муалифони дигар бар он андешаанд, ки «асоси алафзорро намудҳои Ангрен –

Zerna angreica, хоралафи Франше- *Cousinia Franschetii* ва тархун *Artemisia dracunculus* ташкил медиҳанд» [110, с. 47].

Хоралафҳо. Ин гурӯҳи растаниҳо, хусусан хоралафи дурахшон асосан дар минтақаи субалпӣ, дар баландиҳои 2600-3200 м вомехӯранд. Дар баробари хоралафи дурахшон дар пӯшиши алафзор адрасмони туркистонӣ - *Adónis turkestánica,* чорӯбаки Запрягаева (*Poa Zapriagaevii*), зуфи пояафшон (*Nepeta podostachys*), хоралафи алпӣ (*Cousinia alpina*), хохлаткаи Ледебург (*Corydalis ledebouriana*) дар чунин мавзеъҳо васеъ паҳн шудаанд. Қабати аввалро бо баландии 40-50 см аз Хоралафи дурахшон - *Cousinia splendida* ва бузулники баргаш гуногун - *Ligularia heterophylla*, қабати дуюмро бо баландии 10-15 см астрагали Борнмюллер (*Astragalus bornmuelleranus*) ва қабати сеюмро бо баландии 4-6 см – ғешаи борикбарг - *Carex stenophylla* ва баъзе намудҳои дигар ташкил мекунанд.

Даштҳои гуногуналаф. Форматсияи алафҳои бисёрсолаи микротермӣ ва ксерофитӣ. Аз рӯйи гуногуннавъии ассотсиатсияҳо, марғзорҳои субалпӣ, заминҳои нообод ва трагакантҳо хеле зиёдтаранд. Тибқи маълумотҳои мавҷуда «онҳо асосан, аз форматсияҳое иборатанд, ки дар онҳо аҳаммияти асосиро тархун (*Artemisia dracunculus*), мундалоқ (*Scorzonera acanthoclada*) ё адрасмон (*Adonis turkestanicus*) ташкил медиҳад» [110, с. 47].

Форматсияи тархун вариантҳои гуногунро: тархуни алафҳои гуногун, юғанзор, торонӣ ва бузулникдор ташкил медиҳад. Аз ҳама бештар тархуни бузулникдор дар хавзаи дарёи Зиддӣ, дар баландии 2800-3200 м вомехӯранд. Дар баробари ин, бо эдификатор намудҳои – *Roegneria ugamica*, hyssopus officinalis, *Nepeta podostachys*, *Adonis turkestanica*, *dianthus caryophyllus*, *Melandrium longicarpophorum*, *Euphorbia serawschanica* зуд-зуд мушоҳида мешаванд .

Петрофитон. Минтақаи таҳқиқот бо санглохии зиёд ва баромади ҷинсҳои аслии кӯҳӣ, ки мустақиман ба ҳавзаи дарёи Зиддӣ мерасанд, тавсиф карда мешавад. Ҳамаи тарқишҳо ва барҷастагиҳои кӯҳ дар дараҷаҳои гуногун бо **петрофитҳо** пур шудаанд. Таркиби намудии ин тиб намуди кам дорад.

Дар ин замина А.А. Мадаминов ва Г.Т. Сидоренко нигоштаанд, ки «Растаниҳои хосаи ин мавзеъ инҳоанд: *Paraquilegia caespitosa, Phaoenychium abalakovii, Rhodiola litvinovii*, *Valeriana fedtschenkoi*» [50, с. 71;110,с. 61].

Баландпояи саваннамонанд. Таркиби ин ҷамоаи наботот аз растаниҳои алафии мезофилӣ ва мезотермӣ эфемерӣ шакли инкишофи дошта иборат мебошанд. Форматсияҳои ин намуди растаниҳо дар минтақаи омӯхташуда васеъ паҳн шудаанд ва хуб ифода ёфтаанд. А. Қурбонов, Г.Т. Сидоренко доир ба макони рӯйидани растаниҳои баландпояи саваннамонанд менависанд, ки «Ҳамаи онҳо дар ҷойи нестшудаи ниҳолҳои дарахтӣ ва буттагӣ ташаккул ёфтаанд» [41, с. 87; 110, с. 47].

Барои ин намуди растаниҳо форматсияи юған (*Prangos pabularia*) хос мебошад, ки дар тамоми ҳавзаи дарёи Зиддӣ вомехӯранд, аммо массивҳои калонтарин дар нишебиҳои самти ҷанубӣ (2000-3100) мутамарказ шудаанд.

Нимсаваннаҳо - яке аз намудҳои маъмултарини растаниҳо буда, на камтар аз 10-15% ҳудуди Тоҷикистонро ишғол мекунанд. С. Раҳимов, Г.Ю. Рустамова ва дигар таҳқиқотчиён қайд намудаанд, ки «пешниҳоди истилоҳи «нимсаваннаҳо» бори нахуст ба академик П.Н. Овчинников тааллуқ дорад» [98, с. 7; 103, с. 256; 105, с. 17;]. Ӯ ба ин гурӯҳ форматсияи растаниҳоеро, ки дорои тарзи муайяни инкишоф ба растаниҳои нимсаваннаҳо монанданд, дохил мекунад. Ҳамаи форматсияҳои растаниҳои эфемерӣ-эфемероидиро П.Н. Овчинников ба флоросенотипҳои нимсаваннаҳо мансуб медонад. Аз рӯи таркиб ва паҳншавӣ зертотипҳои зерин: нимсаваннаҳои алафҳои пасткутоҳ, калонхӯшадорон (баландпоя) ва баландпояи саваннамонанд, инчунин эфемерҳо фарқ карда мешаванд. Р.В.Камелин қайд намудааст, ки «мувофиқи таснифоти нави флоро-генетикӣ, ин зертотипҳои нимсаваннаҳоро ҳамчун се типи растаниҳо (флоросенотип): нимсаванаҳо аз ҷойҳои сабзи кӯҳӣ (баландпояи саваннамонандии кӯҳӣ), нимсаваннаҳои эрону туронӣ ва эфемеретҳо баррасӣ карда мешаванд» [30, с. 27].

Ба баландпояи саваннамонанд [9; 50], пеш аз ҳама, форматсияҳои чатргулони калон - камол - *Ferula tadshikorum, F. kuchistanica, F.*

foetidissima, F. ovina, F. kokanica, F. karatavica, юған - *Prangos pabularia*, сипас аз тугмачагулҳо - гули хайрӣ - *Alcea nudiflora*, аз чилликгулон – қатрон Кочи - *Crambe kotschyana,* аз мураккабгулон - чокалаи калонбарг- *Inula macrophylla* дохил мешаванд. Ин форматсияҳо, ки дар минтақаҳои гуногуни кӯҳҳо вомехӯранд, аз рӯи ҷуғрофию экологӣ аҳаммияти якхела надоранд. Масоҳати умумии баландпояи саваннамонанд аз 600 ҳазор гектар зиёд аст, ки асосан ба минтақаҳои баландкӯҳ хос аст.

Нимсаванаҳо бо дар нишебии ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор, инчунин дар қаторкӯҳҳои Петри I ва Дарвоз, ба таври фрагментӣ дар қаторкӯҳҳои Зарафшон, Туркистон ва қисман Қурама, ҳамчунин дар Помири Ғарбӣ, форматсияҳои растаниҳои пояи ғафс, сахт ва чатргулони баланд хос мебошанд. Доминантҳои асосии ин форматсияҳо, дар муқоиса бо растаниҳои марғзор, эфемероидҳои хос мебошанд. Е.И. Барабанов С. Раҳимов, ва ҳаммуалифон дар асарҳояшон қайд намудаанд, ки «намудҳои гуногуни камол (масалан, камоли тоҷикӣ ва камоли кӯҳистонӣ) на танҳо бо давраи кӯтоҳи вегетатсионӣ хосанд, балки бо хусусияти монокарпии худ низ: онҳо дар тули якчанд сол инкишоф меёбанд, ҳар сол поябарг баргҳои калон медиҳанд, оҳиста-оҳиста дар решаҳои ғафси пуркувват моддаҳои ғизоӣ ҷамъ мекунанд, сипас пояи гулдорро ҳосил карда, гул мекунанд ва мева медиҳанд, баъд аз он мемиранд» [9, с. 39; 97, с. 152; 98, с 7].

Шароити умумии иқлимӣ, ки барои минтақаҳои нимсаваннаҳои пасталаф ва хӯшадорони калон хос мебошанд, пурра дар минтақаи инкишофи форматсияи чатргулони калон зоҳир мешаванд. Дар ин ҷо боришоти максимуми атмосферӣ ба давраҳои зимистон ва баҳор рост меояд. Дар тобистон бошад, хушкии ҳаво ва ҳарорати баланд ба растаниҳо таъсири шадид мерасонанд.

Ҷамоаҳои баландпояи саваннамонанд, юганзорҳо. Ҳамчун объектҳои таҳқиқотӣ ҷамоаҳои растаниҳои бисёрсолаи типи инкишофи эфемероид – юғани хошокӣ (*Prangos pabularia*l*)* ва камоли кӯҳистонӣ *(Ferula kuhistanica)*

интихоб гардидаанд, ки дар минтақаи доманаи ҷанубии ҳавзаи дарёи Зиддӣ васеъ паҳн шудаанд.

Бо назардошти хусусияти растаниҳо дар нишеби (доманаи) ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор ва имкониятҳои ташкилию техникӣ барои таҳқиқи амиқи хусусиятҳои экологӣ-биологии растаниҳо, ассотсиатсияҳои камол-юған ва анҷибар-юған интихоб карда шуданд.



Расми 2.2.1. - Ассотсиатсияи камол - юған

Юған - растании хӯроки чорво, доруворӣ ва асаловар (расми 2.2.1.), ки аз ҷониби ҳашаротҳо гулҳои он хӯрда мешаванд, чорвои хурд ва калон, ҳамчун хасбеда - тана, барг ва тухмиҳояш истифода мешаванд. Тавре дар китоби “Флораи Тоҷикистон” (1981) таъкид мешавад, ки «дар марҳилаи нашъунамо (дар фоиз аз вазни моддаи комилан хушк) дорои: қандҳои ҳалшаванда - 7.8, гемиселлюлоза -9.6, нах (клетчатка) - 24.5, протеинҳо - 9.4, сафеда - 9.0, чарб - 2.5, хокистар - 7.0 ва 541.6 мг % витамини С, 8.8. мг % каротин мебошад» [116, с.725].



Расми 2.2.2. – Доминанти баландпояи саваннамонанд Prangos pabularia, давраи гулкунӣ

Камоли кӯҳистонӣ (***Ferula kuhistanica***), оилаи чатргулон - *Apiaceae*. Растании монокарпикӣ, то 1,7 м баландӣ дорад. Қисми зеризаминии меваpеша, ғафс аст. Пояаш тоқа, асосан то 9 см дар диаметр, ғафс, конусшакл, луч, сурхи сиёҳтоб, дар сеяки болоӣ шохадор; нӯги шохаҳо аксар вақт бо чатри марказӣ анҷом меёбанд. Баргҳо барвақт пажмурда, наздирешагӣ қаламча, қабат, барг дар намуди васеи секунҷа, калон (то 1 м дарозӣ, тақрибан 0,7 м паҳноӣ); думчаи баргҳо ҳаҷман хурд мешаванд. Меваҳо 2.5-3 см дарозӣ, 0.9-1.5 см паҳноӣ, эллептикӣ, бо бӯи қавии қатрон мебошанд (расми 2.2.2.).

Дар “Флораи Тоҷикистон” оид ба ҳудуди интишори камоли кӯҳистонӣ чунин омадааст: «Камоли кӯҳистонӣ дар минтақаҳои нимсаваннаҳо: дар бодомзорҳо, зарангзор, чормағззор, экзохордҳо, гулзор, арчазорҳо, ки аксар вақт дар гурӯҳҳои камолакҳо; дар нишебиҳои сангрезанок ва хокреза, дар қитъахои заминҳои серсанг - хоки зард; дар баландии (900) 1200-3500 м вомехӯранд. Ин ассотсиатсия қариб дар ҳамаи ноҳияҳои ботаникӣ-географӣ, аз он ҷумла, қисман дар Қурама, Моғолтой ва Назди сирдарё васеъ паҳн нашудаанд» [116, с. 725].



Расми 2.2.3. – Доминанти саваннамонандди баландпоя Ferula kuhistanica, дар марҳилаи мевадиҳӣ



Расми 2.2.4. - Доминанти баландпояи саваннамонандмакаки Лемана - Eremestachys lehmunniana, дар марҳилаи гулкунӣ

Анҷибари теппагӣ (*Geranium collinum),* аз оилаи анҷибариҳо - Geraniaceae мебошад. Растании бисёрсола буда, 15-20 см баландӣ, решаи асосии ғафс ва решаҳои тунуки риштамонанд дорад. Пояҳо тоқа ё якчандто, ростистодаанд, баъзан сершохи анбӯҳ, бо мӯякҳо пӯшида мешаванд. Гулҳояшон бунафш, арғувонӣ-бунафш ва сафед мебошанд. Давраи гулкунӣ моҳҳои июн-август, меваҳо дар моҳҳои июл-сентябр мепазанд.

Аҳаммияти хӯроки чорво ва дорувории намояндаҳои намудҳои баландпояи саваннамонанд. Аҳаммияти хӯроки чорво ва доруворӣ. Баргҳо барои зимистон ҳамчун хӯроки чорво захира карда мешаванд. Растанӣ дар давраи нашъунамо (дар % аз пояи вазни моддаи комилан хушк) дорои:

қандҳои ҳалшаванда – 11.2%, крахмал – 0.5, гемиселлюлоза -9.6, нахи растани – 13.11, протеинҳо – 21.25, сафеда – 13.0, чарб – 5.49, хокистар – 9.66 ва 109.4 мг % витамини С, 8.21. мг % каротин мебошад. С.С. Саҳобидинов менависад, ки «Қатрон дар тибби мардумӣ барои муолиҷаи саратон ва дигар намуди варамиҳо аз қадимулайём инҷониб ба кор бурда мешавад» [107, с. 216], А.А. Федоров нигоштааст, ки қатрон «дар байторӣ ва ҳангоми истеҳсоли лакҳо ва рангҳои акварелӣ васеъ истифода бурда мешавад» [115, с. 143].

Ассотсиатсияи анҷибар-юғанзор (*Prangos pabularia-Geranium collinum*). Қитъа дар мавзеи Кӯктеппа, ки дар пояи доманаи нишебии рӯ ба ғарб, дар баландии 2850 м аз сатҳи баҳр ҷойгир аст. Нишебии кӯҳӣ 19^0С аст. Хок дар зери ассотсиатсияи анҷибар-юған типи марғзорӣ-нимсаваннагӣ буда, зичии он 0.8-0.9 м, сангрезадор бо омехтаи зиёди сангҳо, хуб дренажшуда мебошад.

Пояи сабз аз тарафи гӯсфандон ва бузҳо хуб хӯрда мешавад, зеро он дар таркибаш равғани эфирӣ дорад. И. Кароматов ва дигар гиёҳшиносон қайд мекунанд, ки «решаи дар об ҷӯшонидашудаи набототи баландпояи саваннамонанд барои табобати дарди меъда истифода мешавад, баргҳо дар таркибашон моддаҳои даббоғӣ (кобилияти нигох доштани сафедаҳо) ва то 460 мг % витамин доранд» [39, с. 629; 103, с.250]. Дар “Флораи Тоҷикистон” (1981) чунин омадааст, ки «танаи рӯизаминӣ дар марҳилаи гулкунӣ дорои: қандҳои ҳалшаванда 9.4, крахмал 0.7, гемиселлюлоза 6.8, нахи растанӣ 23.1, протеин 9.6, сафеда 8.1, чарб 2.8, хокистар 9.4 мебошад» [116, с. 725].



Расми 2.2.5. - Макаки Лемана - Eremostachys lehmanniana, марҳилаи гулкунӣ

И. Каримова чунин мешуморад, ки «тағйироти назаррас дар шароити муҳити зист ва дар ҷамоаҳои интихобшуда ҳам ба таносуби миқдорӣ байни намудҳои алоҳида ва ҳам ба таркиби флористикӣ ва биоморфии растаниҳо ишора мекунанд» [37, с. 102]. Ҳангоми интихоби қитъаҳо, мо кӯшиш кардем, ки муҳиммияти гуногунии алафзори вариантҳои паҳлуи пайдарпайи инкишофёбандаи (суксессия) сафедори баландпояи саваннамонандро бо мақсади беҳтар кардани хоҷагиҳо (ҳолати чарогоҳҳо) ва онҳоро дар оянда ба инобат гирем. П.Н. Овчинников таъкид менамояд, ки «ассотсиатсияҳои интихобшуда аз ҷиҳати экологӣ муттаҳид буда, татбиқи чораҳои якхела барои беҳтаркунӣ ва истифодаи оқилонаро талаб мекунанд» [85, с. 124].

2.3. Усулҳои таҳқиқот

Дар давоми солҳои 2010-2012 дар ҷамоаҳои камолу юған ва солҳои 2014-2018 дар ҷамоаҳои анҷибар-юған сабзиш ва инкишофи растаниҳо, сохтор ва маҳсулнокии ҷамоаҳои растаниҳоро дар қитъаҳои ҳифзшаванда (мамнуъгоҳ) ва чарогоҳҳои кушод бо такрорнокии муайянсозӣ, 4 -маротиба омӯхта шудаанд. Ҷойгиршавии қитъаҳо тасодуфӣ мебошад.

Д. Браун дар ин бобат изҳори андеша намуда навиштааст, ки «шакли қитъаҳо дар ҳамаи минтақаҳо росткунҷа аст, росткунҷаи дарозшуда ҳамчун

воҳиди ҳисоб бартарии возеҳ нисбат ба мураббаъро дорад, зеро ба туфайли шакли дарозшудааш шумораи бештари пайвастшавии растаниҳоро фаро гирифта мешавад, ки аз баски растаниҳо аксар вақт дар минтақаҳои мудаввар ҷойгиранд, майдони дарозшуда нисбат ба мураббаи ҳамон масоҳат гуногунии бештари намудҳо ва омезиши растаниҳоро фаро мегирад» [11, с. 316].

Дар марҳилаи сабзиш ва инкишофи растаниҳо, дар ҳар як вариант мониторинги дарозии пояи растаниҳо, дараҷаи пӯшиш, серҳосилӣ намудӣ гузаронида мешуд. Барои омӯзиши захираи фитовазни рӯизаминии растаниҳо усули дарав истифода гардид. Маҳсулнокии алафзор тавассути даравидани танаҳои рӯизаминӣ дар ҳар як қитъа, бо майдони масоҳати 5 м^2 (200х250 см) барои юған, камол, макак ва 1 м^2 (100х100 см) – барои дигар растаниҳо (расми 2.5.1.) муайян карда шуд. Дар такя ба маълумоти китоби “Полевая геоботаника” «таҳлили намудҳоро дар ҳолати сабзиши онҳо гузаронида, муайян намудем, ки дар ҳолати хушк вазни ҳар як растанӣ ва ҳосили умумии алафзор дуруст муайян карда шудааст» [89, с. 329].



Расми 2.3.1. – Муайянкунии маҳсулнокии алафзор дар китъаи мураббаъ

Барои муайян кардани маҳсулнокии растаниҳои баландпоя азин: юғани хошокӣ – *Prangos pabularia*, камоли кӯҳистонӣ - *Ferula kuhistanica* ва макаки Леман - *Eremostachys lehmanniana* қитъаҳои 5м^2, барои дигар намудҳо - 1м^2, бо такрорнокии чоркарата истифода шуданд таркибаш омухта шуд. Ҳисобу

муайянсозии вазни тари қисми болоии алафзор аз рӯи намудҳои омӯхташуда анҷом дода шуд, баъдан вазни он дар ҳолати хушконидашуда(дар шароити табиӣ) муайян карда шуд. Захираи вазни зеризаминӣ бо усули гирифтани монолит бо андозаи 25х25 см намунаҳои хок аз қабатҳои 0-10 ва 0-50 см гирифта муайян карда шуд.



Расми 2.3.2. Муайянкунии баландии баргҳои вегетативии юған

Такрорнокии муайянкунӣ панҷкарата буд. Ҳангоми муайян кардани захираи узвҳои зеризаминӣ дар юғанзор майдони таҷрибавӣ дар горизонтҳои қабати болоӣ (0-10 ва 0-50 см) ба андозаи 50 х 50 см васеъ карда шуд. Дар робита ба маълумотҳои санҷидашуда бояд гуфт, ки «монолитҳо бо истифодаи об тавассути ғалбер ба андозаи чашмаки 0,25 см шуста шуданд. Баъдан ҳаҷм ва вазни ҳавошикастаи узвҳои зеризаминии растаниҳо муайян карда шуд» [89, с. 329].

Таҳқиқотҳои саҳроӣ ва лабораторӣ тибқи усулҳои умумиқабулшудаи геоботаникӣ, экологӣ, биохимиявӣ ва физиологӣ гузаронида шуданд [89]. Бино ба маълумоти И.Н. Байдеман «мушоҳидаҳо оид ба нашъунамои растаниҳо (расми 2.3.2.) дар фосилаи 5-10 рӯз як маротиба тибқи методика гузаронида шуданд» [10, с. 139]. Дар натиҷа муайян карда шуд, ки «усули мушоҳидавӣ ва ё чашмии арзёбии фаровонӣ – методи проексионӣ, барои муайянсозии таркиби умумии ҷамоа ва ҷудо намудани намудҳои доминантии дар он, мавҷудбуда мувофиқ мебошад» [95, с. 334]. Маълумотҳои

бадастомада бо усули проексионӣ дар бештари ҳолатҳо ба нишондодҳои усули вазнӣ мутобиқат мекунанд. Ҳамон тавре ки А.Т. Калимулин фармудааст: «Кӯшиш барои тавсифи нақши фитосенотикии намуд, тариқи муқоисаи фарогирӣ ва вазни растаниҳо, маълумотҳои ба дастовардаи тариқи баркаширо муайян мекунад» [27, с. 20; 58, с. 60]. Аммо дар таҳлили фаровонии ассектаторҳои ҷамоа мушкилоти муайян кардани пӯшиши вегетатсионии растаниҳои пастқад, ки дар алафзорҳои бисёрқабатаи зич мебароянд, ба миён меояд. Бо сабаби хатогиҳои субъективии усули чашмӣ, ки дар натиҷаи хусусиятҳои зоҳирии баъзе растаниҳо бо вазни нисбатан кам ба вуҷуд меоянд, тавсия дода мешавад, ки ҳангоми тавсифи ассектаторҳо дар ҳолатҳои зарурӣ (ба монанди таҳияи усулҳои истифодабарии оқилона ва беҳтарсозӣ), илова ба ин усул, аз усули дақиқтари миқдори вазнӣ низ истифода бурда шавад. Ҳангоми баҳисобгирии пӯшиши проексионӣ аз тӯрчаҳо бо тирезаи 3х7,5 см истифода шуд, ки бо ришта ба 10 ҳуҷраи мураббаъ тақсим шудаанд .

«Таркиби намудии флораи ҷамоаҳоро (дар масоҳати 100 м^2) мо дар раванди омӯзиши растанигӣ» [90, с. 209] П.Д. Ярошенко ва С. Раункиер, «бо усули муайян кардани вохурии намудҳо, муайян намудем» [119; 136].

Р.В. Камелин, И.Г. Серебряков ва В.М. Понятовская, «Ҳангоми тавсифи шакли ҳаётӣ корҳои» аз рӯи системаи П.Д. Ярошенко ва Раункиер «ҷойгиршавии муғҷаҳои барқароршаванда нисбат ба сатҳи хок истифода шуданд» [29; 90; 109; 136]. Усули пайдоиши намудҳо аз рӯи методикаи Раункиер аз ҷониби мо бо мақсади муайян кардани тағйиротҳое, ки дар фаровонии намудҳо ва сохтори горизонталии фитосенозҳои хоси растаниҳои алафӣ таҳти таъсири омилҳои табиӣ ва антропогенӣ ба амал меоянд, истифода шудааст. «Ба гурӯҳи доминантҳо шартан он намудҳое дохил карда шудаанд, ки саҳми онҳо дар ҳосил 5% ва аз он бештарро ташкил медод» [105, с. 17].

П.Н. Овчиников дар асарҳояш оиди сохтори амуди даштҳо чунин қайд намудааст «муайян кардани сохтори вертикалии доминантҳои ҷамоаи

растаниҳои саваннамонандди баландпоя бо методи умумиқабулшуда гузаронида шуд» [82, с. 265]. Омӯзиши ҳосилнокии тухмӣ бо истифода аз методикаи пешниҳоднамудаи И.В. Вайнагий амалӣ гардид [12].

Таҳқиқотҳои физиологӣ-биохимиявии юғани хӯроки чорво ва камоли кӯҳистонӣ дар се вариант гузаронида шуданд:

1. Баргҳои наздирешагии растани дар ҳолати вегетатсия;

2. Баргҳои наздирешагии навдаи (навдаҳои гулдиҳанда) генеративӣ;

3. Баргҳои навдаи генеративии юған.

Барои ҷудо кардани пигментҳои пластидӣ маҳлули 80%-и атсетонро истифода намудем. Зичии оптикии маҳлулро бо ёрии спектрофотометри LKBUltrospec-II, дар дарозии мавҷи 440, 649 ва 662 нм чен кардем. Миқдори хлорофиллро бо усули Вернон [139] ва каратиноидҳоро бо усули Веттштейн [140] ҳисоб кардем. Тибқи аънанавӣ муқарраршуда «Шиддати эҳтимолии фотосинтез (ШЭФ)-ро бо усули радиометрӣ муайян кардем» [118, с. 226]. Манбаи гази карбонатии нишондор, карбонати натрий ($Na_2{}^{14}CO_3$) буд. Таҷрибаҳо барои сабти $^{14}CO_2$ дар вазни муайяни баргҳои растаниҳои таҳқиқшуда гузаронида шуданд, экспозитсия дар камера бо $^{14}CO_2$ 60 сония давом ёфт, баъд аз он намунаҳо фавран дар буғҳои этаноли ҷӯшон нигоҳ дошта шуданд. Баъдан намунаҳоро дар термостат дар ҳарорати +67 … $+70^0$C хушк кардем. Намунаҳои хушкшударо майда карда, радиоактивии онҳоро бо ёрии асбоби ҳисобкунии «Волна» ПСТ-10 бо ёрии ҳисобкунаки торсавии Т-25-БФЛ (Россия) ҳисоб кардем.

Миқдори умумии нитрогенро пас аз минерализатсияи вазни муайяни узви растанӣ бо кислотаи сулфати консентратсионӣ мувофиқи методи умумии қабулшуда бо истифода аз реактиви Несслер ва графики калибронӣ, ки бо ёрии маҳлули эталонии NH_4CI тартиб дода шудааст, муайян карда шуд. Шиддати рангро бо ёрии спектрофотометрии LKBUltrospec-II (Шветсия), дар дарозии мавҷи 410 нм чен кардем [88]. Таҳлили омории маълумотҳо тибқи нишондодҳои В.Л. Вознесенский ба роҳ монда шуд [13].

БОБИ 3. Нишондиҳандаҳои биоморфологӣ-физиологӣ ва биохимиявии баъзе намудҳои доминантии ҷамоаи растаниҳои баландпояи саваннамонанд

3.1. Рушди мавсимии растаниҳо

Чӣ тавре ки дар бобҳои қаблӣ зикр шуд, пӯшиши растаниҳои атрофи пойгоҳи ботаникии Институти ботаника, физиология ва генетикаи растаниҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон «Сиёҳкӯҳ», ки дар баландии 2450 метр аз сатҳи баҳр, дар доманаи ағбаи Анзоб ҷойгир аст, бо гуногунии типҳои растаниҳо фарқ мекунад, фитосенозҳои мавҷудбуда дар ин ҷо аз ҷиҳати генетикӣ ва экологӣ яксола нестанд. Мутахассиси соҳаи набототшиноси П.Н. Овчинников зимни мушоҳидаҳояш «дар минтақаи ағбаи Анзоб 7 типи растаниҳоро муайян ва таснифу гурӯҳбандӣ намудааст» [82, с. 265].

Набототи баландпояи саваннамонанд яке аз типҳои асосии растаниҳои пойгоҳи Сиёҳкӯҳ буда, бо афзалияти растаниҳо бо намудҳои гуногуни низоми решагӣ тавсиф мешаванд. Шабакаи зичи решаҳо то чуқурии 120 см мерасад; зиёда аз 50-53% вазни умумии решаҳо дар қабатҳои болоии хок ҷойгир мебошанд. Н.Г. Калеткина менависад, ки «миқдори вазни зеризаминии растаниҳо 25-47 маротиба аз вазни рӯизаминии онҳо зиёд аст. Чунин таносуб аз устувории баланди ҳаётии растаниҳо шаҳодат медиҳад» [24; 25]. Хусусияти хоси баландпояи саваннамонанд дар бартарии доминантӣ доштани намудҳои зерин *Prangos pabularia. Ferula kuhistanica. Eremostachys lehmanniana*) мебошад. Асоси таркиби намуди ҷамоъаро нахӯди даштии тунукбарг (*Vicia tenuifolia),* кокутӣ (*Origanum tyttanthum*), анҷибари теппагӣ (*Geranium collinum*), торони (*Polygonum aviculare),* нахутаки туркестонӣ (*Astragalus turkestanus),* коқути майдабарг (*Origanum tyttanthum*), коснии муқаррарӣ (*Cichorium intybus*), юнучқаи киштукорӣ (*Medicago sativa*), нахӯдаки фишурдамӯй (*Astragalus adpressipilosus),* қоқуи варзобӣ (*Taraxacum varsobicum),* гулиговаки деҳқонҷорӯб (*Centaurea squarrosa*), гули баҳорӣ (*Erophila verna*), бомуси донтон (*Bromus danthoniae),* моракхори сафедтоб

(*Cirsium incanum),* ҷамилаки помируолойӣ (*Ziziphora pamiroalaica*), зуфи нештарбарг (*Plantago lanceolata*) ва ғайра ташкил медиҳанд. Соли 2010 дар натиҷаи маниторинг дар ин мавзеъ 25 намуди растанӣ ба қайд гирифта шуд. Сарфи назар аз он ки ассотсиатсияро растаниҳои бисёрсола ташкил медиҳанд, дар давоми солҳои пайдарпай (2010-2012) тағйироти назаррас мушоҳида шудаанд.

Таҳти таъсири омилҳои антропогенӣ (дарав кардан, чаронидани чорво, истифодаи нуриҳо) таркиб ва сохтор, инчунин маҳсулнокии ҷамоаҳои

растаниҳои баландпояи саваннамонанд ба таври назаррас тағйир меёбанд. Дар чарогоҳҳо ворид намудани нуриҳои нитрогению фосфорӣ ва дарав кардани алафзор барои хасбеда ҳосилнокии ҷави пиёздорро (*Hordeum bulbosum)* зиёд мекунад.

Таҳлили натиҷаҳои таҳқиқоти бисёрсолаи таъсири омилҳои табиӣ ва антропогенӣ ба сохтор ва маҳсулнокии ҷамоаҳои растаниҳои баландпояи саваннамонанд гузаронида шуд. Муайян карда шуд, ки сабзиши баланд ва маҳсулнокии юғанзор бо омилҳои экологии давраи вегетатсионӣ зич алоқаманд аст. Масалан, дар минтақаи ҳифзшаванда, дар соли 2010 ҳосили алафи хушки рӯизаминии ҷамоаи камолу юған 6700 кг/га ва соли 2012 - 10300 кг /га ба даст оварда шуд. Ҳиссаи юған дар ҳосили умумии алафзор мутаносибан ба 67.1 ва 76.4% баробар буд. Таҳти таъсири омилҳои антропогенӣ сохтор ва маҳсулнокии юғанзор ба таври назаррас тағйир ёфт. Ҳангоми дарави солонаи алафзор дар марҳилаи гулкунӣ-мевадиҳӣ юған захираи умумии алафи хушки рӯизаминии дар соли 2010 - 5400 кг/га ва дар соли 2012 - 6700 кг/га-ро ташкил дод. Дар чарогоҳи кушод ҳосили хушки рӯизаминии ҷамоаи камолу юған дар солҳои 2010 ва 2012 - 2000 кг/га-ро ташкил дод. Дар қитъаҳои чарогоҳи кушод ва алафдаравӣ ҳиссаи юғани хошокӣ, дар ҳосили умумӣ ба 75.1 ва 25.2% баробар мебошад. Аз ҳад зиёд чаронидани чорво ба таназзули юғанзор ва тағйирёбии таркиб ва сохтори онҳо, инчунин ба коҳиши маҳсулнокии умумӣ ва истеҳсолӣ оварда расонд.

Дар маҷмуъ, барои барқарорсозии сохтор ва маҳсулнокии алафзори чарогоҳҳои растаниҳои баландпояи саваннамонандд зарур аст, ки истифодаи онҳо бо назардошти хусусиятҳои биологии растаниҳои асосии хӯроки чорво танзим карда шавад. Бо ин мақсад, бояд низоми чарогоҳгардонӣ ҷорӣ карда шавад. Дар қитъаҳои дамдодашуда, бо мақсади тезонидани раванди барқарорсозии чарогоҳҳои таназзулёфта, мувофиқ аст, ки тухми растаниҳои хӯроки чорво кошта шавад. Бояд ба зиёд кардани ҳиссаи растаниҳои лӯбиёгиҳои хӯроки чорво дар таркиби алафзор таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шавад.

3.4.Таснифоти систематикии наботот

Дар натиҷаи гузаронидани таҳқиқотҳои систематики ва коркарди маводҳои ҷамъовардашуда, руйхати систематикии растаниҳои қитъаи таҳқиқоти тартиб дода шуд (ҷадвали 3.4.1). Таҳлили таркиби систематикӣ нишон медиҳад, ки намудҳои ошкоршуда ба миқдори 16 оила ва 40 намуд мансубанд.

Таҳлили сохтори оилаҳо нишон медиҳад, ки дар қитъаҳои таҳқиқот намояндагони оилаи *Asteraceae* мавқеи пешсафро ишғол мекунад, ки 15 намудро *Artemisia lehmanniana, A. Dracunculus, Achillea filipendulina, Artemisia persica, Arctium tomentosum, Matricaria aurea, Myriactis wallichii, Cichorium intybus, Cousinia splendida, C. franchetii, C. alpine, Centaurea depressa, Inula macrophylla, Raponticum integrifolium, Taraxacum anzobicum*, дар бар мегиранд. Ин аз мутобиқшавии баланди ин оила ба шароитҳои экологии минтақа шаҳодат медиҳад.

Оилаи *Fabaceae* ба 5 намуд, ва оилаи *Apiaceae* бо 3 намуд дар ҷои дуюм ва сеюм қарор доранд. Бояд қайд кард, ки намудҳои оилаи *Apiaceae*, аз ҷумла *Prangos pabularia* ва *Ferula kuhistanica*, дар ташаккули фитосенози чарогоҳҳо нақши асосӣ мебозанд.

Дигар оилаҳо, ба монанди *Lamiaceae, Asphodelceae, Amaryllidaceae, Poaceae* ва *Rosaceae, Caprifoliaceae* бо шумораи ками намудҳо (1-2 намудӣ) муарифи шудаанд, вале онҳо дар нигоҳдоштани гуногуни биологии ҷамоаи растаниҳо ва бойгардонии таркиби флораи он аҳамияти хос доранд.

Натиҷаҳои таҳлил нишон медиҳад, ки дар ҷадвал 40 намуди растанӣ оварда шудааст, ки растаниҳо дорои хосиятҳои гуногун мебошанд. (шифобахш, хуроки чорво, асалдиҳанда, заҳрнок).

Ҷадвал 3.4.1 Руйхати систематикии намудҳои растаниҳо (Сиёкуҳ 2022)

Р//Т	Оила	Намуд	фаровонӣ
1	Apiaceae	*Prangos pabularia*	*cop*[2]
		Ferula kuhistanica	*cop*
		Elaeosticta bucharica	*sp*
2	Lamiaceae	*Eremostachys hissarica*	*sol*
		Origanum tyttanthum	*sop*
3	Asphodelceae	*Eremurus hissaricus*	*sol*
4	Ameryllidaceae	*Allium bucharicum*	sp

5	Fabaceae	*Astragalus apiculatus*	*sol*
		A. Titovii	*sol*
		Medicago lupulina	*sol*
		M. sativa	*sol*
		Onobrychis echidna	*cop*
6	Asteraceae	*Artemisia lehmanniana*	*sp*
		A. dracunculus	*cop*
		Achillea filipendulina	*sol*
		Artemisia persica	*sol*
		Arctium tomentosum	*sp*
		Matricaria aurea	*sp*
		Myriactis wallichii	*sol*
		Cichorium intybus	*sol*
		Cousinia splendida	*sol*
		C.franchetii	*sol*
		C. alpine	*sol*
		Centaurea depressa	sol
		Inula macrophylla	*sp*
		Raponticum integrifolium	*sp*
		Taraxacum anzobicum	*cop*
7	Ranunculaceae	*Adonis turcestanicus*	*sol*
		Ranunculus arvensis	*sop*
8	Poaceae	*Dactylis glomerata*	sol
		Elytrigia repens	sol
9	Polygonaceae	*Polygonum aviculare*	*un*
10	Euphorbiaceae	*Euphorbia sarawschanica*	sp
11	Geraniaceae	*Geranium collinum*	sp
12	Cyperaceae	***Carex songorica***	sol
13	Plantaginaceae	*Plantago lanceolata*	sol
14	Iridaceae	*Iris sogdiana*	*sol*
		Juno linifolia	sol
15	Rosaceae	*Rosa canina*	*un*
16	Caprifoliaceae	*Scabiosa songarica*	*cop*

Растаниҳои хуроки чорво; Қисми зиёди растаниҳо (масалан, юнучқа - *Medicago sativa*,растани бисёрсолаи лубиёгӣ буда, пояш рост, сахти қирадор, сершох, муякчаҳояш кам аст, ки баландиаш 30-90 см мешавад. Гулаш кабуди бунафшаранг мебошанд. Намуди худрӯи он дар ҳамаи минтақаҳои Тоҷикистон (ғайр аз Помири Шарқӣ) дар набототи саваннамонанд, даштзор, марғзор, ҷангалзорҳо, дар баландии 500-3800 м аз сатҳи баҳр вомехурад. Чун зироати асосии хӯроки чорво навъҳои он дар заминҳои обӣ ва лалмӣ кишт карда мешавад. Алафи хушкаш дар таркиби худ 18,0% протеин, 2,7% равған, 30,2% бофтаҳои дурушт, 9,7% хокистар ва 3,4% моддаҳои қиёмии бенитроген дорад. Он нитрогени ҳаворо ба воситаи лундабактерияҳо дар худ ҷамъ оварда, хокро ҳосилхез ва ҳифз менамояд.

Ҷадвали 3.4.2. Тавсифи систематикаи – набототи растаниҳои худрӯи саваннамонанди мавзеи Сиёкуҳ дар қитъаҳои алафдаравӣ 2023

Номгӯи растаниҳо	Растаниҳои	Растаниҳо	Растаниҳои	Растаниҳои

	хуроки чорво	и захрнок	шифобахш	шаҳдовар
Prangos pabularia	+	-	+	+
Ferula kuhistanica	+	-	+	+
Eremostachys hissarica	-	-	-	-
Eremurus hissaricus	-	-	+	+
Allium bucharicum	+	-	+	+
Astragalus apiculatus	+	-	+	-
A. Titovii	+	-	+	-
Artemisia lehmanniana	+	-	+	-
Scabiosa songarica	+	-		-
A. dracunculus	-	-	+	-
Achillea filipendulina	-	-	+	+
Artemisia persica	+	-	+	-
Arctium tomentosum	-	-	-	-
Adonis turcestanicus	-	+	+	-
Medicago lupulina	+	-	-	+
M. sativa	+	-	-	+
Matricaria aurea	-	-	-	-
Myriactis wallichii	-	-	-	-
Dactylis glomerata	+	-		-
Polygonum aviculare	+	-	+	-
Elytrigia repens	+	-	+	-
Euphorbia sarawschanica		+	+	-
Elaeosticta bucharica	+	-	-	+
Onobrychis echidna	+	-	-	+
Origanum tyttanthum	-	-	+	+
Geranium collinum	-	-	+	+
Cichorium intybus	+	-	+	+
Cousinia splendida	-	-	-	+
C.franchetii	-	-	-	+
C. alpine	-	-	-	+
Carex songorica	+	-	-	-
Centaurea depressa	-	-	+	+
Plantago lanceolata	-	-	+	-
Iris sogdiana	-	-	+	+
Inula macrophylla	-	-	-	+
Juno linifolia	-	+	-	+
Rosa canina	-		+	+
Raponticum integrifolium	+		+	+
Ranunculus arvensis	-	+	+	-
Taraxacum anzobicum	+	-	+	+

Эзоҳ: + ҳаст; - нест

Хардумак - *Dactylis glomerata,* - алафи бисёрсолаи хушадор буда, решааш кутоҳи, боқувати, ҷимреша аст. Пояаш ростистода, сербарг ва баландиаш то 1 м мешавад. Баргаш дароз, ҳамвор, баъзан муякчадор буда, хушагулаш чорубак аст. Хардума алафи беҳтарини чарогоҳ буда, хӯроки серғизои ҳамаи чорво, хусусан чорвои калони шохдор мебошад. Дар давраи сабзиш чорво 65-75% алафи онро истеъмол мекунад. Ҷойгиршаваиаш бошад, дар чарогоҳҳои наздикуҳӣ ва куҳӣ (ба ғайр аз Помири Шарқӣ), дар баландӣ

1100-2800 м аз сатҳи баҳр меруяд. Дар манотиқи набототи алафзори ҷавдору гандумак, ҷангалзорҳо ва марғзорҳои миёнакуҳ ва баландкӯҳ месабзад. Ғизоноки алафи хушкаш дар таркиби худ 12,2% протеин, 2,6% равған, 29,8% бофтаҳои дурушт, 6,8% хокистар ва 48,6% моддаҳои киёмии бенитроген дорад. Ҳамчун манбаи ғизои чорво қайд шудаанд. Ин нишон медиҳад, ки минтақаи омузиш иқтидори баланди чарогоҳӣ дорад.

Растаниҳои шифобахш (доруворӣ). Ин гурӯҳ яке аз калонтарин қисмҳои ҷадвалро ташкил медиҳад, ки ҳамчун растаниҳои шифобахш сабт шудаанд, ки аҳамияти фармакологии флораи минтақаро тасдиқ мекунад.

Растаниҳое ба монанди; Юған - ***Prangos pabularia,*** аҳамияти шифобахшиаш аз таркиби бойи он вобастааст: **кумаринҳо**, ин модаҳои асосии фаъоли биологӣ мебошад, ки хосияти зиддимикробӣ ва зиддиварамӣ доранд. Равғанҳои эфирӣ: дар таркиби реша ва тухмаш мавҷуданд, ки бӯи хос ва хосияти антисептикӣ (микропкушӣ) медиҳанд. Витаминҳо: бо витамини С ва каротин бой аст.

Пиёзи бухоройӣ - Allium bucharicum, - яке аз гиёҳои нодир ва шифобахши минтақаи куҳии Осиёи Марказӣ, азон ҷумла дар ҳавзаи дарёи Зиддӣ ба шумор меравад. Ин растани на танҳо ҳамчун ғизо, балки дар тибби мардумӣ барои табобати бисёр бемориҳо истифода мешавад. Хосияти шифобахшӣ зиддимикробӣ ва антисептикии намояндагони авлоди пиёз, азон ҷумла пиёзи бухорои бо дорои фитосидҳо ва пайвастагиҳои сулфур дар таркиби баргу мева онҳо вобастагӣ мебошад. Он барои нобуд кардани бактерияҳои зараровар ва занбуруғҳо (грибок) кумак мекунад. Дар тибби мардумӣ барои табобати захмҳои фасоддор ва бемориҳои пӯст истифода мешавад.

Тахач леман - *Artemisia lehmanniana* - яке аз намудҳои муҳими авлоди *Artemisia* мебошад, ки дар низоми экологӣ ва тиббии минтақаҳои куҳии Осиёи Маркази ҷойи махсусро ишғол мекунад. Ин гиёҳ аз ҷиҳати таркиби кимиёвӣ бой буда, дорои равғанҳои эфирӣ, алкалоидҳо ва флавоноидҳо мебошад.

Дар баробари таҳлили систематикӣ, муайян намудани аҳамияти хоҷагидории растаниҳо барои арзёбии иқтидори табии минтақа зарур аст. Мувофиқи маълумоти ҷадвли 3, растаниҳои мавзеи таҳқиқот ба чор гуруҳи асосии хоҷагидорӣ тақсим карда шуданд.

Натиҷаҳо нишон медиҳанд, ки дар таркиби флораи набототи саваннамонанди мавзеи Сиякуҳ растаниҳои шифобахш бартарӣ доранд, ки 21 намуд ё 56,8 % - ***Prangos pabularia,*** *Achillea filipendulina, Artemisia lehmanniana,* ва ғайраҳо шумораи умумиро ташкил медиҳанд. Ин аз захираи бойи ашёи хоми доруворӣ дар минтақа ва имкониятҳои васеи истифодаи онҳо дар фармакология шаҳодат медиҳад.

Растаниҳои шаҳддор (асалдиҳанда):Онҳо намудҳое мебошанд, ки мисли *Eremurus hissaricus* - яке аз гиёҳҳои муҳими шаҳдовар ва гардолудкунандаи минтақаҳои куҳӣ ва баландкуҳ шинохта мешавад. Ин гиёҳ ба оилаи *Asphodelceae* таъллуқ дошта, дар давраи гулгузорӣ диққати занбурҳо ва дигар ҳашароти гардолудкунандаро ба худ ҷалб мекунад. Давраи гулкуни вобаста ба баландӣ аз сатҳи баҳр вобаста мебошад, ки аз охири моҳи май оғоз шуда, то нимаи июл давом мекунад. Инчунин давомноки хушагури растани дар давоми 15-25рӯз гул мекунад, ки ин як манбаи устувори ғизо барои занбурҳо дар мавсими тобистон ба ҳисоб меравад

Cichorium intybus - на танҳо ҳамчун растани шифобахш, балки яке аз гиёҳҳои муҳими шаҳдовар (асалдиҳанда) дар табиат шинохта мешавад. Асалпарварон ин гиёҳро барои давомнокии гулгузорӣ ва сифати баланди маҳсулоташ қадр мекунанд.Давраҳои гулкуни ва мевадиҳи *Cichorium* тулони буда, ки одатан аз нимаи моҳи июн оғоз мешавад ва то охири моҳи август (ва баъзан то сентиябр) идома медиҳад. ки барои занбури асал аҳамияти калон дорад. Боз *Ziziphora, Nepeta, Astragalus*, ва ғайра

Растаниҳои шаҳдовар бо 16 намуд *Eremurus hissaricus, Achillea filipendulina, Cichorium intybus ва ғайра* (43,2%) дар ҷойи дуюм қарор дорад. Мавҷудияти ин гурӯҳ, хусусан дар минтақаҳои баландкӯҳ, барои рушди занбӯри асалпарварӣ заминаи мусоид фароҳам меорад.


Ба гурӯҳи растаниҳои хуроки чорво 15 намудро, азон ҷумла *Medicago sativa Prangos pabularia, Medicago lupulina* (40,5%)- ро шомил мекунанд. Азбаски қисми зиёди намудҳо ба ин гуруҳ мансубанд, ин аз сифати баланди коҳиш ва маҳсулнокии чарогоҳҳо дар давраи нашъунамо гувоҳӣ медиҳад.

4. **Растаниҳои заҳрнок.** Дар ҷадвали 1 испанд - *Adonis turcestanicus* ва чинорак - *Ranunculus arvensis* ҳамчун растаниҳои заҳрнок (+) қайд шудаанд. Вале юған, сичи Ҳисорӣ ва зарбати Зарафшонӣ низ дар давраҳои аввали сабзиш заҳрноканд.

Ҷадвали 3.4.3. Гуруҳбандии растаниҳои нафъовар 2023

Гуруҳи растаниҳо	Миқдор (шумора)	Фоиз (%)
Растаниҳои хуроки чорво	15	40.5
Растаниҳои заҳрнок	4	10.8
Растаниҳои шифобахш	21	56.8
Растаниҳои шаҳдовар	16	43.2

Растаниҳои заҳрнок танҳо 10,8%-ро (4 намуд) *Adonis turcestanicus, Euphorbia sarawschanica, Juno linifolia, ва Ranunculus arvensis* ташкил медиҳанд, ки ин нишондиҳандаи мусбат барои бехатарии чорводорӣ дар ин минтақа мебошад. Бо вуҷуди кам будани шумораи онҳо, донистани намудҳои заҳрнок барои танзими дурусти истифодаи чарогоҳҳо аҳамияти ҷиддӣ доранд.



Расми 3.4.1 Гуруҳбандии хоҷагидории растаниҳо фоиз % ва шумора

Таҳқиқотҳои мо дар се қитъаи таҷрибавӣ: чарогоҳ, алафдарав ва ҳифзшавандаи чарогоҳҳои субалпии мавзеи Сиёҳкуҳ, ки дар баландии 2450 м., баландӣ ҷойгир аст, дар солхои 2022 гузаронида шуд. Мушоҳидаҳо мувофиқи усули И.В. Ларин гузаронда шуданд. Ба истифодабарии растаниҳо ҳамчун ғизо, аз рӯи ҷадвали шаш хола баҳо дода шуд.

Дар рафти таҳқиқот муайян шуд, ки дар се қитъи таҷрибавӣ чарогоҳ, алафдарав ва ҳифзшаванда таркиби растаниҳои субальпикӣ хеле гуногунанд: дар қитъаи ҷарогоҳ, дар баробари васеъ паҳн шудани растани юғани хошокӣ дигар растаниҳои заҳрнок ба монанди шибоғи гандапуш- *Artemisia persica* Boiss**.,** тархун- *Artemisia dracunculus* **(**Bess) *Peterm.* **(L).,** сузокгиёҳи кашмирӣ- *Phlomis cashmeriana* Royle ex Benth**.,** хоралафи қатрон - *Cousinia splendida* C**.,** маргимоҳии *ҷунгори* - *Verbascum songaricum* Schrenk., адрасмони туркистонӣ- *Adonis turkestanicus* Korsh**.,** васе паҳн шудаанд. Дар қитъаи таҷрибавии алафдарав бештар растаниҳои субалпикӣ вуҷуд доранд, инҳо юғани хошокӣ- *Prangos pabularia* Lindl**.,** камоли *кухистонӣ- Ferula kuhistanica* Korov**.,** юнучқ*аи* киштукорӣ - *Medicago sativa* L**.,** қ*атраборони* хордор- *Onobrychis echidna* Lipsky**.,** *барги зулфи нештарбарг- Plantago lanseolata* L**.,** *нахутаки* олоӣ- *Astragalus alaicus* Freyn**.,** *нахуди даштии тунукбарг- Vicia tenuifolia* Roth. ва миқдори ками растании заҳрноки маргимоҳии *ҷунгорӣ- Verbascum songaricum* Schrenk., дида мешавад. Дар қитъаи таҷрибавии ҳифзшаванда бошад, миқдори зиёди растаниҳои хуроки чорво ба назар мерасанд, инҳо: растании калоналафи юғани хошокӣ- *Prangos pabularia* Lindl., юнучқ*аи* киштукорӣ - *Medicago sativa* L., *нахутаки* Титовӣ- *Astragalus Modestii* R.Kam., анҷибари *теппагӣ* - *Geranium collinum* Steph., *нахуди даштии тунукбарг* - *Vicia tenuifolia* Roth, *Tent.* ва ғайраҳо вуҷуд доранд. Мушоҳидаҳо нишон доданд, ки растаниҳои заҳрнок бештар дар қитъаи таҷрибавии чарогоҳ ба қайд гирифта шуданд. Миқдори растаниҳои заҳрнок дар қитъаи ҳифзшаванда ва алафдарав камтар ба қайд гирифта шуд. Сабаби асосии он ин аз ҳад зиёд чарондани чорво дар қитъаи таҷрибавии аввала мебошад, яъне чорво растаниҳои ғизоиро нест карда, миқдори

растаниҳои заҳрнок ва истеъмолнашаванда зиёд мешавад**.** Натиҷаи таҷриба дар ҷадвали 3.4.4. дарҷ гардидааст, ки аз он метавонем зиёду камшавии миқдори растаниҳои мавҷударо муайян кунем.

Ҷадвали 3.4.4 Руйхати растаниҳо ва фаровонии онҳо дар мавзеъи омӯзишӣ 2022с.

P//T	Номгӯи растаниҳо	Фаровони растаниҳо (шкла Друде)	Аҳамияти он
1.	*Prangos pabularia Lindl.*	*cop3*	Ғизоӣ ва табобатӣ
2.	*Ferula kuhistanica Korov.*	*cop2*	Ғизоӣ ва табобатӣ
3.	*Eremostachys hissarica*	*cop2*	
4.	*Eremurus hissaricus Regel.*	*cop1*	
5.	*Allium oreophiloides Rgl.*	*sp*	
6.	*Artemisia dracunculus (Bess)*	*cop1.*	Табобатӣ
7.	*Astragalus alaicus Freyn.*	*sol*	Ғизоги
8.	*Cousinia splendida C. Winkl.*	*sp*	
9.	*Cousinia alpina Bunge.*	*sp*	
10.	*Vaccaria piramidata Medic.*	*sol*	Хӯроки чорво
11.	*Artemisia persica Boiss*	*sol*	Ғизоӣ-табобати
12.	*Cichorium intybus L.*	*sol*	Ғизоӣ-табобати
13.	*Artemisia lehmanniana Bunge.*	*sp*	Ғизоги
14.	*Centaurea ruthenica Lam.*	*Sol*	
15.	*Zizihpora pamiroalaica Juz.*	*Sp*	Табобатӣ
16.	*Euphorbia sarawschanica*	*Sp*	
17.	*Bromus gedrosianus Penzes. 1*	*Sol*	Ғизоги
18.	*Verbascum songaricum Schrenk*	*Sol*	Табобати
19.	*Adonis turkestanicus(Korsh.)*	*Sp*	Табобати
20.	*Scabioza songarica Schrenk*	*Sp*	Ғизоги
21.	*Hypericum perforatum L.*	*Sol*	Табобатӣ

Идомаи ҷадвал 3.4.4

1	*Dactylis glomerata L.*	Sp	Ғизоги
2	*Cousinia franchetii Winkl.*	Sol	Намехурад
3	*Onobrychis echidna Lipsky.*	cop1	Ғизоги
4	*Matricaria aurea (L.)*	Sol	Табобатӣ
5	*Inula macrophylla Kar.et Kir*	Sol	Ғизоӣ-табобати
6	*Taraxacum Vassilczenkoi Schischk*	Sol	Намехурад
7	*Plantago lanseolata (L.)*	Sp	Табобатӣ
8	*Trifolium pretense L.*	Sp	Ғизоги-
9	*Medicago sativa L.*	Sp	Ғизоги
10	*Rosa canina L.*	Sol	Ғизоӣ- табобати
11	*Iris sogdiana Bunge.*	Sol	Табобати
12	*Vicia tenuifolia Roth, Tent.*	Un	Ғизоги
13	*Origanum tyttanthum Gontsch.*	Sp	Табобати
14	*Arctium tomentosum Mill.*	Sp	Ғизоги
15	*Silene bucharica M.*	Un	Ғизоги
16	*Medicago lupulina L.*	Sp	Ғизоги

17	*Convolvulus arvensis L.*	Sp	Ғизоӣ- табобати
18	*Myriactis wallichii Less.*	un	Ғизоӣ
19	*Trifolium pratense L.*	Sp	Ғизоӣ- табобати
20	*Hordeum bulbosum L.*	Sp	Ғизоӣ
21	*Geranium collinum Steph.*	Sol	Ғизоӣ- табобати
22	*Carex songorica Kar.et Kir.*	Sp	Ғизоги
23	*Astragalus Modestii R.Kam.*	cop1	Ғизоги
24	*Achillea filipendulina Lam.*	Sol	Табобати
25	*Rhaponticum integrifolium C. Winkl.*	Sp	Табобати
26	*Elytrigia intermedia (Host.).*	Sp	Ғизоги
27	*Phlomis cashmeriana Royle ex Benth.*	Sp	Табобати

Аломатҳои шартӣ. Sop3-растанӣ ниҳоят бисёр, Sop2- растани фаровон, Cop1- растани бисёр , sp- растани ниҳоят тунук , sol- растани танҳо, un- растани яка танҳо.

Аз ҷадвал бармеояд, ки дар мавзеъи омӯзишӣ Сиёкуҳ 48 намуди растанӣ, ки ба 45 авлод ва 20 оила мансубанд, дарёфт карда шуданд. Аз ҷиҳати паҳншавӣ ва фаровонӣ мувофиқи ҷадвали Друде растании аз ҳама паҳншудатарин (*cop3)* ин юғани хошокӣ- *Prangos pabularia Lindl*. мебошад, растаниҳои зиёд дучоршаванда (*cop2*) ин камоли куҳистон- *Ferula kuhistanica Korov* ва макаки ҳисорӣ- *Eremostachys hissarica Regel*, растании нисбатан бисёртар (*cop1*) ***нахутаки*** олои- *Astragalus alaicus Freyn.,* ***қатраборони*** хордор- *Onobrychis echidna* Lipsky., *сичи* ***х***исорӣ -*Eremurus hissaricus Regel.* ва ғайра, растаниҳое, ки кам вомехуранд (sp) 22 адад, растаниҳое, ки ягон-ягон вомехуранд (sol) 15 адад, растаниҳои як донаги вомехуранд (un) хазортухмаки Уоллича -*Myriactis wallichii* Less, хашхоши бухорой- *Silene bucharica M.,* ***нахуди даштии*** *тунукбарг- Vicia tenuifolia* Roth, Tent. мебошанд.

Ҳамин тавр маълум мешавад, ки зиёдшавии миқдори растаниҳои заҳрнок аз меёр зиёд чарондани чорво ва дам надодани чарогоҳ вобастагӣ дорад. Солҳои охир қариб ҳамаи чарогоҳҳои ҷумҳурӣ ба чунин мушкилот дучор шуда истодаанд. Проблемаи дигаре, ки ба камшавии миқдори растаниҳо дар чарогоҳ таъсири калон мерасонад ин гармшавии иқлим мебошад, ки дар давраи нашъунамо намӣ хел кам аст.

Ҳоло масъалаи таъмин намудани чарогоҳҳоро бо нитроген (азот) дар давлатҳои гуногуни дунё бо ду роҳи аз ҳамдигар фарқкунанда ҳал менамоянд. Дар як маврид агар нуриҳои нитрогендор васеъ истифода шаванд, дар мавриди дигар барои ин мақсад азоти биологӣ, яъне растаниҳои азотҷамъкунанда, ки дар решаашон бактерияҳои лӯндашакл доранд истифода мебаранд. Ҳамин тавр дар Голландия, Англия, Германия ва дигар давлатҳо нуриҳои азотӣ васеъ истифода бурда мешаванд. Дар ин ҷо чунин мешуморанд, ки ҳангоми ба миқдори зиёд истифода бурдани нуриҳои азотӣ дар алафзори растаниҳои хӯшадор дар 1 га зиёда аз 100 сентнер массаи хушки алаф рӯёндан мумкин аст, бо вуҷуди ин 1,5 маротиба миқдори протеин дар таркиби он зиёд мешавад.

Проблемаи таъмин намудани растаниҳо бо азот ба воситаи растаниҳои азотҳосилкунандаи лӯбиёгӣ дар Зеландияи Нав ва Австралия бо муваффақият ба роҳ монда шудааст, бинобарон, дар он ҷо чарогоҳҳо дар ҳолати хуб қарор доранд. Ин усул кишти намояндаҳои оилаи лубиёгиҳо мебошад.

Дар ҷумҳурии мо растаниҳои лӯбиёгӣ дар сохтори алафзори чарогоҳҳои табиӣ ва алафдарав нақши муҳим доранд. Онҳо яке аз калонтарин оила дар таркиби наботот (флора)-и Тоҷикистон буда, 55 авлод ва 550 намудро ташкил медиҳанд. Лӯбиёгиҳо растаниҳои доминантӣ (қатраборон, мунҷ, себарга, ширинбия) дар чарогоҳҳо мебошанд, ё дар омехтагӣ бо хӯшадорон ва гуногуналафҳо таркиби онҳоро хубтар мегардонанд. Мавҷудияти растаниҳои лӯбиёгӣ дар таркиби алафзори чарогоҳ ва алафдарав ғизонокии алафҳои хӯрокии чорворо беҳтар мекунад. Дар чарогоҳҳои табии намудҳои юнучқа (*Medicago*), сидирк (*Lathyrus)*, мунҷ (*Vicia*), себарга (*Trifolium*), астрагал (*Astragal*), гушворгиёҳ (*Onobrychis*), ва ҳулбат (*Trigonella*) аҳамияти калони хӯрокӣ доранд. Бисёр намуди лӯбиёгиҳо растаниҳои хуби ғизоӣ, асалдор ва табобатӣ мебошанд.

Бо мақсади ворид кардани он ба кишт, дар минтақаҳои гуногун хусусиятҳои биологӣ, ҳосилнокӣ ва таркиби химиявии популятсияи маҳаллии юнучқаи лундашакл ва юнучқаи қулмоқнамо, гушворгиёҳи зебо,

мунчи мӯякдор, астрагалаи орҷингмева ва дигар растаниҳои яксолаи лӯбиёгӣ омӯхта шуданд. Дар маҷмӯъ, баррасии натиҷаҳои корҳои сершумор нишон медиҳад, ки лӯбиёгиҳои худруй флораи табиӣ манбаи бойтарини растаниҳои арзишманди хӯроки чорво мебошанд. Намудҳои растаниҳои яксолаи лӯбиёгии худруй аз адир теппаҳои наздикӯҳӣ то миёнакӯҳҳои қисми ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор (800-2500 м аз сатҳи баҳр) васеъ паҳн шудаанд, гарчанде ки танҳо якчанд намудҳои авлоди юнучқа ва гушворгиёҳ аҳамияти фитоценотикӣ доранд.

Инчунин боз биоэкологияи, ҳосилнокӣ ва аҳамияти растаниҳои яксолаи лӯбиёгии худруйи хӯроки чорвои ҳавзаи дарёи Лучоб дар доманакӯҳ ва баландкӯҳи ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор дар минтақаҳои омӯзишии атрофи шаҳри Душанбе, деҳаҳои Косатарош ва Дурманбулоқи ҷамоати Лучоб, дар ҷамоаи растаниҳои набототи саваннамонанд, марғзорӣ ва даштӣ омӯхта шуд. Таҳқиқот дар алафзори табиӣ, ки ҳамчун чарогоҳҳои баҳорию тирамоҳӣ ва тобистона истифода мебаранд, бо усулҳои геоботаникӣ ва киштукори растаниҳо (интродуксия) гузаронида шуданд.

Омӯзиши рушд ва ҳосилнокии лӯбиёгиҳои яксола дар шароити табиӣ ва интродуксия дар минтақаҳои асосӣ бо усули маъмул гузаронида шуданд. Дар ҳамвориҳои байникӯҳӣ ва адиру теппаҳои наздикӯҳии Тоҷикистони Марказӣ типи набототи саваннамонанд, алафҳои пастпояи эфемерию-эфемероидӣ ва хӯшадорҳои баландпоя, ва бешазорҳои камдарахту буттазорҳои гармсер (набототи шибляк) бартарӣ доранд. Дар таркиби алафзори онҳо аз лӯбиёгиҳои яксола: астрагали оҷингмева, астрагали шмалгаузен, сидрики бебарг, мунҷи муқаррарӣ, мунҷи гирконӣ, мунҷи сермӯяк, гушворгиёҳи зебо, себаргаи қаротоғӣ, ҳулбати ҷуфтгул; аз растаниҳои бисёрсола юнучқаи муқаррарӣ, гушворгиёҳи фарғонагӣ, астрагали ғалатӣ ва ғайра васеъ паҳн гардидаанд.

Қайд кардан муҳим аст, ки растаниҳои яксолаи худрӯйи лӯбиёгӣ дар чарогоҳҳои табиӣ ҳосилнокӣ ва ғизонокии алафи хӯрокиро хеле зиёд намуда, нуриҳои сабзи органикии хуби табии барои таъмин намудани хок бо азот

(нитроген) мебошанд. Аз ҷониби муҳақиқон «муайян карда шудааст, ки аз 1 тонна массаи хушки растаниҳои лӯбиёгӣ дар хок 10-12 кг азот (нитроген) ворид мешавад. Агар растаниҳои лӯбиёгӣ дар ҳосилнокии чарогоҳҳо ва алафдаравҳо 35-40%-ро ташкил кунанд, пошидани нуриҳои азотӣ дар ин заминҳо зарур нест» [62;66].

Намудҳои яксола ва бисёрсолаи авлоди себарга (*Trifolium* L.*)* растаниҳои хуби хӯрокии чорво мебошанд. Дар Тоҷикистон 9 намуди себарга мавҷуд аст, ки як намуди он - себарга (*Trifolium resupinatum*) ҳамчун нурии сабзи органикӣ барои заминҳои пахта истифода бурда мешавад. Барои барқарор намудани маҳсулнокии чарогоҳҳо ва алафдаравҳои минтақаи кӯҳистони Тоҷикистони Марказӣ 3 намуди себарга-*Trifolium repens,* Т. *pretense*, ва Т. *karatavicum* мувофиқ мебошанд. Ин намудҳо дар чарогоҳҳо ва алафдаравҳо васеъ истифода бурда мешаванд. Намудҳои зиёди мунҷ (14 - намуди бисёрсола ва 12 - намуди яксола) дар чарогоҳҳо ва алафзорҳо зуд-зуд вомехӯранд ва бо мавҷудияти худ ҳосилноки ва ғизонокии алафҳои хӯрокии чорворо баланд мебардоранд. Мунҷи борикбарг (*Vicia tenuifolia*), мунҷи муқаррарӣ (*V. sativa*) ва мунҷи сермӯяк (*V. villosa*) барои барқарор намудани чарогоҳҳои таназзулёфта, тавсия карда шудаанд.

Аз миёни растаниҳои лӯбиёгии хӯрокии чорво намудҳои авлоди юнучқа аҳамияти хосса дорад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 10 намуди юнучқа мерӯянд, ки аз онҳо 7 намудашон яксола мебошанд. Юнучқаи киштукорӣ (*Medicago sativa*) - растании бисёрсола буда, яке аз зироати серҳосили хӯрокии чорво ба ҳисоб меравад. Ин растанӣ ҳам чун алафи хушк (беда), ҳам сабз ва ҳам тарбеда барои ҳосил кардани орди алафии серғизои аз сафедаю витаминҳо бой истифода бурда мешаванд. Намудҳои табиии юнучқа дар ҳамаи минтақаҳои алафзори дарахту буттагӣ, дашт, мавзеъҳои саваннамонанд, заминҳои партов дар баландиҳои аз 500 то 3500 м аз сатҳи баҳр вомехӯранд. Аз намудҳои юнучқаи яксола юнучқаи қулмоқнамо (*Medicago lupulina*), юнучқаи дурушт (*M. rigidula*), юнучқаи лӯндашакл (*M. orbicularis*), юунучқаи хурд (M. minima) ва юнучқаи дандонадор (M.

denticulata) арзиши зиёдтар доранд. Дар чарогоҳҳои доманакӯҳӣ ва баландкӯҳ юнучқаи қулмоқнамо 10-15%-и таркиби алафзорро ташкил медиҳад. Дар қитъаҳои намоишии таҷрибавӣ, ки солҳои 2011-2022 гузаронида шудаанд, дар чарогоҳҳои тобистонаи дараи Зиддеҳ бо андохтани нурии аммофос ба ҳисоби 30 кг P2O5 дар 1 грам, барои растаниҳои лӯбиёгӣ ҳосилнокӣ то 63,5% (дар минтақаи назоратӣ 25,5%) зиёд шуд. Аз нисф зиёд ҳосили онро юнучқаи қулмоқнамо ташкил дод. Дар чарогоҳҳои наздикӯҳии водии Ҳисор ҳосилнокии юнучқаи лӯндашакл аз 1,5 ц/га (назоратӣ) то 10,5 ц/га (аммофос) массаи хушк ё аз 5,0 % то 22,5 % аз ҳосили умумӣ зиёд шуд. Дар минтақаи Кӯлоб дар солҳои шароити боду ҳаво дар фасли баҳор мусоид (солҳои 2012 ва 2015) дар таркиби алафзорҳои баҳорӣ юнучқаи хурд ва юнучқаи дурушт якбора зиёд шуда, 50 %-и ҳосилнокии умумии алафзорро ташкил дод.

Дар алафзори типи саваннамонанд ва ҷангалзори гармсер (шибляк) дар солҳои боду ҳавояш мусоид астрагали оҷингмева (*Astragalus rytilobus*) ва гушворгиёҳи зебо (*Onobrychis pulchella*) растаниҳои асосии (доминант) ҷамоаи растании чарогоҳҳои баҳорӣ ва ҳамасола истифодашаванда мебошанд. Ин намудҳо қувваи баланди ғизодиҳи доранд. Дар даврае, ки шароити иқлимӣ мусоид бошад, баландии қади астрагал то 100 см (одатан 5-40 см) ва гушворгиёҳи зебо то 140 см (15-75 см) мерасанд. Ин растаниҳо алафзори зич ва серҳосилро ташкил мекунанд, ки барои тайёр намудани хасбеда истифода бурда мешаванд. Бо вуҷуди ин ҳосилнокии алафзори саваннамонанди чарогоҳҳои пасталафи ғешаю-ҷорӯбакиҳо бо астрагал ва чарогоҳҳою алафзорҳои растаниҳои хӯшадори баландпояи саваннамонанд бо гушворгиёҳи зебо 3-5 маротиба нисбат ба алафзорҳои таназзулёфта, ки дар таркиби онҳо ин растаниҳо вуҷуд надоранд, зиёд мешавад. Натиҷаҳои шабеҳ бо ҳамроҳии баъзе намудҳои мунҷ дар таркиби алафзори чарогоҳҳои саваннамонанд, марғзорҳои кӯҳӣ ва чарогоҳҳои даштӣ ба даст оварда шудаанд.

Соли 2023 дар алафзори чарогоҳҳои таназзулёфтаи атрофи деҳаи Косатарош (ҳавзаи дарёи Лучоб) дар ҷамоаи бузгандуму аҷриқ тухми мунчи сермӯяк рӯякӣ кишт карда шуд. Мунҷи сермӯяк - растании яксолаи оилаи лӯбиёгиҳо мебошад, ки доираи васеи экологӣ доранд. Қадаш 70 - 100 (300) см баланд мешавад. Баргҳо 4 - 9 см дарозӣ дошта, 6 – 8 (10) ҷуфт мебошад. Гулҳояш ранги бунафш, сурхи бунафш буда, тудагулро ташкил медиҳанд. Ғилофакаш дароз, ҳамвор, рост мебошанд. Дар моҳи май гул мекунад ва дар моҳи июл ҳосил медиҳад. Ӯро ҳама намуди ҳайвоноти хонагӣ, ҳам дар шакли сабз ва ҳам дар ҳолати хушк, хуб истеъмол мекунанд.

Онро аз ҳамвориҳои доманакӯҳ то кӯҳҳои паст, дар киштзори обёришаванда ва лалмӣ, дар ҷамоаи растаниҳои саваннамонанд то баландии 1800 м аз сатҳи баҳр дидан мумкин аст. Он аксар вақт дар кишти растаниҳои ғалладона дида мешавад. Дар ноҳияҳои ҷанубӣ Тоҷикистон дар кишти гандум, дар таркиби растаниҳои ҷамоаҳои эфемеретум, шибляк ва хӯшакалони саваннамонанди ҳавзаи дарёҳои Яхобу Сурхоб ва Оби-Мазор, дар доманаи ҷанубии қаторкӯҳҳои Вахш, доманакӯҳҳои қаторкӯҳи Сарсаряк ва Санглох, дар баландии 1000-1800 м паҳн шудааст.

Шаклҳои мунҷи сермӯяк худрӯйи маҳаллӣ дар заминҳои обёришавандаи Туркманистон барои таҷриба парвариш карда шуданд. Озмоишҳо нишон доданд, ки кишти мунҷи сермӯякро вобаста аз ҳадафи таҳқиқот дар ҳар мавсим метавон истеҳсол кард; ҳосили бештарро аз кишти моҳҳои октябр ва ноябр (300-400 с/га сабз ё 60-80 с/га массаи хушк) гирифтан мумкин аст. Дар моҳи май алафзор барои ҷамъоварӣ омода аст.

Хоки қитъаи таҷрибавӣ Лучоб хокистаранг аст, миқдори гумус дар қисми болоӣ аз 1,5 то 2,7%-ро ташкил медиҳад. Растаниҳо - бештар эфемерҳо - бузгандум (*Aegilops triuncialis*), сулӣ (*Avena trichophilla*), юнучқаи дурушт (*Medicago rygidula*) ва аҷриқ (*Cynodon dactylon*) мебошад. Дар ин ҷо, соли 2023, моҳҳои феврал ва март салқин буд, бинобар ин нашъунамои растаниҳо суст буд. Дар моҳи апрел шароити гарм ва намӣ ба назар мерасид, ки ба афзоиши фаъоли растаниҳо дар минтақаҳои таҷрибавӣ мусоидат мекард. Дар

нимаи дуюми моҳи май гулкунии оммавии намудҳои асосии алафзор мушоҳида гардид. Мушоҳидаҳои алафзор дар қитъаҳои таҷрибавӣ 26.05.2023 гузаронида шуд. Баландии растаниҳои мунчи сермуяк ба 100 - 150 см мерасад. Системаи решаҳои асосӣ тирреша буда, дар самти амудӣ инкишоф ёфта, бе решаҳои паҳлуӣ то чуқурии 50-70 см ба хок ворид мешавад. Баргҳо мураккаб буда, бо мӯйҳои шохадор ба анҷом мерасанд, ки бо ёрии он растанӣ ба такягоҳ, ҷаву гандумак ва дигар растаниҳо часпида боло мешавад; Гулҳо кабудранг, каме паст, дар пойҳои кӯтоҳи думчаи гул мерӯянд. Меваҳо ғилофак буда, ромбашакл, луч, ҳамвор, 4-8 тухм, ҳангоми пухтан онҳо фавран намерезанд. Пухтани меваҳо, ба монанди гулкунӣ, аз поён ба боло меравад. Тухм хокистарранг, тақрибан 0,5 см диаметр доранд. Вазни 1000 тухмӣ 30 - 32 г мебошад. Ин растанӣ хӯроки арзандаи чорво мебошад. Назорати афзоиш ва рушди растаниҳо дар давраи гулкунии аксари намудҳо (26.05.2023), тағйирёбии сохтори бузгандуму аҳриқзорро, ҳангоми кишт кардани мунҷи сермӯяк дар таркиби онҳо, нишон медиҳанд. Дар ҳудуди Лучоб, алалхусус дар шароити табиӣ, дар таркиби ҷамоаи омехтаи аҳриқзор аз руи меёри Друде: бисёр фаровон (cop2) як намуд - *Aegilops triuncialis*, хеле фаровон (cop1) - се намуд *Avena trichophylla, Cynodon dactylon, Vicia sativa* вомехӯранд. Шумораи зиёди намудҳо дар шумораи кам (sp) ва намунаҳои ягона (sol) вомехӯранд. Ҳангоми кишт, дар қитъаи таҷрибавӣ фаровонии мунҷи сермӯяк (cop3) хеле афзуд ва дар муқоиса бо қитъаи назоратӣ, фаровонии *Aegilops triuncialis, Avena trichophylla, Vicia sativa, Vicia hyrcanica, Bromus oxyodon, Eminium albertii* ва дигарон коҳиш ёфт. Дар ин ҳолат дар таркиби алафзор рушди ҷави пиёзакдор Hordeum bulbosum - намуди азотдуст (нитрофил) мушоҳида карда шуд. Ин аз афзоиши нитроген дар хок шаҳодат медиҳад. Баландшавии қади алафзор дар қитъаи таҷрибавӣ бо кишти мунҷ аз ҳисоби алафҳои баланд: мунҷи сермӯяк, ҷави пиёзакдор ва қатраборони зебо *Onobrychis pulchella* ба амал омад. Дар айни замон, афзоиш ва фаровонии намудҳои алоҳида коҳиш ёфт.

Ҷадвали 3.4.5. Ҳосилнокии кишти руякии мунҷи сермӯяк. Лучоб, 25.05.2023

Растанҳои Таҳқиқшаванда	Маводи хушки алаф			
	назоратӣ		Назоратӣ + коштани мунҷ	
	г/м2	%	г/м2	%
Лубиёгиҳо, ҳамагӣ	41,3	15,0	260,4	65,1
Аз он ҷумла Vicia villosa	0	0	184,0	46,0
Ғалладонагиҳо	215,0	78,0	119,6	29,9
Растаниҳои дигар	19,3	7,0	20,0	5,0
Ҳамаги	275,6	100	400,0	100

Дар ҷадвали 1 ҳосилнокӣ ва сохтори алафзори қитъаҳои назоратӣ ва кишти рӯякии мунчи сермӯяк оварда шудааст. Дар мавзеи Лучоби ноҳияи Варзоб, дар давраи афзоиши максималии намудҳои асосӣ, 26.05.2023 ҳосили умумии қитъаи назоратӣ 27,6 с/га массаи хушкро ташкил дод. Ҳиссаи растаниҳои домитантӣ (зиёда аз 5% аз ҳосили умумӣ-*Aegilops triuncialis, Cynodon dactylon, Avena trichophylla* ва ғайра) дар умум зиёда аз 80,0% ҳосили умумиро ташкил дод. Ҳосили *Vicia villosa* бо кишти тухми он, ба доминанти кӯл (қариб 50% - и ҳосили умумӣ) баробар мегардад. Зери таъсири афзоиши зиёд ва фаровонҳосилии мунҷ ҳосили доминантҳо *Aegilops striuncialis, Avena trichophylla* ва баъзе намудҳои камшумор хеле кам шуданд. Дар маҷмуъ, кишти мунҷи сермӯяк ҳосилнокии бузгандумзорро то 40,0 с/га, ё 45,2% зиёд мекунад. Дар баробари ин, ҳиссаи растаниҳои лӯбиёгӣ дар ҳосили умумӣ аз 15,0 то 65,1% меафзояд ва ғалладонагиҳо бошад аз 78,0 то 29,9% кам мешавад.

Ҳамин тариқ, барои таъмин намудани алафзор бо нитроген (азот) дар чарогоҳу алафзор бо мақсади истифода кардани нитрогени биологӣ ба қадри имкон намудҳои растаниҳои лӯбиёгиро (зиёда аз 35-40%) зиёд кардан зарур аст. Барои таъмин намудани нақши бактерияҳои лӯндашакли азотҷамъкунанда ва баланд бардоштани саҳми растаниҳои лӯбиёгӣ дар таркиби алафзору чарогоҳҳо, миқдори муайяни фосфор бо роҳи андохтани суперфосфат ё дигар минералҳои фосфордор ва нуриҳои органикиро истифода бурда мешавад.

БОБИ 4. Нишондиҳандаҳои биоморфологӣ-физиологӣ ва биохимиявии баъзе намудҳои доминантии ҷамоаи растаниҳои баландпояи саваннамонанд

4.1. Миқдори пигментҳои пластидӣ дар баргҳои юғани хошокӣ, камоли кӯҳистонӣ ва макаки Леман

Дар натиҷаи таҳқиқотҳо муайян карда шуд, ки миқдори пигментҳо дар баргҳои юғани хошокӣ аз ҷойгиршавии онҳо дар навдаҳои генеративӣ ва вегетативӣ вобаста аст, ки ин маълумотҳо дар ҷадвали 4.1.1. оварда шудааст.

Ҷадвали 4.1.1. - Миқдори пигментҳои пластидӣ дар баргҳои юғани хошокӣ вобаста аз ҷойгиршавии онҳо дар навдаҳои генеративӣ ва вегетативӣ

Баргҳо дар пояи гуловар (аз боло ба поён)	Миқдори пигментҳои пластидӣ, мл//г-вазни тар					
	хл. *“а”*	хл.”*в”*	Каротиноидҳо	Таносуби хлорафил. (“*а”* “*b”*)	Ҷамъи хлорафил.(*а +b)*	Таносуби хл.(*а +в)* нисбат ба каротиноидҳо
Қабати 1	1.0±0.1	0.33±0.02	0.37±0.02	3.0	1.33	1.7
Қабати 2	0.93±0.06	0.44±0.03	0.43±0.03	2.1	1.37	1.8
Қабати 3	0.89±0.03	0.32±0.01	0.33±0.02	2.8	1.20	1.54
Ҳисоби миёна	0.93±0.06	0.36±0.02	0.38±0.02	1.8	1.30	1.68
Ҳудуди тағйирёбӣ	0.88-1.00	0.33-0.44	0.33-0.43	2.1-2.7	1.20-1.36	1.53-1.79
*барги болои решагии пояи гуловар	0.83±0.05	0.38±0.02	0.41±0.02	2.2	1.20	1.61
**барги болои решагии растании вегетативӣ нашъунамоӣ	0.92±0.04	0.41±0.03	0.45±0.02	2.2	1.33	1.78
Ҳисоби миёна	0.87±0.45	0.39±0.02	0.43±0.02	2.2	1.26	1.69
Ҳудуди тағйирёбӣ	0.83-1.00	0.38-0.41	0.43- 0.45		1.20-1.33	1.61-1.80

Эзоҳ:*- ***растании пояи гуловардошта (генеративӣ);*** ** - ***растании пояи кутоҳи вегетативидошта.***

Аз ҷадвали 4.1.1. бармеояд, ки миқдори зиёди хлорофилли *a* ва таносуби хлорофиллҳои *a*/*b* дар пояи баргҳои қабати якуми навдаи генеративӣ; хлорофилли *b*, ҷамъи хлорофиллҳо (*a*+*b*), ва каротиноидҳо дар баргҳои наздирешагии қабати дуюми навдаи генеративӣ мушоҳида карда мешавад. Миқдори камтарини хлорофилли *a*, ҷамъи хлорофиллҳои (*a*+*b*) дар баргҳои наздирешагии бе навдаи генеративӣ, хлорофилли *b*, каротиноидҳо, ҷамъи хлорофиллҳо (*a*+*b*), ҷамъи хлорофиллҳо ва каротиноидҳо - дар баргҳои пояи қабати сеюми навдаи генеративӣ; таносуби хлорофиллҳо *a* /*b* - дар баргҳои пояи қабати дуюми навдаи генеративӣ қайд карда шудааст. Миқдори

хлорофилли *a*, нисбат ба хлорофилли *b* ва каротиноидҳо қариб 2,5-3 маротиба зиёд аст. Арзиши миқдори хлорофилли *a*, таносуби хлорофилли *a* /*b*, инчунин ҷамъи хлорофиллҳои (*a*+*b*) дар пояи баргҳои растанӣ бо навдаҳои генеративӣ аз нишондиҳандаҳои баргҳои наздирешагӣ, ҳам дар растаниҳои бо навдаи генеративӣ ва ҳам бе навдаҳои генеративӣ зиёд аст.

Ҳамин тариқ, натиҷаҳои таҳқиқот фарқияти дар миқдори пигментҳои дар баргҳои юғани хошокӣ вобаста аз ҷойгиршавии онҳо дар навдаҳои генеративӣ ва вегетативиро нишон доданд (ҷад. 4.1.1). Миқдори зиёди хлорофилли *a* ва таносуби баландтарини хлорофиллҳои *a*/*b* дар пояи баргҳои қабати якуми навдаи генеративӣ, мушоҳида карда мешавад. Баландтарин миқдори хлорофилли *b*, ҷамъи хлорофиллҳо (*a*+*b*), инчунин таносуби хлорофиллҳо ба каротиноидҳо дар баргҳои пояи қабати дуюми навдаҳои генеративӣ, қайд шудаанд. Миқдори аз ҳама зиёди каротиноидҳо дар баргҳои наздирешагии растаниҳо бо навдаи генеративӣ ба қайд гирифта шудааст. Миқдори минималии хлорофилли *a* ва ҷамъи хлорофиллҳои (*a*+*b*) дар баргҳои наздирешагии растаниҳо бе навдаи генеративӣ мушоҳида карда мешавад. Миқдори пасттарини хлорофилли *b*, каротиноидҳо, ҷамъи хлорофиллҳои (*a*+*b*), ҷамъи хлорофиллҳо ва каротиноидҳо дар пояи баргҳои қабати сеюми навдаҳои генеративӣ сабт шудааст. Таносуби камтарини хлорофилли *a* / *b* дар пояи баргҳои қабати дуюми навдаҳои генеративӣ қайд карда шудааст. Миқдори хлорофилли *a*, қариб 2,5-3 маротиба аз миқдори хлорофилли *b* ва каротиноидҳо зиёд аст. Арзиши миқдори хлорофилли *a*, таносуби хлорофилли *a* / *b*, инчунин ҷамъи хлорофиллҳои (*a*+*b*) дар пояи баргҳои растанӣ бо навдаҳои генеративӣ нисбат ба баргҳои наздирешагӣ ҳам дар растаниҳои бо навдаи генеративӣ ва ҳам бе он баландтар аст.

Миқдори пигментҳои пластидӣ дар баргҳои камоли кӯҳистонӣ. Дар ҷадвали 4.1.2. маълумотҳо оид ба миқдори пигментҳои пластидӣ дар баргҳои камоли кӯҳистонӣ, нишон дода шудааст. Таҳлили маълумотҳои бадастовардашуда нишон дод, ки миқдори хлорофилли *a* дар ҳамаи баргҳои таҳқиқшуда аз миқдори хлорофилли *b*, 2,5 ва бештар аз он зиёд аст, чунин

манзара дар муқоиса бо таркиби каротиноидҳо низ мушоҳида карда мешавад (ҷадвали 4.1.2). Омӯзиши муқоисавии пигментҳои пластидӣ дар баргҳои наздирешагии растаниҳои вегетативӣ нишон дод, ки нисбат бо чунин баргҳои растаниҳо дар навдаи генеративӣ, таркиби пигментҳо пасттар аст. Ба ҳисоби миёна, таркиби пигментҳои пластидии пояи баргҳои навдаи генеративӣ аз баргҳои наздирешагӣ бартарӣ доранд.

Ҷадвали 4.1.2 Миқдори пигментҳои пластидӣ дар баргҳои камоли кӯҳистонӣ (мг//г вазн хушк)

Барг		Хлорофилл				Каротиноидҳо
		A	*B*	*a+b*	*a/b*	
Навдаҳо (аз боло ба поён)	Қабати 1	1.24±0.06	0.54±0.03	1.78	2.33	0.49±0.02
	Қабати 2	1.21±0.05	0.44±0.03	1.65	2.72	0.52±0.02
	Ҳисоби миёна	1.22±0.06	0.49±0.03	1.72	2.52	0.51±0.02
*навдаи болои решагии пояи гуловар		1.01±0.08	0.43±0.03	1.43	2.35	0.40±0.02
** навдаи поёни решагии пояи гуловар		1.33±0.13	0.53±0.04	1.86	2.49	0.54±0.03
Ҳисоби миёна		1.17±0.11	0.48±0.04	1.65	2.42	0.43±0.03

Эзоҳ:[*] - растаниҳои генеративӣ; [**] - растаниҳои вегетативӣ.

Миқдори максималии ҷамъи хлорофиллҳо ва каротиноидҳо дар баргҳои наздирешагии растаниҳои вегетативӣ дарёфт шудааст. Ҳамин тариқ, ҳудуди тағйирёбии ин нишондиҳанда дар баргҳои наздирешагӣ нисбат ба пояи баргҳо хеле васеъ аст.

Дар умум, аз рӯи миқдори умумӣ пигментҳои пластидии баргҳои наздирешагии фардҳои вегетативӣ ба таври назаррас аз баргҳои наздирешагии растаниҳои генеративии камол бартарӣ доранд.

Миқдори пигментҳои пластидӣ дар баргҳои макаки Леман вобаста аз ҷойгиршавии онҳо дар навдаҳои генеративӣ ва вегетативӣ. Дар ҷадвали 4.1.3. натиҷаҳои муайянкунии миқдори пигментҳои пластидӣ дар баргҳои гуногуни макаки Леман дар марҳилаи гулкунии растанӣ вобаста аз ҷойгиршавии онҳо дар навдаҳои вегетативӣ ва генеративӣ оварда шудаанд. Тавре ки аз ҷадвали 4.1.3 бармеояд, ҳар як барг аз якдигар аз рӯи

нишондиҳандаҳои омӯхташуда, хусусан миқдори пигментҳои пластидӣ, фарқ мекунанд.

Миқдори хлорофилли *a* дар ҳамаи баргҳои растаниҳои таҳқиқшуда нисбат ба миқдори хлорофилли *b* қариб ду баробар бештар аст. Миқдори максималии хлорофилли *a* дар баргҳои наздирешагии растанӣ, ки дар марҳилаи генеративӣ қарор доранд ва минималии он дар баргҳо дар қабати якум 0,920 мг/г вазни тари растаниро ташкил медиҳад, мушоҳида мегардад. Миқдори хлорофилли *b* бошад, миқдори максималии он дар баргҳои қабати дуюми навдаҳои генеративӣ ва миқдори минималии он дар баргҳои генеративии қабати якум муайян карда шудааст.

Ҳамин тавр, миқдори хлорофилли *b* дар баргҳои генеративии навда аз 0,354 то 0,689 мг/г вазни тар, дар баргҳои вегетативии навда аз 0,443 то 0,572 мг/ вазни тар фарқ мекунад, ҳудуди тағйирёбӣ дар навдаҳои генеративӣ нисбат ба навдаҳои вегетативӣ бештар аст, яъне мутаносибан 0,335 ва 0,129 мг/вазни тарро ташкил медиҳад.

Миқдори максималии каротиноидҳо дар баргҳои қабати дуюми навдаҳои генеративӣ ва дар баргҳои наздирешагии генеративии растанӣ ва миқдори минималии он дар баргҳои қабати якуми навдаи генеративӣ ва баргҳои наздирешагии вегетативии растаниҳо, ки мутаносибан 0,689-0,572 ва 0,354 ва 0,443 мг/вазни тарро ташкил медиҳад, ошкор карда шудааст.

Таносуби максималии хлорофиллҳои *a* / *b* дар баргҳои қабати якуми навдаи генеративӣ ва дар баргҳои наздирешагии генеративии растаниҳо қайд карда шудааст, ки мутаносибан 2,875 ва 2,848 мг/г вазни тарро ташкил медиҳад. Миқдори минималии ин параметрҳо дар навдаи генеративӣ дар баргҳои қабати дуюм ва баргҳои наздирешагии растаниҳои вегетативӣ қайд карда шудааст, ки мутаносибан 1,161 ва 2.580 мг/вазни тарро ташкил медиҳад.

Ҷамъи максималии хлорофиллҳо (*a*+*b*) ва ҷамъи хлорофиллҳои (*a*+*b*) бо ҷамъи каротиноидҳо дар баргҳои қабати дуюми навдаҳои генеративӣ ва дар

баргҳои наздирешагии растаниҳои генеративӣ дарёфт карда шуд, ки мутаносибан 1,61-2,354 ва 1,616-2,188 мг/г вазни тарро ташкил медиҳад.

Ҳамин тавр, ҳадди аксари тағйирёбии миқдори пигментҳои пластидӣ дар пояи генеративӣ аз рӯи таносуби хлорофиллҳои *a*/*b* муайян карда шуд ва дар баргҳои наздирешагӣ аз рӯи ҷамъи хлорофиллҳои (*a*+*b*) ва каротиноидҳо, ки мутаносибан 1.162 ва 0.356 мг/вазни тар ташкил медиҳанд.

Аммо миқдори минималии хлорофилли *a* дар баргҳои навдаи генеративӣ, дар баргҳои наздирешагӣ муайян карда шуд, ки дар онҳо ҳамчунин миқдори камтарини хлорофилли *b*, мутаносибан 0,181 ва 0,032 мг/вазни тар ошкор карда шуд.

Ҳамин тавр, тағйирёбии параметрҳои таҳқиқшуда эҳтимолан, бо ҳолати физиологӣ ва синну соли барг, ё бо шароитҳои экологии рӯидани растаниҳо ва дастрасӣ ба рӯшноӣ барои фаъолияти ҳаётӣ ё ҷараёнҳои физиологии баргҳо алоқаманд мебошанд.

Ҳамин тавр, ҳангоми омӯзиши миқдори пигментҳои пластидӣ дар баргҳои макаки Леман вобаста аз ҷойгиршавии онҳо дар навдаҳои генеративӣ ва вегетативӣ, муайян карда шуд, ки миқдори максималии хлорофилли *a* дар баргҳои наздирешагии растаниҳо, ки дар марҳилаи генератсионӣ (гулкунӣ) қарор доранд, мушоҳида мешавад ва миқдори минималии он дар баргҳои қабати якум мушоҳида мешавад. Миқдори максималии хлорофилли *b* дар баргҳои қабати дуюми навдаи генеративӣ ва миқдори минималии он дар баргҳои генеративии қабати якум ошкор карда шуданд.

Ҷадвали 4.1.3. Миқдори пигментҳои пластидӣ дар баргҳои макаки Лемана вобаста аз ҷойгиршавии онҳо дар навдаҳои генеративӣ ва вегетативӣ

Баргҳо дар пояи гуловар (аз боло ба поён)	Миқдори пигментҳои пластиди мг//г- вазни тар					
	хл.”*a”*	хл.”*в”*	Кароитиноидҳо	*Таносуби хл “a” /” b”*	Ҷамъи хл.(*a*+*b*)	Таносуби хл .(*a*+*b*)нисбат ба коротиноидҳо
Қабати 1	0.920±0.092	0.320±0.2	0.354±0.02	2.875±0.2	1.240±0.1	1.594±0.1

Қабати 2	1.033±0.082	0.622±0.1	0.689±0.05	1.161±0.8	1.665±0.3	2.354±0.2
Қабати 3	1.101±0.09	0.388±0.3	0.447±0.03	2.838±0.1	1.489±0.2	1.936±0.2
Ҳисоби миёна	1.018±0.09	0.443±0.03	0.497±0.03	2.291±0.1	1.465±0.1	1.961±0.2
Ҳудуди тағйирёби	0.920±1.10	0.320±0.7	0.354±0.7	1.161±2.8	1.240±1.6	1.594±2.3
Барги болои решагии пояи гуловар	1.191±0.08	0.420±0.04	0.572±0.1	2.848±0.2	1.616±0.1	2.188±0.2
^Барги болои решагӣ растании вегетативӣ	1.001±0.08	0.388±0.02	0.443±0.0	2.580±0.2	1.389±0.1	1.832±0.2
Ҳисоби миёна	1.096±0.08	0.404±0.03	0.508±0.0	2.714±0.2	1.503±0.2	2.010±0.2
Ҳудуди тағйирёби	1.001±1.19	0.388±0.42	0.443±0.5	2.580±2.8	1.389±1.6	1.832±2.2

4.2. Иқтидори шиддатнокии фотосинтез ва миқдори моддаҳои нитрогенӣ дар узвҳои юғани хошокӣ, камоли кӯҳистонӣ ва макаки Леман

Юғани хошокӣ. Яке аз равандҳои асосии физиологӣ-биохимиявӣ, ки бо маҳсулнокии растаниҳо алоқаманд аст, ин фотосинтез мебошад. Омӯзиши иқтидори шиддати фотосинтез (ИШФ) (ҷадвали 4.2.1.) дар баргҳои гуногуни ҳолати вегетативӣ ва генеративии растаниҳои юған нишон дод, ки қобилияти ассимилятсияи гази карбони онҳо якхела набуда, он дар ҳудуди аз 30.0 то 39.0 мг $^{14}CO_2$/г вазни хушк (ҷадвали 4.2.1.) тағйир меёбад. Арзиши максималии ИШФ дар барги қабати дуюми навдаи генеративӣ ва максималии он дар баргҳои вегетативии растаниҳо бо навдаи генеративӣ ошкор карда шуд. Қайд кардан зарур аст, ки дар баргҳои қабати дуюми навдаи генеративӣ, арзиши максималии ИШФ бо арзиши максималии таносуби хлорофиллҳои *a/b,* ҷамъи хлорофиллҳо ва каротиноидҳо, инчунин миқдори умумии нитроген ва протеини тар робитаи мустаҳкам дорад. Арзиши миёнаи ИШФ баргҳои пояи растаниҳо бо навдаи генеративӣ, ҳам бар баргҳои вегетативии растаниҳо бо пояи генеративӣ ва ҳам бе пояи генеративӣ бартарӣ дорад.

Ҷадвали 4.2.1.Иқтидори шиддатнокии фотосинтез ва миқдори моддаҳои нитрогенӣ дар баргҳои юғани хошокӣ вобаста аз ҷойгиршавии он дар навдаҳои генеративӣ ва вегетативӣ

Ҳолати растанӣ	Баргҳо	ИШФ (мг $^{14}CO_2$ /г вазни хушк /	Нитрогени умумӣ,%	Протеини хом,%

		соат		
Генеративӣ (пояи -гуловар)	Навда (аз боло ба поён):			
	Қабати 1	31.0±3.1	2.64±0.3	16.5±1.6
	Қабати 2	39.0±3.1	3.08±0.2	19.2±1.6
	Қабати 3	34.0±2.4	2.24±0.1	14.0±1.0
	Ҳисоби миёна	34.7±2.8	2.65±0.2	16.6±1.4
	Ҳудуди тағйирёбӣ	31.0-39.0	2.24-3.0	14.0-19.2
	Барги болои решагии пояи гуловар	31.0±2.2	3.08±0.2	19.2±1.1
Вегетативӣ (назди решагӣ)	Барги болои решагии растании вегетативӣ	30.0±1.5	2.36±0.1	14.7±0.7
	Ҳисоби миёна	30.5±1.8	2.72±0.1	16.9±0.9
	Ҳудуди тағйирёбӣ	30.0-31.0	2.36-3.0	14.7-19.2

Таҳлили муқоисавии миқдори нитрогени умумӣ ва миқдори протеини тар (ҷадвали 4.2.1.) нишон дод, ки вобаста аз ҷойгиршавии баргҳо дар навдаи генеративӣ, ин нишондиҳандаҳо мутаносибан дар ҳудуди аз 2.24 то 3.08% ва 14.0 то 19.2% тағйир меёбанд. Арзиши миёнаи ин параметрҳо мутаносибан 2.65% ва 16.5%-ро ташкил дод.

Аз натиҷаҳои бадастомада бармеояд, ки миқдори бештари нитрогени умумӣ (3.08%) ва протеини тар (19.2%) дар марҳилаи шадиди гулкунӣ дар баргҳои қабати дуюм, миқдори камтарини ин нишондиҳандаҳои таҳқиқшуда дар баргҳои қабати сеюм (1.24% ва 14% нитрогени умумӣ ва протеини тар мутаносибан) ошкор карда шуд. Маълумотҳои бадастовардаи моро метавон бо натиҷаҳои дар лабораторияи фитохимияи Институти ботаникаи АИ ҶТ [110], ки дар лаъличаи баргҳои растаниҳои чарогоҳии, камол (*Ferula kuhistanica* Korov.) ва ғешаҳо (*Carex pachystylis*J.Gay.), ки дар онҳо миқдори протеини тар мутаносибан 22,8% ва 19,2%-ро ташкил медиҳад, муқоиса кард. Ин маълумотҳо бори дигар тасдиқ мекунанд, ки юған ҳамчун растании хӯроки чорво аз рӯи таркиби арзиши худ протеини тар бо дигар растаниҳои чарогоҳӣ дар як сатҳ қарор дорад. Вале бо ин нишондиҳандаҳои биохимиявӣ баргҳои қабати якум ҳолати миёнагиро (2,64% нитрогени умумӣ ва 16,5% протеини тарро) мегиранд. Таркиби бештари нитрогени умумӣ (3,08%) ва протеини тар (19,2%) дар баргҳои қабати дуюми навдаи генеративӣ ва

баргҳои растании юған бе навдаҳои генеративӣ ошкор карда шудаанд. Ба монанди ин миқдори протеини тар дар баргҳои қабати дуюми растаниҳо бо навдаи генеративӣ ёфт шудааст. Дар омӯзиши муқоисавии баргҳои наздирешагии растаниҳо бо навдаҳои генеративӣ ва бе он, ки хусусияти тағйирёбии нишондиҳандаҳои миқдори нитрогени умумӣ ва протеини тар дар баргҳои ба онҳо монанд бо тағйирёбии нишондиҳандаҳои (ИШФ) ёфт шудааст.

Дар умум, аз рӯи нишондиҳандаҳои мазкур (миқдори умумии нитроген ва протеини тар) миқдори камтарини он дар баргҳои наздирешагии растаниҳо бо навдаҳои генеративӣ (2,36 ва 14,7% мутаносибан) ошкор карда шуд. Ин маълумотҳо ба натиҷаҳои бадастомада дар баргҳои қабати сеюм хеле наздиканд.

Ҳамин тавр, баргҳои вегетативӣ ва генеративии навдаҳои ҳамон як растанӣ бо параметрҳои физиологӣ-биохимиявӣ фарқ мекунанд. Фарқиятҳои ошкоршуда метавонанд бо сабабҳои омилҳои экологӣ, гуногунии синну соли растанӣ ва ҳолатҳои физиологии он фардҳое, ки танҳо навдаи вегетативӣ ва фардҳое, ки ба ғайр аз навдаҳои вегетативӣ инчунин боз узвҳои генеративӣ ташаккул меёбанд, шуда метавонанд.

Натиҷаҳои бадастомадаро бояд ҳангоми таҳлили механизмҳои мутобиқшавии растаниҳо ба шароити баландкӯҳ ва ҳангоми арзёбии маҳсулнокии биологии ҷамоаҳои растаниҳо ба назар гирифт.

Иқтидори шиддатнокии фотосинтез ва миқдори моддаҳои нитрогенӣ дар баргҳои камоли кӯҳистонӣ. Дар ҷадвали 4.2.2. натиҷаҳои таҳлили динамикаи рӯзонаи иқтидори шиддатнокии фотосинтези камоли кӯҳистонӣ дар давоми давраи равшании рӯз аз соати 6.00 то 18.00 пешниҳод шудааст. Ин маълумотҳо инчунин, дар расми 4.2.2. нишон дода шудаанд. Чӣ тавре ки аз расм бармеоял, иқтидори шиддатнокии фотосинтез хусусияти дуқуллагӣ бо таназзули тақрибан дар 14-умин соати рӯзро доранд, ки он 41 мг $^{14}CO_2$/дм^2·с-ро ташкил медиҳад. Шиддатнокии максималии фотосинтез дар соатҳои 12 ва 16 мушоҳида мешавад, ки он 120 ва 54 мг $^{14}CO_2$/дм^2·с-ро

ташкил медиҳад. Маълумотҳое, ки мо оид ба иқтидори шиддатнокии фотосинтез ба даст овардем, ба натиҷаҳои дигарон [14] барои дигар намуди камол *Ferula litwinowiana* (115 мг $^{14}CO_2$/дм^2·с) мувофиқат мекунад.

Ҷадвали 4.2.2.Иқтидори шиддатнокии фотосинтез ва таркиби моддаҳои нитроген дар баргҳои камоли кӯҳистонӣ

Ҳолати растани	Баргҳо	ИШФ (мг $^{14}CO_2$/г вазни хушк - соат	Нитрогени умумӣ, %	Протеини хом, %
Пояи гуловар	Навда (аз боло ба поён):			
	Қабати 1	72.0	4.16±0.25	26.0±1.56
	Қабати 2	76.0	3.04±0.12	19.0±0.75
	Ҳисоби миёна	74.0	3.6±0.19	22.5±1.16
	Ҳудуди тағйирёбӣ	72.0-76.0	3.04-4.16	19.0-26.0
	Барги болои решагии пояи гуловар	55.0	3.16±0.13	19.7±0.81
Назди решагӣ	Барги болои решагии	66.0	3.44±0.21	21.5±1.31
	Ҳисоби миёна	61.0	3.30±0.17	20.6±1.06
	Ҳудуди тағйирёбӣ	55.0-66.0	3.16-3.44	19.7-21.5

Бояд қайд кард, ки дар нимаи аввали рӯз баргҳои растаниҳои камол бештар аз 1,5 маротиба фаъолтар гази карбонро азхуд мекунанд, назар ба нимаи дуюми рӯз. Бояд қайд кард, ки ин аз иқтидори синтез ва ҷамъоварии маҳсулоти мобайнӣ ва охири фотосинтез ба ҳолати даҳонарраҳои (масомаи) пӯсти барги растанӣ, афзоиши норасоии об рӯзона алоқаманд мебошад. Сабаби дигари таназзули фотосинтез ин паст шудани шиддатнокии рушноӣ ва ҳарорати ҳаво мебошад.

Дар умум, дар давоми 10 соат (аз соати 8:00 то 18:00) баргҳои камоли кӯҳистонӣ фаъолона гази карбонро азхуд мекунанд. Дар камолҳо сатҳи ҷалб кардани CO_2 дар маҷмуъ, дар давоми рӯз ва тақрибан дар як соати давраи равшанӣ бо ҳисоби мг $^{14}CO_2$/дм^2 ва мг $^{14}CO_2$/дм^2 с ба 695 ва 69.5-ро мутаносибан ташкил кард. «Муқоисаи маълумоти бадастомада бо маълумоти

қаблан гирифташуда» [1,с. 37; 94,с. 23] барои намояндагони дигари эфемероидҳо - чукрии Максимович (*Rheum maximoviczii*) ва сичи ҳисорӣ (*Eremurus hissaricus*) нишон дод, ки дар байни эфемероидҳо камоли кӯҳистонӣ дорои баландтарин ИШФ ва фиксатсияи умумии CO_2 дар давоми рӯз мебошад.

Ҳангоми таҳлили каҷиҳои тағйироти рӯзонаи фотосинтез, депрессияи амиқи фотосинтез ба қайд гирифта нашуд, яъне дар давоми рӯз растаниҳои камол фаъолона CO_2-ро ассимилятсия мекарданд.

Одатан арзиши хӯроки чорвои растаниҳо бо таркиби химиявии онҳо ва сифати моддаҳои дар он мавҷудбуда муайян карда мешавад. Ҷойи махсусро байни моддаҳои органикӣ, ки ба таркиби растаниҳо дохил мешаванд, пайвастагиҳои азотдор, аз ҷумла протеини тар ишғол мекунанд. Миқдори максималии азоти умумӣ ва протеини тар дар барги аз ҳама ҷавони болоии (қабати якуми) навдаи генеративӣ мушоҳида мешавад, ки мутаносибан 4.16 ва 26.0%-ро ташкил медиҳад. Миқдори минималии азоти умумӣ дар баргҳои поёнии навдаҳои генеративӣ муайян карда шуд, ки ба 3.04 ва 19.0% мутаносибан баробар аст. Ба ҳисоби миёна ҳам азоти умумӣ ва ҳам протеини тари баргҳои генеративии навдаҳо назар ба баргҳои наздирешагӣ ба таври назаррас афзалият доранд (ҷадвали 4.2.4.). Муайян карда шуд, ки миқдори азоти умумӣ ва протеини тар дар баргҳои наздирешагии растаниҳои вегетативӣ ба таври назаррас аз баргҳои генеративии растаниҳо зиёдтар аст.

Таҳлили иқтидори шиддатнокии фотосинтези баргҳои гуногуни камол (ҷадвали 4.2.2.) нишон дод, ки баландтарин нишондиҳандаи мазкур дар барги поёнӣ (қабати дуюм) ва пасттарин баргҳои наздирешагии растаниҳои генеративӣ (мутаносибан 76 ва 55 мг $^{14}CO_2$/г вазн хушк·с) -ро доранд. Агар ИШФ-и ҳамаи баргҳои як растаниро ҷамъбаст кунем, пас бо ҳисоби миёна ИШФ-и баргҳои пояи генеративӣ ба таври назаррас (тақрибан ба 74 мг$^{14}CO_2$/г вазни хушк·с) афзалият доранд.


Аммо дар муқоиса кардани ИШФ-и баргҳои наздирешагии намудҳои гуногуни ҳамон як растанӣ нишон дод, ки он дар ҳудуди тақрибан 11

мг$^{14}CO_2$/г вазни хушк, фарқ мекунад, яъне қобилияти ассимилятсияи баргҳои наздирешагии растаниҳои вегетативӣ бар растаниҳои ИШФ навдаи генеративӣ афзалият дорад. Дар умум, ИШФ-и баргҳои пояи гуловар ва наздирешагии ҳамон як растанӣ байни худ ба таври назаррас аз ҳам фарқ мекунанд.

Ҳамин тавр, агар масоҳат, сохтор ва тарзи ҷойгиршавӣ, синну сол ва дараҷаи равшаншавии баргҳоро дар растаниҳои камол дар умум ба назар гирем, пас имконияти иқтидори ассимилятсияи гази карбон дар растаниҳои бо навдаи генеративӣ назар ба растаниҳои вегетативӣ бештар аст. Аз тарафи дигар, дар соли мевадиҳӣ дар камол синтез ва ҷамъшавии миқдори зиёди захирашавии карбогидратҳо барои ташаккули узвҳои генеративӣ: гулҳо, меваҳо ва тухмӣ ба амал меояд.

Шояд аз ҳамин сабаб дар навдаҳои сабзи мевадиҳандаи онҳо думчаи барги иловагӣ ҳамчун узви фотосинтезкунанда ташаккул меёбанд. Вақт-шабонарӯзӣ,

Иқтидори шиддатнокии фотосинтез ва миқдори моддаҳои нитрогенӣ дар баргҳои макаки Леман. Маълумотҳои овардашуда дар бораи иқтидори шиддатнокии фотосинтез ва миқдори моддаҳои нитрогенӣ дар баргҳои **макаки Леман** вобаста ба ҷойгиршавии онҳо дар навдаҳои



Расми 4.2.1. Тағйироти рӯзонаи иқтидори шиддатнокии фотосинтез (ИШФ - мг$^{14}CO_2$/ дм^2·с) дар камоли кӯҳистонӣ

Аломатҳои шартӣ, ҳарорат, ИШФ, равшанӣ.Тағйироти рӯзонаи шиддати потенсиалии фотосинтез (ПИФ - мг 14CO2/дм²•соат) дар камоли кӯҳистонӣ.

Иқтидори шиддатнокии фотосинтез ва миқдори моддаҳои нитрогенӣ дар баргҳои макаки Леман. Маълумотҳои овардашуда дар бораи иқтидори шиддатнокии фотосинтез ва миқдори моддаҳои нитрогенӣ дар баргҳои **макаки Леман** вобаста ба ҷойгиршавии онҳо дар навдаҳои генеративӣ ва вегетативӣ оварда шудаанд. Таҳлили муқоисавии миқдори умумии нитроген ва протеини тар нишон дод, ки вобаста аз ҷойгиршавии баргҳо дар навдаҳои генеративӣ, нишондиҳандаҳо мутаносибан дар ҳудуди аз 3.52 то 4.20% ва 22.0 то 26.2% тағйир меёбанд. Арзиши миёнаи ин нишондиҳандаҳо мутаносибан 3.87% ва 24.1% -ро ташкил дод (ҷадвали 4.2.3.).

Аз натиҷаҳои бадастомада бармеояд, ки миқдори баландтарини умумӣ (4.20%) ва протеини тар (26.2%) дар марҳилаи гулкунии шадид дар баргҳои қабати якум ва миқдори камтарини ин нишондиҳандаҳои омӯхташуда дар баргҳои қабати сеюм 3.52% ва 22% мушоҳида шудааст. Бо вуҷуди ин, тибқи нишондиҳандаҳои биохимиявӣ баргҳои қабати дуюм мавқеи миёнаро (3.88% ва 24.2%) ишғол мекунанд. Миқдори зиёдтарини нитрогени умумӣ (4.20%) ва протеини тар (26.2%) дар баргҳои қабати якуми навдаи генеративӣ ва баргҳои наздирешагии макаки Леман бе навдаи генеративӣ мушоҳида шудааст, ки 4.08% ва 25.5%-ро ташкил медиҳад.

Миқдори протеини тар ҳам дар камол (*Ferula kuhistanica*) ва ҳам дар юғани хошокӣ (*Prangos pubularia*) мутаносибан 19.8% ва 16.7%-ро ташкил медиҳад. Ин маълумотҳо тасдиқ мекунанд, ки макаки Леман, растании хӯроки чорво, аз рӯи миқдори таркиби протеини тар ниҳоят арзишманд буда, аз дигар растаниҳои чарогоҳӣ бартарӣ дорад. Чунин шабеҳият дар миқдори протеини тар дар баргҳои қабати якуми растаниҳо бо навдаи генеративӣ ва баргҳои наздирешагии растанӣ бе навдаи генеративӣ мушоҳида шудааст.

Ҳангоми омӯзиши муқоисавии баргҳои наздирешагии растаниҳо бе навдаи генеративӣ ошкор гардид, ки хусусияти тағйирёбии нишондиҳандаҳои миқдори протеини тар дар ин баргҳо бо тағйирёбии нишондиҳандаҳои иқтидори шиддатнокии фотосинтез монанд аст.

Ҷадвали 4.2.3. - Иқтидори шиддатнокии фотосинтез ва миқдори моддаҳои нитрогенӣ дар баргҳои макаки Леман вобаста аз ҷойгиршавии онҳо дар навдаи генеративӣ ва вегетативӣ

Ҳолати растанӣ	Баргҳо	ИШФ (мг^{14}CO2//г Вазни хушк - соат	Нитрогени умумӣ,%	Протеини хом ,%
Генеративӣ (пояи гуловар)	*навдаҳо (аз боло ба поён)			
	Қабати 1	24.0±1.4	4.20±0.2	26.2±1.5
	Қабати 2	37.0±2.9	3.88±0.1	24.2±1.4
	Қабати 3	42.0±2.5	3.52±0.2	22.0±1.1
	Ҳисоби миёна	34.0±2.0	3.87±0.3	24.1±1.3
	Ҳудуди тағйирёбӣ	24.0-42.0	3.52-4.2	22.0-26.2
	Барги болои решагии пояи гуловар	36.0±2.5	2.68±0.1	16.7±1.1
Вегетативӣ (назди - решагӣ)	Барги болои решагии растании вегетативӣ	39.0±1.9	4.08±0.2	25.5±1.7
	Ҳисоби миёна	37.5±2.2	3.38±0.2	21.1±1.4
	Ҳудуди тағйирёбӣ	36.0-39.0	2.68-4.0	16.7-25.5

Дар умум, тибқи нишондиҳандаҳои миқдори умумии нитроген ва протеини хом, миқдори камтарини онҳо дар баргҳои наздирешагии растаниҳо бо навдаи генеративӣ (мутаносибан 2.68 ва 16.7%) мушоҳида шудааст.

Хулоса, тағйироти параметрҳои омӯхташуда, эҳтимолан, ё бо ҳолати физиологии фард (яъне онҳое, ки танҳо пояи ниҳоят кутоҳи вегетативӣ доранд, фардҳое, ки ғайр аз баргҳои вегетативӣ узвҳои генеративӣ низ ташаккул меёбанд) ва синну соли барг, ё бо шароити экологии сабзидани растанӣ ва дастрасии рӯшноӣ барои фаъолияти ҳаётӣ ё равандҳои ҳаётии баргҳо алоқаманд аст.

Ҳамин тариқ, баргҳои вегетативӣ ва баргҳои навдаҳои генеративии ҳамон як растанӣ аз рӯи андозаи нишондиҳандаҳои физиологӣ-биохимиявӣ аз ҳам фарқ мекунанд. Таҳлили маълумотҳои бадастомада нишон дод, ки арзиши миёнаи иқтидори шиддатнокии фотосинтези баргҳои наздирешагии

растании генеративӣ ва ҳам вегетативӣ аз баргҳои навдаи генеративӣ бартарӣ дорад. Тафовутҳои ошкоршуда метавонанд бо синну соли гуногуни растаниҳо ва ҳолатҳои физиологии гуногуни фардҳо, ки танҳо барги вегетативӣ доранд ва фардҳое, ки ба ғайр аз баргҳои вегетативӣ, узвҳои генеративӣ ташаккул меёбанд, шояд вобаста бошад.

Натиҷаҳои бадастомада бояд ҳангоми таҳлили механизмҳои мутобиқати растаниҳо ба шароити экологии баландкӯҳ ва ҳангоми баҳогузории арзёбии маҳсулнокии ҷамоаҳои растаниҳои биологӣ ба назар гирифта шаванд.

Метаболизми фотосинтетикии карбон дар баргҳои наздирешагӣ ва баргҳои пояи гуловари камоли кӯҳистонӣ. Дар ҷадвали 4.2.4. маълумот оид ба дохилшавии ^{14}C ба маҳсулоти фотосинтез дар баргҳои поя (гуловар, барг) ва наздирешагии камоли кӯҳистонӣ пешниҳод шудааст. Таҳлили маълумотҳои бадастовардашуда нишон дод, ки дар ҳамаи баргҳои камол новобаста аз таркиби ҷойгиршавӣ, зиёда аз 50% карбони нишондор ба таркиби қандҳо, аз ҷумла сахароза дохил мешавад. Аз рӯи миқдори дохилшавии карбони нишондор, маҳсулоти моддаҳои мобайнии роҳи пентозофосфати барқароршаванда (ММРПБ) дар байни маҳсулоти фотосинтез баъд аз маҷмуи қандҳо ҷой мегиранд. Омӯзиши тақсимоти ^{14}C миёни маҳсулоти фотосинтез нишон дод, ки дар баргҳои қабати якум, нисбат ба баргҳои қабати дуюм, ғайр аз маҳсулоти (ММРПБ) карбони нишондор бештар ба маҷмуи қандҳо, моддаҳои мобайнии роҳи гликолатӣ (ММРГ) ва маҷмуи маҳсулоти фосфоенолпируватӣ (ФЕП-маҳсулот) дохил мешавад.

Ҳадди аксари карбони нишондор дар ФЕП-маҳсулот дар баргҳои қабати якум миёни маҳсулоти фотосинтез муайян карда шуд. Бояд зикр кард, ки миқдори баландтарини аланин (ҷадвали 4.2.4) дар барги пояи гуловари қабати якум муайян карда шудааст, ки бо миқдори максималии ҳам нитрогени умумӣ ва ҳам протеини тар мутобиқат мекунад. Чунин менамояд, ки дар ин барг, ҳамчун ҷавонтарин аз ҷиҳати синну сол, дар баробари тамоюли карбогидратии мубодилаи карбон (қариб 60% карбони нишонадор

ба таркиби сахароза дохил мешавад), инчунин синтези сафедаҳо низ афзоиш меёбад.


Ҷадвали 4.2.4 - Дохилшавии ^{14}C ба маҳсулоти фотосинтез дар барг ва наздирешагии камоли кӯҳистонӣ (% аз радиоактивии умумии баргҳо)

Объектҳо / ^{14}C-пайвастшавӣ	Баргҳои пояи растании тавлидкунанда (аз боло ба поен):		Баргҳои назди решагӣ	
	қабати - 1	Қабати -2	вегетативӣ растаниҳо	генеративӣ растаниҳо
Оғоз	3.1	4.2	3.8	2.7
ЭФҚ	25.2	24.8	22.6	18.4
ФГК		8.9	10.4	8.8
Сахароза	59.0	50.8	50.0	56.0
Глицин,серин	2.8	2.0	2.9	2.2
Аланин	6.8	5.2	3.6	4.8
Гликолат	2.1	1.5	1.8	2.4
ОК	1.0	0.3	0.4	0.8
Моносахаридҳо	Сл.	2.4	2.6	3.8
Ҷамъи ММРПБ	25,2	33,7	33,0	27,2
Ҷамъи Сахаров	59,0	53,2	52,6	59,8
Ҷамъи ММРГ	4,9	3,5	4,7	4,6
Ҷамъи ФЕП-маҳсулот	6,8	5,2	3,6	4,8
Маҳсулоти дигар	4,1	4,4	6,1	3,6


Эзоҳ: ФГК- кислотаи фосфоглисеринӣ, Э ФҚ)- эфирҳои фосфордори қандҳо, ОК - кислотаҳои органикӣ, ∑ИВПЦ - маҷмуи моддаҳои мобайнии давраи барқароркунии пентозофосфат, ∑ - маҷмуи қандҳо, ∑ ИГКП (*ММРГ*) - маҷмуи моддаҳои мобайнии роҳи гликолатӣ, ∑ФЕП-маҳсулот - маҷмуи маҳсулоти карбоксилкунии ФЕП.

Дар расмҳои 4.2.2.-4.2.4. маълумотҳо оид ба тақсимоти карбони нишондор дар байни маҳсулоти фотосинтез ва баргҳои камол оварда шудааст. Дар ҳамаи баргҳои камол, новобаста аз сохти ҷойгиршавии онҳо беш аз 50% карбони нишондор ба қандҳо, аз ҷумла сахароза дохил мешавад. Аз рӯи миқдори дохилшавии карбони нишондор, маҳсулоти моддаҳои мобайнии роҳи пентозофосфати барқароршаванда (ММРПБ) дар байни маҳсулоти фотосинтез ба маҷмуи қандҳо пайравӣ мекунанд. Омӯзиши тақсимоти ^{14}C миёни маҳсулоти фотосинтез нишон дод, ки дар баргҳои қабати якум, нисбат ба баргҳои қабати дуюм, ғайр аз маҳсулоти мобайнии роҳи пентозофосфати барқароршаванда карбони нишонадор бештар ба


маҷмуи қандҳо, моддаҳои мобайнии роҳи гликолатӣ ва маҷмуи маҳсулоти фосфоенолпируватӣ дохил мешавад. Ҳадди аксари карбони нишонадор дар ФЕП-маҳсулот дар баргҳои қабати якум миёни маҳсулоти фотосинтез муайян карда шуд.




Расми 4.2.2. - Тақсимоти ^{14}C дар баргҳои узвҳои генеративии қабати якум.



Расми 4.2.3. - Тақсимоти ^{14}C дар баргҳои узвҳои генеративии қабати дуюм.



Расми 4.2.4. - Тақсимоти ^{14}C дар баргҳои наздирешагии узвҳои вегетативӣ (Нашъунамо).



Расми 4.2.5. - Тақсимоти ^{14}C дар баргҳои наздирешагии узвҳои генеративӣ.

Ҳамин тариқ, таҳлили маълумотҳои гирифташуда нишон дод, ки мубодилаи фотосинтетикии карбон дар ҳамаи баргҳои растаниҳои камол самти карбогидратӣ дорад. Омӯзиши тақсимоти ^{14}C миёни маҳсулоти фотосинтез нишон дод, ки дар баргҳои қабати якум, нисбат ба баргҳои қабати дуюм, ғайр аз маҳсулоти мобайнии роҳи пентозофосфати барқароршавандаи карбони нишондор бештар ба маҷмуи қандҳо, моддаҳои мобайнии роҳи гликолатӣ ва маҷмуи маҳсулоти фосфоенолпируватӣ дохил мешавад. Ҳадди аксари карбони нишондор дар ФЕП-маҳсулот дар баргҳои қабати якум миёни маҳсулоти фотосинтез ошкор карда шуд.

Новобаста аз синну сол, дар растаниҳое, ки алҳол нашъунамои генеративӣ надоранд, қобилияти синтез ва захира кардани миқдори зиёди карбогидратҳои захиравӣ дар узвҳои зеризаминии растанӣ дар муддати 5-7 сол то оғози марҳилаи вақти инкишофи генеративӣ, ки ҳамчун омодагӣ ба гулкунӣ ва мевадиҳӣ хизмат мекунад. Ҳангоми гузаштани растанӣ ба марҳилаи инкишофи генеративӣ (гулкунӣ), хусусияти робитаҳои донорӣ-аксепторӣ шадидан тағйир меёбад. Ҷараёни асосии ассимилятҳо ба аксепторҳои пуркувваттарин, ки гулҳо, меваҳо ва тухмҳо мебошанд, равона карда мешаванд. Дар давраи инкишофи генеративӣ нашъунамои решаҳо шадидан суст мешавад ё ҳатто муваққатан бозмемонад, зеро решаҳо қобилияти рақобат карданро бо ҷалби узвҳои мевадиҳӣ надоранд [117].

Метаболизми фотосинтетикии карбон дар баргҳои юғани хошокӣ вобаста аз ҷойгиршавии онҳо дар растаниҳо. Дар ҷадвали 4.2.5. маълумот оид ба дохилшавии ^{14}C ба маҳсулоти фотосинтез дар баргҳои юғани хошокӣ вобаста аз ҷойгиршавии онҳо пешниҳод шудааст. Таҳлили маълумотҳои ҷадвал нишон дод, ки дар ҳамаи баргҳои растаниҳои таҳқиқшуда воридшавии карбони нишондор асосан ба қандҳо ва метаболитҳои даври Калвин, аз ҷумла эфирҳои фосфории қандҳо (ЭФҚ) ва кислотаи фосфоглисерин (КФГ) ба қайд гирифта шудааст. Таносуби ин моддаҳо бо дигар маҳсулотҳо аз ҷойгиршавии барг дар растанӣ вобастагӣ дошт. Дар барги ҷавони барги қабати якуми пояи гуловари юған тақрибан миқдори баробари карбони нишонашуда ба маҳсулоти бо роҳи пентозофосфатӣ (ММРПБ), қандҳо ва роҳи интермедиати гликолати (ММРГ) баркароршаванда дохил шудааст. Дар баргҳои қабати дуюми гулпояи юған, миқдори карбони нишондор қариб ду маротиба бештар аст.

Ҷадвали 4.2.5. - Воридшавии ^{14}C ба маҳсулоти фотосинтез дар баргҳои юғани хошокӣ вобаста аз ҷойгиршавии онҳо дар растанӣ (% аз маҳсулноки баргҳои умумии радиоактивӣ)

^{14}C-пайвастагиҳо	Баргҳои пояи қабати 1 аз боло	Баргҳои пояи қабати 2 аз боло	Баргҳои пояи қабати 3 аз боло	Барги растанӣ бе навдаи генеративӣ	Барги растанӣ аз навдаи генеративӣ

Оғоз	2.5	1.9	2.3	19.5	-
ЭФҚ	15.6	17.9	18.9		21.0
КФГ	13.8	22.7	11.8	8.2	15.7
Қанд	27.8	27.0	43.8	52.3	36.3
Глисин, Серин	4.4	3.6	4.9	4.2	5.6
Моддаҳои органикие, ки аниқ карда нашудаанд	-	-	0.7	-	1.1
Аланин	7.1	8.1	4.6	1.3	4.4
Гликолат	22.5	2.6	8.8	9.2	12.2
Моддаҳои органикие, ки аниқ карда нашуда	1.3	2.4+3.2	1.0	1.6	1.9
Малат	2.4	2.9	0.5		1.7
Моносахаридҳо	2.8	3.1	2.7	3.5	
Линия фронта		4.0			
Миқдори ИСБП	29,4	40,6	30,7	27,7	36,7
Миқдори Сахаров	30,6	30,1	46,5	55,8	36.3
Миқдори ИГКП	26,9	6,2	13,7	13,4	17,8
Миқдори ФЭП-ҳосилноки	9,5	11,0	5,1	0	0
Дигарон	3,6	12,0	4,0	3,3	9,2

Дар баргҳои қабати сеюми навдаи генеративии юған қариб 46,5% нишона ба қандҳо ва қариб ҳамин миқдор ба ММРПБ ва ММРГ ворид шудааст. Дар барги вегетативӣ бе навдаи генеративӣ (юған) дохилшавии карбон ба ММРПБ камтар ба амал меояд. Дар мавриди маҳсулоти роҳи интермелиатҳои гликолатӣ (ММРГ), карбони нишонадоршуда ба онҳо 3 маротиба бештар ворид мешавад. Дар баргҳои вегетативӣ аз навдаи генеративии юған нишонаи карбон бештар ба сахароза дохил мешавад. Дар маҳсулотҳои ММРГ ^{14}C дар баргҳои юған нисбат ба дигар маҳсулотҳо чор маротиба бештар фаъол шудааст. Дар баргҳои қабати сеюми гулпоя афзоиши назарраси дохилшавии ^{14}C ба сахароза ва гликолат, инчунин афзоиши кам дар эфирҳои фосфории қанд (ЭФҚ), глитсин ва серин мушоҳида мешавад. Ҳамзамон, дар ин баргҳо коҳиши карбони радиоактивӣ дар малат ва моносахаридҳо ба назар мерасад. Бо тағйир ёфтани ҷойгиршавии баргҳои

растанӣ, дар барги вегетативӣ бе навдаи генеративӣ кам шудани нишона дар маҳсулотҳои даври Калвин, махсусан дар ФГК мушоҳида гардид. Синтези сахароза бо шиддат идома ёфт. Дар ин баргҳо миқдори ками ^{14}C дар гликолат ва моносахаридаҳо пайдо мешуд. Дар баргҳои вегетативӣ бо навдаи генеративӣ зиёда аз 80% карбони нишонадоршуда дар ФГК, ФЭС ва сахароза ҷамъ шудааст, ҳол он ки миқдори ками нишонадори он дар аланин, гликолат ва малат ошкор карда шуд.


Дар баргҳои қабати дуюми гулпоя аз боло, воридшавии ^{14}C ба ФГК 11,2% зиёд шуд, пайвастагиҳои дигар 8,4% афзоиш ёфтанд ва дар маҳсулоти роҳи гликолатӣ 20,7% кам шуд. Дар баробари ин, дар баргҳои таҳқиқшуда маҳсулоти ФЕП-карбоксилиронӣ дарёфт шуд, ки дар он миқдори ночизи карбони нишонашуда зиёд шудааст (расми 4.2.7.).

Дар баргҳои қабати сеюми гулпоя аз боло коҳиши суръати воридшавии ^{14}C ба маҳсулоти даври Калвин, аз ҷумла маҳсулоти ФЕП-карбоксилиронӣ ва дигар пайвастагиҳо коҳиш ёфтааст. Дар ин баргҳо, хусусияти тақсимоти ^{14}C ба маҳсулотҳо фарқ мекард ва дохил кардани карбони қайдшуда ба миқдори қандҳо то 46,5% афзоиш ёфта ва интермедиантҳои роҳи гликолат 13,7%-ро ташкил доданд (расми 4.2.8.).


Дар барги вегетативии бенавдаи генеративӣ, тағйирёбии ҷойгиршавии баргҳо дар растаниҳо ба хусусияти тақсимоти ^{14}C дар маҳсулоти фотосинтез таъсир расонид ва воридшавии карбони нишонадор ба маҳсулоти байни маҳсулотҳои даври Калвин ва дигар пайвастагиҳо дар муқоиса бо баргҳои дигари омӯхташуда коҳиш ёфт. Тааҷҷубовар аст, ки дар ин баргҳо ягон дохилшавии карбони радиоактивӣ (^{14}C) дар маҳсулоти ФЕП-карбоксилизатсия ошкор нашудааст. Воридшавии карбони нишонадор дар маҷмуи қандҳо афзоиш ёфт ва 55,8%-ро ташкил дод (расми 4.2.9.). Дар баргҳои вегетативии навдаи генеративӣ воридшавии карбони нишонадор ба маҳсулоти даври Калвин, маҷмуи кандҳо, интермедиантҳои роҳи гликолат ва дигар пайвастагиҳо нисбат ба баргҳои вегетативӣ бидуни навдаи генеративӣ афзоиш ёфт ва мутаносибан 36,7% 36,3%, 17,8% ва 9,2%-ро ташкил дод. Дар

ҳамон баргҳо воридшавии ^{14}C ба маҳсулоти ФЕП-карбоксилиронӣ мушоҳида нашуд (расми 4.2.10.).


Ҳамин тариқ, таҳлили маълумоти бадастомада нишон дод, ки воридшавии ^{14}C ба маҳсулоти фотосинтез дар баргҳои юғани хошокӣ вобаста ба ҷойгиршавии онҳо дар растанӣ, дар муносибати метаболитҳои гуногун (C_2, C_3, C_4) дар баргҳо инъикос меёбад.




Расми 4.2.6. - Тақсимоти ^{14}C дар маҳсулоти фотосинтез дар думчаи баргҳо қабати якуми гулпоя аз боло ба поён.




Расми 4.2.7. - Тақсимоти ^{14}C дар маҳсулоти фотосинтез дар думчаи баргҳои қабати дуюми гулпоя аз боло.



Расми 4.2.8. - Тақсимоти ^{14}C дар маҳсулоти фотосинтез дар думчаи баргҳои қабати сеюми гулпоя аз боло ба поён.



Расми 4.2.9. - Воридшавии ^{14}C дар маҳсулоти фотосинтез дар баргҳои вегетативӣ бе навдаи генеративӣ.



Расми 4.2.10. – Тақсимоти ^{14}C дар маҳсулоти фотосинтез дар баргҳои вегетативӣ бо навдаи генеративӣ.

Дар умум, таҳлили маълумотҳои ба даст овардашуда нишон доданд, ки тақсимоти ^{14}C дар маҳсулоти фотосинтез дар баргҳои юғани хошокӣ вобаста ба ҷойгиршавии онҳо дар растанӣ тағйироти ҷиддиро дар таносуби метаболитҳои алоҳида (C_2, C_3, C_4) ба амал меорад. Дар маҷмуъ, аз рӯи миқдори дохилшавии нишон ва самти метаболизми фотосинтетикии карбон дар маҳсулоти фотосинтез, растаниҳои юғанро метавон ба растаниҳои самти карбогидратӣ дохил кард.

БОБИ 5. Барқарорсозӣ ва истифодаи устувори захираҳои хӯроки чорво

5.1.1 Арзёбии деградатсияи растаниҳо дар чарогоҳҳои ноҳияи Варзоб

Дар минтақаи саваннамонандд ва баландпояи баландкӯҳ чаронидани аз ҳад зиёди чорво дар муҳитҳои муқаррарӣ ва норасоии намнокӣ ба сахтшавии хоки замин, хушк шудани хокҳо ва растаниҳои ксерофитӣ дар минтақаи эфемерӣ-эфемероидӣ ба шӯршавии хок оварда мерасонад. Аз чарогоҳҳои алафзор гурӯҳҳои сермаҳсултарин растаниҳои хӯроки чорво берун меафтанд. Зичии навъи таркиби алафзор ва маҳсулнокии он паст мешавад. Сипас, бо зиёд шудани кор, навъҳои нодир ва нобудшаванда, яъне лӯбиёгиҳо аз байн мераванд. Дар марҳилаҳои охирин намудҳои гуногуни таназзули чарогоҳҳо,

дар алафзор танҳо алафҳои гуногуни бегона ва гурӯҳҳои гуногуни маҳсулнокиашон паст боқӣ мемонанд. Дар натиҷаи ин, таркиби флористикии чарогоҳҳои алафзор нопурра ва камбизоат мегардад.

Ҳамин тариқ, дар ҷараёни деградатсияи чарогоҳҳо растани пӯшии онҳо нобуд мегардад ва ҷойҳои урён ба вуҷуд меоянд. Бенизом чаронидани чорво дар чарогоҳҳои кӯҳӣ боиси ифлосшавии онҳо, ташаккули пайраҳаҳо ва роҳчаҳои зиёди поймолшуда, инчунин шиддат гирифтани эрозияи нишебии кӯҳҳо мегардад. Барқароршавии табиии чарогоҳҳои вайроншуда дар тули даҳсолаҳо сурат мегирад. Ҳамин тавр, барои барқароршавии чарогоҳҳо дар минтақаи биёбонӣ 15-20 сол лозим аст. Дар шароити кӯҳҳо, чарогоҳҳои типчоқи растаниҳои баландпоя, ки дар тули 10 сол ҳамагӣ 30-35% барқарор мешаванд, марғзорҳои баландкӯҳи растаниҳои пастпоя дар тули 10 сол андаке барқарор мегарданд. Хусусияти умумии мушкилоти таназзули чарогоҳҳои ноҳияи Варзоб дар ҷадвали 5.1.1. оварда шудааст.

Тағйирёбии иқлим, афзоиши номуътадилии обу ҳаво ва иқлим, хушксолӣ, ифлосшавии муҳити зист, тағйирёбии таркиби растаниҳо, фишурдашавии хок ва коҳиши ҳосилхезии он, зиёдшавии боришоти чарогоҳҳо ва аз ҳад зиёд чаронидани чорво боиси тез бадшавии вазъи умумии экологӣ мегарданд. Деградатсияи чарогоҳҳо ва паст шудани маҳсулнокӣ, вайроншавии растаниҳо ва хок, ифлосшавии чарогоҳҳо, бад шудани сифати алафзорҳо, коҳиш ёфтани гуногуннавъии растаниҳо, шусташавии хок ва ифлосшавии хӯроки чорво ва оби нӯшокӣ боиси тағйирёбии таркиби сифатии ширу гӯшт мегардад.

Ҷадвали 5.1.1. Хусусияти мушкилоти таназзули чарогоҳҳои ноҳияи Варзоб

Масоил	Манбаъҳои асосии харобшавии чарогоҳҳо	Омилҳои стресс	Оқибатҳои ногувор ва таъсири он ба саломатӣ ва муҳити зист	Ҷиддияти нисбӣ ва дараҷаи баҳамтаъсир кунандагӣ
Харобшавии чарогоҳҳо	- беҳуда чаронидан ва истифодабарии чарогоҳҳо; - шудгор ва ғайримақсаднок истифодабарии	- нобудкардан алафзор; - сахт куфташавии хок ва қулухшавии он; - пайраҳаҳо ва	-паст шудани сифати маҳсулотҳои хӯрока: гӯшт, шир; -нобудшавии гиёҳҳои доруворӣ,	- хавфнокии нестшавии пӯшиши наботот ; - вайроншавии хусусияти ҳамеша барқароршавии

	нишебиҳои қаторкӯҳҳои чарогоҳо; - сайёҳат ва чун истироҳатгоҳ истифода бурдани чарогоҳҳо; -эрозияшавии хоки чарогоҳҳо; -тағйирёбии экологии иқлим; -ифлосшавии муҳити беруна; - пастшавии иқтидори тавонои чарогоҳҳо	гузаргоҳ; - истифодабарӣ ; - шустушӯшавии хок ва паст шудани ҳосилхезии он дар чарогоҳҳо ; -авҷи касалиҳо ва ҳашаротҳои зараррасон; -хушкӣ, биёбоншавӣ; - гарду чанг ва ифлосшавии чарогоҳҳо	гулҳои зебои нодир ва дигар растаниҳо; - пастшавии хусусиятҳои тандурустӣ – профилактикӣ ва пешгирии чарогоҳҳо	растаниҳо дар чарогоҳҳо; -вайроншавӣ ва эрозияи хок; -зарари иқтисодӣ; -вайроншавии ғизо таъминкунӣ; -вайроншавии устувории экосистемаҳои чарогоҳҳо

Ин боиси коҳиши истеҳоли маҳсулоти арзишманди чорводорӣ ва пастшавии арзиши биологии маҳсулоти асосии ғизои аҳолӣ мегардад. Аз даст додани маҳсулоти хӯрокворӣ ва паст шудани сифати он, инчунин паст шудани солимгардонӣ-профилактикӣ ва хусусиятҳои пешгирии чарогоҳҳо ба саломатии инсон таъсири манфӣ мерасонад.

Дар натиҷаи таҳлили мушкилоти деградатсияи чарогоҳҳо, сабабҳои асосии бадшавии чарогоҳҳо ва андозаи пешакии зарар ба рушди кишоварзии ноҳияи Варзоб муайян карда шуданд. Тавре ки аз ҷадвали 5.1.2. бармеояд, захираи умумии вазни рӯизаминӣ дар ҳамаи чарогоҳҳои ноҳия 72,1 ҳазор тоннаро (аз рӯи маводҳои инвентаризатсияшудаи чарогоҳҳо), ки аз онҳо қисми истеъмолӣ ба 30,5 ҳазор тонна баробар буд, ташкил дод. Ин миқдори хӯроки чорво наметавонад талаботи саршумори ҳайвоноти мавҷударо, хусусан дар минтақаҳои чарогоҳҳои эфемерӣ-эфемероидӣ таъмин намояд. Потенсиали ҳосилнокии ин чарогоҳҳо хеле баландтар аст. Дар ин бора натиҷаҳои таҷрибаҳои сершумор ва маълумотҳое, ки ҳангоми истифодаи онҳо дар мавсими алафдаравӣ ба даст оварда шудаанд, шаҳодат медиҳанд. Чӣ тавре ки дар боло қайд карда шуд, дар натиҷаи деградатсия маҳсулнокии чарогоҳҳои алафзор якчанд маротиба коҳиш ёфтааст. Ин ба рушди чорводорӣ ва ҳифзи табиат зарари калон мерасонад.

Ҷадвали 5.1.2. – Маҳсулнокии чарогоҳҳои ноҳияи Варзоб

Хелҳои чарогоҳ	Майдон,	Ҳосили вазни хушк, с/га	Захираи умуми, т

	Га	Умумӣ	Хӯрдашаванда	Умумӣ	Хӯрдашаванда
Эфемерӣ- эфемероиднӣ	25810	6.3 -13.5	3.1 - 7.2	25552	13292
Юғанӣ	12340	14.7-18.1	2.4 - 6.8	20238	4442
Марғзорӣ (баланд ва алафҳои паст)	10842	7.0 - 15.5	4.0 - 7.9	12198	6451
Даштҳои хоралафдошта	18958	5.3 - 9.6	2.1 - 4.6	14124	6351
Ҳамагӣ	67950	-	-	72112	30536

Ба пешгирии деградатсияи чарогоҳҳо бо меъёр чаронидани чорво ва ворид намудани гардишҳои чарогоҳӣ мусоидат мекунад. Ин тақсимоти чарогоҳҳо ба қитъаҳо бо навбат чаронидан, риояи вазъи чарогоҳҳо, хардумак ва муҳлатҳои чаронидани чорво, инчунин ҷорӣ кунондани тартиби усулҳои чаронидани чорворо дар бар мегирад. Ҳамчунин муҳим аст, ки суръати рушди алафзорро беҳтар кунем. Барои баланд бардоштани ҳосилнокии чарогоҳҳо методҳои гуногун, ба монанди ворид намудани нуриҳо, обёрӣ, навсозии алафзор, кишти иловагии алафҳо дар қабати хокии вайроншуда ва тоза кардани сангҳо истифода мешаванд. Ин чораҳо ба ташаккули сермаҳсулӣ, алафзори тезрушдкунанда бо қабати решагии мустаҳкам ва тобовар мусоидат мекунанд.

Барои барқарор кардани чарогоҳҳои деградатсияшуда бояд чаронидани чорво дар заминҳои нам ва тар, хусусан баъд аз борони сел, аввали баҳор ва охири тирамоҳ манъ карда шавад. Дар нишебиҳои хавфи эрозия, растаниҳои чарогоҳ тавассути кишти иловагӣ ва кишти тухмиҳо барқарор карда мешавад. Илова бар ин, иваз кардани тарзи истифодаи чарогоҳ ба дарав кардани алаф барои тайёр кардани хасбеда ё беда амалӣ карда мешавад, ба чарогоҳҳо фурсати барқароршавӣ дода мешавад ва ба муддати 1-2 сол дар чарогоҳҳои деградатсияшуда чаронидани чорво манъ карда мешавад. Маълумотҳои ҷадвали 5.1.3. нишон медиҳанд, ки ҳангоми озодона чаронидани чорво ҳосилнокии растаниҳои чарогоҳ то соли 5-ум 32% коҳиш меёбад, ҳол он ки ҳангоми бо меъёр чаронидани чорво, баръакс, ҳосилнокӣ 55% зиёд мешавад ва ҳангоми истифодаи алафзор тибқи нақшаи чарогоҳгардон ҳосилнокӣ 67% нисбат ба соли аввала афзоиш меёбад.

Ҷадвали 5.1.3. – Таъсири системаи чаронидани чорво ба ҳосилнокии алафзори чарогоҳҳои кӯҳӣ (с/га вазни хушк)

Системаи чарогоҳ	Миёна дар 5 сол	Дар 1-ум Сол	Дар ҷои 5-ум сол	Соли 5-ум ба 1-ум, %
Чарогоҳҳои озод , 3 давраи ҷобаҷогузорӣ	13,3	13,0	8,9	68
Чарогоҳи меъёрӣ, 2 давра	16,9	11,8	18,3	155
Тибқи схемаи чарогохгардон	17,0	11,7	19,5	167

Ҳадаф, вазифаҳо ва нишондиҳандаҳои баркарорсозии чарогоҳҳои таназзулёфтаи ноҳияи Варзоб дар ҷадвали 5.1.4 оварда шудаанд. Барои ҳалли мушкилоти таназзули чарогоҳҳо зарур аст, ки чорабиниҳо оид ба истифодаи оқилонаи чарогоҳҳо ва ҷойи алафдаравӣ таҳия ва ҷорӣ карда шаванд. Бо мақсади расидан ба ин ҳадаф, вазифаҳое пешбинӣ шудаанд, ки барои ислоҳи камбудиҳо ҳангоми идоракунии чарогоҳҳои ноҳияи Варзоб роҳ дода шудаанд, нигаронида шудаанд. Ба онҳо: чаронидани аз ҳад зиёди чорво (чаронидани аз меъёр зиёд), шудгори чарогоҳҳои нишеби беохирдошта, эрозияи чарогоҳӣ, набудани нигоҳубини дурусти алафзор ва чораҳои мубориза бо алафҳои заҳрнок ва хордор, набудани низоми истифодаи оқилона ва бехтарсозии чарогоҳҳо, норасоии тухмии алафҳои чарогоҳӣ ва ғайра дохил мешаванд. Баргузории инвентаризатсияи заминҳои табиии хӯроки чорво бо таҳияи тавсияҳо оид ба бехтарсозӣ ва истифодаи устувори чарогоҳҳо ва ҷойи алафдаравӣ зарур шуморида мешавад (ҷадвали 5.1.4). Инчунин, бояд омӯзиши мутахассисон, фермерон ва хоҷагиҳои деҳқонӣ оид ба асосҳои идоракунии чарогоҳҳо ташкил карда шавад.

Ҷадвали 5.1.4. - Ҳадаф, вазифаҳо ва нишондиҳандаҳои баркарорсозии чарогоҳҳои таназзулёфтаи ноҳияи Варзоб

Масъала	Мақсад	Вазифаҳо	Нишондиҳандаҳо
Таназзули чарогоҳҳо	Таҳия ва татбиқ кардани чорабиниҳо оид ба истифодаи оқилонаи чарогоҳҳо ва алафзорҳои ноҳияи Варзоб	-гузаронидани инвентаризатсияи чарогоҳҳо ва алафзорҳо ; - схемаҳои нақшаҳои чарогоҳгардонро барои хоҷагиҳо тартиб диҳанд; – иҷрои барномаи «Бехтар намудани аҳвол ва истифодаи оқилона чарогоҳҳо (нуриҳо, обёрӣ ва ғ.) Ташкил намудани омӯзишҳо оид ба хубиҳои	- харитаҳо, маводҳои тахлилӣ ва тавсияҳо оид ба истифодабарии чарогоҳҳои ноҳияи Варзоб; - Ҳаҷми татбиқи СҶИ: шумораи хоҷагиҳо майдони чарогоҳ, вазни чорво НВ маҳсулнокии чарогоҳҳо; - ташкили ҷамъияти истифодабарандагони чарогоҳҳо (ҶИЧ); - шумораи муроҷиатҳои кишоварзон барои беҳтар намудан ва истифода бурдани чарогоҳҳо; - шумораи лоиҳаҳо

		чорводорӣ ва фермерии доир ба омӯзиши ислоҳи идоракунии чарогоҳҳо	(тайёр ва амалӣ); - майдони ботлоқшавии чарогоҳҳои доманакӯҳ (га) ; -майдонҳо, бо пошидани нуриҳо - майдонҳои кишти растаниҳои хуроки чорво; - шумораи деҳқонони таҷрибанок; - шумораи курсҳо ва тренингҳо - шумораи мутахассисон, ки барои маҳаллӣ тайёр карда шудаанд

Ҳамчун нишондиҳандаҳое, ки имкон медиҳанд иҷрои вазифаҳои пешбинишударо баҳогузорӣ намоем, нишондиҳандаҳои зерин: таҳияи харитаи алафзорҳои хӯроки чорво, нақшаҳои тахминии гардиши чарогоҳҳо (НГЧ) ва ҳаҷми ҷорӣ намудани онҳо, интихоб карда шуданд. Ба инҳо: масоҳати чарогоҳҳо, шумораи хоҷагиҳои фермерӣ, вазни ҳайвонот, маҳсулнокии чарогоҳҳо ва ғайра дохил мешаванд. Барои баҳогузории татбиқи чорабиниҳо оид ба беҳтарсозии чарогоҳҳо ва ҷойи алафдаравӣ ҳамчун нишондиҳандаҳо: шумораи дархостҳои фермерҳо ва лоиҳаҳо (омодашуда ва амалигардида), масоҳати обёрӣ, беҳтарсозии чарогоҳҳои рӯизаминӣ ва маҳаллӣ метавонанд хизмат кунанд.

Нишондиҳандаҳои омӯзиши фермерҳо ва хоҷагии деҳқонӣ оид ба асосҳои идоракунии чарогоҳҳо ва технологияҳои нави барқарорсозии чарогоҳҳои деградатсияшуда миқдори барномаҳои омӯзишӣ ва тренингҳо, шумораи омӯзонидашудаи фермерҳо ва хоҷагии деҳқонӣ, омодашудаи тренерҳои маҳаллӣ мебошанд (ҷадвали 5.1.4.).

Ба сифати нишондиҳандаҳои ботаникӣ-хоҷагидорӣ арзёбии ҳолат ва сифати корҳои анҷомдодашуда (КА) оид ба беҳтарсозии чарогоҳҳои таназзулёфта, инчунин таркиби ботаникии алафзор, сабзиш, инкишоф ва маҳсулнокии растаниҳои хӯроки чорвои чарогоҳҳо, зичии қабати алафзор, эрозияи обию шамолии хокҳои чарогоҳҳо, иқтидор ва дараҷаи истифодабарии чарогоҳҳоро метавон истифода бурд

5.2. Барқарорсозӣ ва истифодаи устувори захираҳои растаниҳои хӯроки чорво

Дар айни замон масъалаи ҷиддӣ барои ташкили истифодаи оқилонаи чарогоҳҳои баландкӯҳ ва ҷойи алафдаравии ҷумҳурӣ ба миён омадааст. Сабаи ифлосшавӣ ва паст будани маҳсулнокии хӯроки чорво он аст, ки ин чарогоҳҳо нигоҳубин намешаванд ва усулҳои оқилона истифода бурдани онҳо роҳандози намешаванд. Ҳангоми чаронидани ҳайвоноти хонагӣ дар чарогоҳҳо меъёр, вақт ва теъдоди чаронидан, ки аз ҷиҳати илмӣ асоснок шудааст, риоя намешаванд ва набудани гардиши системаи чарогоҳӣ мушоҳида намешавад. Таназзули чарогоҳҳоро аксар вақт бо бад шудани шароити гидротермикии онҳо шарҳ медиҳанд, вале дар асл, сабаби асосӣ дар идоракунии нодуруст ва барангехтани методҳои ғайри самарабахши чарогоҳҳо мебошад. Ҳамин тавр, дар мавзеи ҳавзаи дарёи Зиддӣ дар шароити тақрибан якхела, алафзорҳое, ки аз чаронидани чорво алоҳида нигоҳ дошта шуда барои алафдаравӣ истифода мешаванд, 25-30 с/га хасбедаи сифати хубро медиҳанд, дар мавзеъҳое, ки ҳосилнокии умумӣ помол карда шуд, ҳаминро бояд қайд кард, ки дар ин ҷо то 90%-ро алафҳои истеъмолнакунанда, ки 50-70% аз онҳо ба ҳиссаи хоралафи хордор рост меояд, ташкил медиҳад. Масоҳати чунин чарогоҳҳои хорноку таназулёфта, тақрибан 1/3 ҳиссаи чарогоҳҳои баландкӯҳи тобистонаи Тоҷикистони Марказиро ташкил медиҳад. Чунон ки мебинем, захираҳои биоиқлимӣ дар ин ҷо имкон медиҳанд, ки миқдори зиёди вазни сабзро ба даст овард, вале аҳаммияти онҳо ба фаъолияти худи инсон вобаста аст.

Дар 10-15 соли охир, муассисаҳои илмӣ як қатор усулҳои хеле самарабахши беҳтарсозии сатҳи болоӣ ва аслии чарогоҳҳои баландкӯҳро таҳия ва тавсия доданд. Баъзе аз онҳо дар шароити истеҳсолӣ истифода мешаванд. Ҳамин тавр, дар солҳои охир дар масоҳатҳои калон корҳои беҳтарсозии сатҳи болоии чарогоҳҳои баландкӯҳ: ворид намудани нуриҳо, мубориза бо алафҳои бегона, кишти алафҳои хӯрокии чорво ва ғайра анҷом дода шуданд.

Ба усулҳои беҳтарсозии киштзорҳои табиии хӯроки чорво: танзими хардумак, обу ҳавои хок, мубориза бо алафҳои бегона, истифодаи нуриҳо,

кишти дигар алафҳо ва ғайра дохил мешаванд. Беҳтарсозии сатҳи болоии чарогоҳҳои вайроншуда, ки он дар ҳолати сустшавии арзёбии ҳолати алафҳои хӯроки чорво (на камтар аз 20-25%) нигоҳ дошта шудаанд, ё дар баъзе ҳолатҳое, ки релефи маҳал имконияти гузаронидани шудгоркунӣ ва коштани алафро, мавзеъҳои сангин, хоки камтаъсир надорад, гузаронида мешавад.

Тоза кардани сангҳо. Танҳо бо роҳи тоза кардани майдон аз сангҳо мумкин аст, ки масоҳати фоиданоки чарогоҳҳоро ба 10-20% ва ҳатто бештар зиёд намуд ва маҳсулнокии онҳоро ба таври назаррас баланд бардошт. Дар таҷрибае, ки дар Арманистон дар марғзорҳои алпӣ гузаронида шуд, ҳангоми тоза кардани сангҳо ҳосилнокии алафзорҳо ба ҳисоби миёна дар 3 сол ба 14%, дар чарогоҳҳои баландпоя то ба 25% зиёд гардид. Дар шароити Озарбойҷон, зиёдшавии ҳосили чарогоҳҳои субалпӣ баъд аз тоза кардани сангҳо 20,6-34,2%-ро ташкил дод. Дар мавзеи Зиддӣ бошад, сангҳои ҷамъшударо дар киштзорҳои алафдаравӣ барои зина-зинакунии нишебиҳо истифода мебаранд.

Танзими меъёри обу хаво ва хок. Алафҳои марғзор танҳо дар минтақаҳои дорои шароити обу ҳавои хок ҳосили баланд медиҳанд. Намнокии оптималии хок барои сабзиши алафҳои хӯшадорон 70-80%, барои лӯбиёгиҳо - 60-70% аз ғунҷоиши пурраи намӣ мебошад.

Чарогоҳҳои баландкӯҳ аз норасоии намӣ азият мекашанд. Дар ин ҷо об яке аз омилҳои асосии маҳдудкунанда барои ташкил кардани ҳосилнокии баланди вазни хӯроки чорво ба ҳисоб меравад. Тибқи маълумоти Х.Ю. Юсуфбеков дар Помир обёрии чандинсолаи чарогоҳҳои баландкӯҳӣ баландпояи саваннамонандд боиси марғзоргардонии онҳо, яъне ташкил намудани алафзорҳои ҳосили баланду дорои таркиби хуби ботаникӣ гардид [120]. Дар ин ҷо обёрӣ ва шинондани тухми растаниҳои хӯшадорон ва лӯбиёгиҳо ҳосилнокии чарогоҳҳоро то 10 маротиба зиёд мекунад. Таҷрибаҳои Помир нишон доданд, ки истифодаи обҳои селоби дарёҳои маҳаллӣ барои обёрии чарогоҳҳо имконият дорад.

Дар минтақаи субалпии доманаи ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор (мавзеи Зиддӣ) дар ҳудуди совхози ба номи Ҳасан бо роҳи обёрии ҷамоаҳои марғзорҳои гуногуналаф ва юғанзорҳо ҷойҳои алафдарав бо ҳосилнокии баланди хӯшадорон-лӯбиёгиҳо дар майдони зиёда аз 500 га ташкил карда шуданд.

Кишти дубораи алафҳо. Дар чарогоҳҳо ва алафзорҳои табиие, ки пӯшиши зич ва решапояи қавӣ доранд, навдаҳои алафҳои кошташуда аксар вақт фишор меоранд ва метавонанд зери сояи растаниҳои маҳаллӣ нобуд шаванд. Аз ин рӯ, тавсия дода мешавад, ки коштани дубораи алафҳо дар қитъаҳои сахт чаронидашуда анҷом дода шавад, инчунин бо дигар чорабиниҳо, аз қабили тоза кардани сангҳо, мубориза бо алафҳои бегона, ворид кардани нуриҳо ба таври сатҳӣ ва коштани минбаъдаи алаф якҷоя гузаронида шавад.

Дар ноҳияҳое, ки иқлимашон хушк мебошад, натиҷаҳои хуб аз кишти дубораи алафҳо, танҳо бо обёрикунонӣ ба даст оварда мешавад. Барои минтақаҳои баландкӯҳи Помири Ғарбӣ тавсия дода мешавад, ки дар заминҳои обёришаванда алафҳои худрӯйи маҳаллӣ - чағази шарқӣ, ҷави туркистонӣ, мӯйалаф, аз кишоварзӣ - марғи бе решаи асосӣ ва бомуси чорӯбмонанд кошта шавад. Ҳангоми обёрикунӣ ва коштани юнучқаи кабуд ва қатраборони хордор дар чарогоҳҳои баландкӯҳи баландпояи водии Алай ҳосилнокии вазни хушки алаф дар соли сеюм аз 3,9 то 24,1 с/га афзоиш ёфт. Дар чарогоҳҳои баландкӯҳи мавзеи Зиддӣ боз коҳиши тухмиҳои қатраборони хордор, кирсинаи тунукбарг, хардумаки омехта, қӯноқаки зарафшонӣ ва бомуси чорӯбмонанд гузаронида шуд.

Барои кам кардани рақобат аз ҷониби алафҳои мавҷуда ва беҳтар кардани шароит барои сабзидани алафҳои кошташуда, тавсия дода мешавад, ки усули қаторӣ коштани тухмҳо (усули бидуни коркарди хок) истифода шавад. Дар ин усул, хокро бо ранда (фрезер) дар як вақт (баробар) ба қаторҳои паҳноии 8-10 см ҷудо намуда, бо фосилаи байни қаторҳо 45-60 см тухми растаниҳои хӯроки чорво кошта мешавад.

Ҳангоми бозкоҳиши алафҳо таркиби ботаникии алафзори чарогоҳҳо ва алафдаравҳо ба таври назаррас беҳтар мегардад. Самаранокии бозкоҳиши алафҳо бо ворид кардани нуриҳои иловагӣ боз ҳам баландтар мешавад.

Муҳлати беҳтарини бозкоҳиш аввали баҳор ё тирамоҳи дер (то зимистон) мебошад. Барои ҳифзи беҳтари навниҳолҳои сабзида, тавсия дода мешавад, ки дар соли бозкоҳиш аз чаронидани чорво худдорӣ карда шавад.

Роҳҳои мубориза бо алафҳои бегона. Яке аз сабабҳои асосии паст будани маҳсулнокии чарогоҳҳои баландкӯҳ ва бад будани сифати хӯроки чорво ин зиёдшавии алафҳои бегона мебошад. Ҳангоми истеъмоли алафҳои бегона онҳо метавонанд боиси бемориҳо ва ҳатто марги ҳайвонот гарданд, инчунин сифати маҳсулоти чорводориро коҳиш медиҳанд.

Чорабиниҳое, ки ба бартарафсози ифлосии чарогоҳҳои кӯҳӣ ва алафзорҳо равона шудаанд, бояд хусусияти системавӣ дошта бошанд ва онҳо ба гурӯҳҳои зерин муттаҳид карда шаванд:

1. Чорабиниҳои пешгирикунанда, ки ба пешгирии паҳншавии тухми алафҳои бегона аз берун ва худпаҳнкунии онҳо равона шудаанд. Ин ба воситаи ҷорӣ кардани чаронидани оқилона ва нигоҳубини чарогоҳ ба даст меояд.

2. Чорабиниҳои фитосенотикӣ ба тақвияти растаниҳои хӯроки чорво муҳим ва барои баланд бардоштани рақобатпазирии онҳо ҳамзамон, бо коҳиш додани намудҳои номатлуб равона шудаанд. Бо истифода аз нуриҳо, обёрӣ, тағйири усулҳои истифодаи заминҳо ва ғайра амалӣ карда мешаванд. Дар таҷрибаҳои мо дар минтақаи ағбаи Анзоб (қисмати марказии қаторкӯҳи Ҳисор, 3350 м аз сатҳи баҳр) истифодаи нуриҳои минералӣ (NPK) дар ассотсиатсияи хӯшадорҳо) - хоралаф - (*Oxýtropis)* ба афзалияти марғзорҳои ғаллагиҳо, ба монанди ҷорубаки бухороӣ ва гули сурх (36-38 %), инчунин алафҳои гуногуни хӯрдашуда (48%) бо шомилшавии марзангӯш, анҷибар ва сангдавак оварда расонид. Ҳамзамон, ҳиссаи алафи бегонаи хордори хоралафи Франше дар ҳосил аз 14% дар варианти назоратӣ (контрол) то 6% бо нуриҳои коркардашуда коҳиш ёфт. Дар соли чоруми таҷриба, дар зичии

алафзор бо нуриҳо коркардшудаи қитъаи сабзиши хоралаф мушоҳида нашуданд, дар ҳоле ки дар варианти назоратӣ 4-6 сабзиш дар 1 $м^2$ ба қайд гирифта шуд.

3. Чораҳои нобудкунанда (механикӣ) - ин поккории мунтазами алафҳои бегона дар марҳилаи максималӣ заифшавии захираҳои алафҳои бегона дар узвҳои зеризаминии онҳо (фазаи поягирӣ ва ғунчабарорӣ) ба шумор меравад.

Истифодаи нуриҳои минералӣ. Хоки чарогоҳҳои баландкӯҳ ва ҷойи алафдаравии ҷумҳурӣ бо шаклҳои дастраси нитроген ва фосфор кам таъмин аст. Пӯшиши сатҳии чарогоҳҳои табиӣ ва дарави алаф ҳар сол миқдори муҳимми моддаҳои ғизоӣ бо ҳосил бароварда мешавад. Бо ин қобилияти баланди таъсир ба киштзорҳои табиии хӯроки чорво ба нуриҳои нитрогенӣ ва фосфорӣ шарҳ дода мешавад (ҷадвали 5.2.1).

Аз ҷадвал бармеояд, ки дар чарогоҳҳои баландкӯҳи баландпоя ва марғзорӣ истифодабарии $N_{60}P_{45}K_{30}$ ҳосилнокӣ то 22-36 с/га меафзояд, дар ҳоле ки дар варианти назоратӣ он 11-16 с/га аст.

Ҷадвали 5.2.1. – Таъсирнокии нуриҳои нитрогенӣ дар чарогоҳҳои баландкӯҳи қаторкӯҳи Ҳисор (вазни хушку ҳавоӣ, с/га).

Намудҳои чарогоҳҳо	Ҳосили (миёнаи солҳои 1973-83)		Афзоиши ҳосил аз миқдори нитроген (кг/га) дар заминаи ($P_{45}K_{30}$)		
	Назоратӣ	P_{45} K_{30}	30	60	90
1	2	3	4	5	6
Чарогоҳҳои дашти баландкуҳ					
Алафҳои даштӣ	11,8	13,	9,5	16,5	23,5
Растаниҳои омехта	11,0	12,	5,5	11,3	12,0
Криофилии алпи чарогоҳҳо					
Растаниҳои алафии мутобиқ ба шароити шурзамин ва ботлоқ	10,7	11,	9,3	15,3	12,0
Oxytropis	16,0	21,	8,4	14,3	17,5

Аз рӯи маълумотҳои мо, истифодаи нуриҳо ҳосилнокии юганзорҳоро ба андозаи 44,9-47,3% зиёд мекунад.

Таҳти таъсири нуриҳо таркиб ва сохтори алафзор ба таври назаррас тағйир меёбад, сифати хӯроки чорвои чарогоҳӣ беҳтар мешавад, ҳиссаи

намудҳои растаниҳои хӯрдани боб ва арзиши ғизоии онҳо меафзояд. Муқаррар гардид, ки дар ҳолати фаровонии моддаҳои ғизоӣ дар хок, растаниҳои марғзорӣ обро камтар истифода менамоянд. Аз миқдори шаклҳои минералии нитроген дар хок муносибати растаниҳо ба намнокӣ, ҳавогузаронӣ ва хардумак ба низоми ҳароратӣ вобаста аст. Мӯҳлати беҳтарини ворид кардани нуриҳо дар чарогоҳҳои баландкӯҳ ва ҷойи алафдаравӣ моҳҳои май-июн, баъди обшавии барфҳо, дар оғози марҳилаи нашъунамои фаъоли растаниҳо мебошад.

Навъҳои аз ҳама мувофиқтарини нуриҳои минералӣ барои ворид кардан ба чарогоҳҳо инҳо: аз гурӯҳи нуриҳои нитрогенӣ - селитри аммиак, карбомид (мочевина), сулфати аммоний; аз фосфорӣ - суперфосфати одӣ ва дукарата; аз нуриҳои комплексӣ - нитрофос ва аммофос мебошанд.

Таъсири нуриҳои комплексӣ ба ҳосил ва сифати хӯроки чорвои чарогоҳӣ бо таъсири нуриҳои одӣ, ки дар миқдорҳои баробар ворид шудаанд, баробаранд.

Таъсиси алафзорҳои кишташудаи чарогоҳҳо. Дар шароити баландкӯҳ, бо сабаби ҳарорати пасти ҳаво ва кӯтоҳ будани давраи вегетатсионӣ, навъҳои ояндадор инҳо: аз лӯбиёгиҳо - юнучқа, қатраборон, мунчи борикбарг; хӯшадорон – хорпуштаки омехта, ҷорӯбаки бухороӣ, гули сурх, рубоҳдуми зарафшонӣ ва ғайра мебошанд. Натиҷаҳои озмоиши растаниҳои хӯроки чорво дар минтақаи ағбаи Анзоб (3350 м) нишон доданд, ки рӯбоҳдум ва ҷави туркистонӣ барои таъсиси алафзорҳо ва чарогоҳҳо манфиатбахш мебошанд. Ҳосилнокии қӯноқак дар заминаи нуриҳо дар соли панҷуми ҳаёт зиёда аз 50 с/га вазни хушкро ташкил медиҳад.

Истифодабарии оқилонаи чарогоҳҳо. Барои истифодаи оқилонаи алафзорҳои табиии хӯроки чорво, донистани динамикаи инкишофи алафзор, таркиби ботаникӣ, муҳлати оптималӣ, тақсимшавӣ ва даровардани нақшаҳои чарогоҳгардонӣ зарур аст.

Дар натиҷаи таҳқиқотҳои чандинсолаи статсионарӣ муайян гардид, ки алафзорҳои субалпикӣ ва алпӣ чарогоҳҳои қаторкӯҳи Ҳисорро 1-2 маротиба

дар марҳилаи нашъунамоӣ метавон барои чарондан истифода бурд. Чаронидани чорворо сараввал дар марҳилаи хӯшабандии доминантӣ дар даҳаи аввали моҳи июл ва минбаъд дар нимаи дуюми моҳи август гузаронидан тавсия дода мешавад.

Барои чарогоҳҳои тобистонаи марғзорҳои алпӣ схемаҳои зерини чарогоҳгардонӣ; соли аввал - чаронидан дар фазаи буттазании пӯшиши алафзор; соли дуюм - дар фазаи гулкунӣ; соли сеюм - чаронидан дар фазаи хушкидани вазни рӯизаминии алафзор пешниҳод мегардад.

Дар умум, ҳолати заминҳои табиии хӯроки чорво дар айни замон бениҳоят нигаронкунанда аст, ки махсусан дар чарогоҳҳои баландкӯҳи қаторкӯҳи Ҳисор эҳсос мегардад. Чунин вазъият дар шароити чаронидани тулонии бенизом ва набудани ҳар гуна чораҳои беҳсозӣ ва нигоҳубини чарогоҳҳо ба вуҷуд омадааст.

Зарур аст, ки низоми идоракунии чарогоҳдории кишвар ба таври куллӣ бозсозӣ шавад, ки ин бояд дар асоси тезонидани татбиқи тавсияҳои илман асоснок сурат гирад.

6. БАРРАСИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ

Дар боби мазкур таҳлил ва баррасии ҳамаҷонибаи натиҷаҳои таҳқиқоти биоморфологӣ, ва физиологию биохимиявии набототи баландпояи саваннамонанди қисми ҷануби қаторкуҳи Ҳисор пешниҳод гардидааст. Диссертатсия аз панҷбоб иборат буда, ҳар як боб вобаста ба ҷанбаҳои нақша ба иҷро расонида шудааст.

